ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 347. 451 (575.3)**
**ТКБ: 65. 9 (2) 421**
**А – 35**

**АЗИМЗОДА ҲАЙДАРШОҲ РАҶАБ**

# ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА: МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
**ҒАЮРЗОДА ШУКРУЛЛО КАРОМАТУЛЛО**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.....................3

**МУҚАДДИМА**..........................................................................................4-19

**БОБИ 1. МОҲИЯТИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ**.........................................................................................20-76

1.1. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана.............20-40

1.2. Асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана.........................40-62

1.3. Таснифи шартномаи хариду фурӯши чакана.......................................62-76

**БОБИ 2. УНСУРҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА**...........................................................................................77-148

2.1. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана.....................................77-99

2.2. Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана…..................................99-109

2.3. Мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана.................................109-134

2.4. Хусусиятҳои тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана.............................................................................................134-148

**БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИИ ФУРӮШАНДА ТИБҚИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА**................................149-182

3.1. Рӯёнидани зарари молумулкӣ дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадориҳои фурӯшанда.................................................................................................149-162

3.2. Масъалаҳои асосии товони зарари маънавӣ ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аз ҷониби фурӯшанда..............................162-181

**ХУЛОСА**..............................................................................................182-186

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.........................................................................................187-188

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**................................................189-208

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...............................................................................................209-211

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ВАО** – Воситаи ахбори омма;

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КА ҶТ** – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КГ ҶТ** – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМ ҶТ** – Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ;

**КММ** – Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид;

**ТБМ** – Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**КГ ФР** – Кодекси граждании Федератсияи Россия

**ФР** – Федератсияи Россия;

**б.** – банд;

**б.б.** – бандҳо;

**қ.** – қисм;

**қ.қ.** – қисмҳо;

**м.** – модда;

**м.м.** – моддаҳо;

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Таъмини харидорон бо ашёи сифатноку бехатар ва бо нархи дастрас яке аз вазифаҳои муҳим дар сиёсати иқтисодии давлат ва фаъолияти иштирокдорони касбии бозори истеъмолӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар паёмҳо, суханрониҳои худ оид ба таъмини саривақтии аҳолӣ бо ашёи хушсифат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, пешгирии воридоти ашёи бесифату ба саломатии шаҳрвандон хатардошта ва рушди савдои ашёи истеъмолӣ таъкид карда буданд. Чунончи дар Паёми худ, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22.12.2017 таъкид карданд: «Таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, ки шарти асосии солимии мардум мебошад, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати пешгирии воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва ғайристандартӣ мақомоти ваколатдорро зарур аст, ки доир ба риояи ҳатмии Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» чораҳои таъхирнопазир андешанд» [54].

Шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз воситаи муҳимми қонеъ гардонидани талаботи харидорон бо ашёи хушсифат ва бехатар барои ҳаёт, саломатӣ ва молумулкӣ онҳо, ҳимояи ҳуқуқу манфиати истеъмолкунандагон ва рушди бозори истеъмолӣ мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ шароити муносиб замина гузошт, ки соҳаи хусусӣ, аз ҷумла хариду фурӯши чаканаи ашё рушд карда, дастрасии шаҳрвандон бо ашёҳои истеъмолӣ, беҳтар шавад. Новобаста аз ин, дар самти танзими ҳуқуқии  хариду фурӯши чакана баъзе мушкилот ҷой дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи бозори ашёҳои озуқаворӣи кишвар зудтағйирёбанда буда, ба бозор ашёҳои гуногун ворид карда мешаванд, тарзу усулҳои муосири фурӯши ашёҳо ба роҳ монда шуда истодааст.

Дар ин миён масъалаи таъмини аҳолӣ бо ашёи хушсифат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон масъалаи мубарам дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба ҳисоб меравад.

Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқшуда омадааст, ки «яке аз ҳадафҳои он дар давоми 15 соли охир таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат» [37], мебошад. Мутаассифона мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт баъзе мушкилот ҷой дорад. Фурӯшандагон ҳангоми ба истеъмолкунанда пешниҳод кардани ашёи қалбакӣ, онро дар бозори молӣ ҳамчун «оригинал» ва «дубликат» [126, с.2] ном мебаранд ва мефурӯшанд. Ҳол он ки фурӯшанда тибқи қонун ва шартнома уҳдадор мебошад, ки ба истеъмолкунанда ашёи хушсифат ва ба талаботи стандарт мутобиқро пешниҳод намояд, оид ба хусусиятҳои он ба харидор иттилооти боэътимод ирсол намояд. Аз ҷониби фурӯшанда риоя накардани шартҳои шартнома ва аз ҷониби харидор-истеъмолкунанда, надонистани ҳуқуқҳои худ, ҷониби охиронро дар муомилоти маданӣ дар ҳоли шахси осебпазир ва вобаста қарор додааст.

Меъёрҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, пеш аз ҳама барои рушди устувори савдо, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва умуман рушди соҳибкорӣ равонашудааст. Бинобар ин, ҳама гуна бенизомӣ ва ё холигиҳои танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа таъсири манфии худро ба равандҳои макроиқтисодӣ ва таъминоти некуаҳволии иҷтимоии аҳолӣ мерасонад.

Таҳқиқи шартномаи хариду фурӯши чакана нишон медиҳад, ки ду масъала пайваста дар он ба мушоҳида мерасанд, аввал, ин ҳимояи ҳуқуқҳои харидор-истеъмолкунанда ва дувум, ин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои фурӯшанда ҳамчун соҳибкор. Ҳалли мутавозини ин ду масъала дар шартномаи хариду фурӯши чакана муҳим ва рӯзмара мебошад. Зеро ки ба воситаи ҳимояи истеъмолкунандагон солимии аҳолӣ нигоҳ дошта мешавад ва ба воситаи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ рушди иқтисодиёти миллӣ таъмин мегардад.

Бинобар ин, ду масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад.

Масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ҳимояи рақобати иқтисодӣ муҳим ва мубрам мебошанд [102, с. 62-63].

Новобаста аз андешидани маҷмуи чораҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, камбудиҳо дар самти риояи қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба мушоҳида мерасанд. Бояд зикр намуд, ки «ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани он» яке аз ҳадафҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, мебошад, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст [43].

Ғайр аз ин дар шартномаи хариду фурӯши чакана масъалаи дигари мубрам, ин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои фурӯшандагоне, ки фаъолияти соҳибкориро дар бозори истеъмолӣ анҷом медиҳанд. Ҳукумати ҶТ солҳои охир дар барномаву старатегия ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ фароҳам овардани шароит барои рушди бахши хусусӣ диққати махсус медиҳад.

Дар б. 4 Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2024-2025 оид ба амалисозии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ он барои солҳои 2018-2028» омадааст, ки: «... андешидани чораҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии соҳибкорон, афзоиши шумораи субъектони соҳибкорӣ, афзоиши истеҳсолот ва бо ҳамин зиёд гардонидани даромади буҷети давлатӣ» муқаррар шудааст [36]. Бо вуҷуди ин, дар кишвар баъзе мушкилот дар самти таъмини ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҷой дорад.

Дар б. 15 «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», ки ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2023, №50 тасдиқ карда шудааст, омадааст, ки «Ислоҳоти институтсионалӣ барои беҳсозии фазои соҳибкорӣ, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ ва низоми ҳимояи давлатии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии

соҳибкорӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ дар рушди фаъолияти бахши хусусӣ, рушди низоми иҷрои қарордод ва ҳуқуқҳои молумулкӣ» яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошанд.

Тибқи он дар натиҷаи дастгирии соҳибкорӣ дар ҶТ барои солҳои 2012-2020 шумораи субъектҳои соҳибкории фаъол аз 187 ҳазор адади соли 2012 то 1 июли соли 2021 ба 342 ҳазор нафар расидааст, ки ин нишондиҳанда 82,8 фоиз афзудааст. Аз ҷумла, шумораи шахсони ҳуқуқӣ аз 26,2 ҳазор ба 31,3 ҳазор ва соҳибкорони инфиродӣ аз 161,2 ҳазор ба 310,7 ҳазор нафар расид, ки мутаносибан 19 ва 93 дарсад афзоишро нишон медиҳад» [39].

Дар баробари тарзи анъанавии фурӯши чаканаи ашё, имрӯзҳо дар кишвар савдои электронии ашё хело рушд карда истодааст. Ашё тавассути сомонаҳои гуногун, аз ҷумла сомонаҳои иҷтимоӣ, рӯйхати бешумор ашё тавассути тахтаи эълонҳо барои истеъмолкунандагон пешниҳод мегарданд.Танҳо аз як сомонаи Somon.tj (www.somon.tj), ки ашёҳои гуногунро пешниҳод мекунанд, дар як моҳ теъдоди зиёди харидорон аз он истифода мебаранд. Дар самти танзими савдои чаканаи электронӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои элекронӣ» аз 24 декабри соли 2022, №1921 қабул шуд, ки аз 01.01.2023 амал мекунад. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти амали шудани муқаррароти қонуни мазкур баъзе мушкилот ҷой дорад. Барои рушди савдои электронӣ «Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029» таҳия гардид, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 16.05.2024, №95 тасдиқ шуд ва ҳоло амал мекунад. Дар ҳуҷҷуати мазкур дар баробари дигар мушкилот, риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши электронии ашё, ёдовар шудааст. Қайд мегардад, ки чунин ҳолат, пеш аз ҳама дар набудани меъёри алоҳидаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариди электронии ашё, ба вуҷуд меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танзими шартномаи хариду фурӯши чакана падидаи нав буда, то истиқлолияти давлатиро ба даст овардан, ин

муносибатҳо асосан хусусияти ҳуқуқи маъмурӣ дошта, тавассути санадҳои меъёрии он танзим мешуданд.

Дар солҳои аавали соҳибистиқлолӣ, шартномаи хариду фурӯши чакана мустақиман бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида танзим шуданд, аммо меъёри алоҳидаи танзими ин шартнома дар қонунгузории кишвар ҷой надошт.

Бори аввал шартномаи хариду фурӯши чакана, пас аз қабул шудани қисми 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, №884 мавриди танзими ҳуқуқӣ гардид. Ин аввалин қадам дар самти танзими ҳуқуқии ин шартнома буд. Зеро то ин вақт мафҳуми расмии ин шартнома ва меъёрҳои алоҳидае, ки шартномаи мазкурро танзим менамоянд, дар сатҳи зарурӣ амал намекарданд, норавшанӣ ва маҳдудият дар танзими ин шартнома ҷой доштанд. Бо қабул шудани қисми 2 КГ ҶТ ин мушкилот аз байн рафт, ин шартнома ҳамчун як намуди мустақили шартномаи ҳуқуқи маданӣ эътироф гардид. Аммо таҳлили зербоби дуюм боби 29 КГ ҶТ, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро танзим мекунад, нишон медиҳад, ки баъзе камбудиҳо дар меъёрҳои алоҳидаи он ҷой доштанд, ки онҳо пас аз қабули КМ ҶТ бартараф карда шуданд.

Аз 1 июли соли 2023 танзими шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи меъёрҳои Кодекси мадании нави ҶТ ба роҳ монда мешавад. Дар КМ ҶТ муқаррароти зербоби 2 боби 35 «Шартномаи хариду фурӯши чакана» дар м. 560-570 пешбинӣ шудааст. Бояд зикр намуд, ки муқаррароти боби 35 КМ ҶТ хусусияти омехта дошта, танзими намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашёро фаро мегирад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз вазифаҳои «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 октябри соли 2023, №503 тасдиқ карда шудааст, «... ин фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии рушди низоми логистика, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ» [41] мебошад. Ташаккули низоми логистика барои устувории хариду фурӯши чакана дар

бозори истеъмолӣ ва пешгирии норасоии баъзе ашёҳои ниёзи мардум, мусоидат мекунад.

Яке аз роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шартномаи хариду фурӯши чакана ин танзими зерқонунии он мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар чунин танзими ин шартнома санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабулшуда, амал мекунанд. Аммо пайдоиши шаклу тарзҳои муосири хариду фурӯши чакана, қонунгузории он ба такмил ниёз дошта, зарурати қабули қонун ва як қатор санадҳои нави зерқонуниро дар ин самт тақозо менамояд. Новобаста аз амали санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар самти танзими ҳуқуқии ин шартнома, баъзе мушкилот ба назар мерасад. Қайд мегардад, ки «баробари рушди қонунгузорӣ, волоияти қонун низ таҳким ёбад» [86, с. 78].

Танзими асосии ин шартномаро Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (аз 9 декабри соли 2004, №72) ва дигар санадҳои меъёрии ин соҳа иҷро менамоянд. Аммо таҳлили қонуни мазкур ва санадҳои зерқонунии он нишон медиҳад, ки онҳо ба такмил ниёз доранд. Норасоиҳои боқимонда , ки нишон медиҳад, ки баъзе намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чакана, махсусан фурӯши ашёҳои алоҳида берун аз доираи танзими ҳуқуқӣ монданд. Чунин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Тоҷикистон то ҳол институти шартномаи хариду фурӯши чакана дар марҳилаи ташаккул ва рушди фаъол қарор дорад ва босуръат рушд карда истодааст, ки зарурат ба танзими ҳуқуқии муфасалтар ва ҳамаҷонибарро талаб менамояд.

Таҳлилҳои мавзуи мазкур нишон дод, ки дар кишвар ба таҳқиқу баррасии паҳлуҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чакана ба таври комплексӣ касе машғул нашудааст. Таҳқиқотҳои алоҳида дар алоқамандии ин шартнома бо дигар воситаҳои инфиродии танзим анҷом дода шудаанд, вале онҳо масъалаҳои асосии ин шартномаро инъикос намекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои дар боло зикргардида баёнгари он мебошанд, ки мавзуи мазкур ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам буда, интихоби он муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ дар он аст, ки дар ҳуқуқшиносии ҶТ оид ба масъалаҳои шартномаи хариду фурӯши чакана дар даврони соҳибистиқлолӣ ягон муаллифе рисолаи диссертатсионӣ таълиф накардааст. Дар кишварҳои ИДМ асарҳои илмии ба назария ва амалияи танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана бахшидашуда, зиёд ҳастанд. Вале онҳо шароити муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҶТ-ро инъикос намекунанд.

Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана дар китобҳои дарсии аз фанни ҳуқуқи маданӣ, ки аз ҷониби муаллифони ватанӣ навишта шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Масъалаҳои танзими шартномаи хариду фурӯши чакана дар асарҳои олимон Ш.К. Ғаюрзода [122, с. 36-39], Қ.Ш. Қурбонов [78, с. 297], М.А. Маҳмудзода [89, с. 35-36], М.З. Раҳимзода [142, с. 29-40], Д.Ш. Сангинзода [104, с. 10-11], Ф.С. Сулаймонов [91, с. 35], Ш.Т. Тағойназаров [81, с. 913], О.У. Усмонов [162, с. 18] ва дигарон таҳлил шудаанд.

Ҳамзамон дар хориҷи кишвар оид ба паҳлуҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чакан олимон В.В. Богдан [148, с. 165], Э.Г. Корнилов [155, с. 138-139], Л.В. Пашатская [159, с. 23], Н.Ю. Хорошавина [165, с. 41], Л.Ю. Шашкова [167, с. 16], А.Е. Шерстабитов [112, с. 91] ва дигарон асарҳои илмие эҷод намудаанд, ки сатҳи баланди назариявӣ доранд, вале дар асоси қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунии ФР анҷом дода шудаанд ва истифодаи қонунии онҳо барои ҳалли мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур мусоидат намуданд.

Дар асарҳои илмии худ У.С. Болтуев [149, с. 158], Ш.Қ. Қодиров [154, с. 15] ва З.С. Майнусова [158, с. 71] фикру андешаҳои худро дар алоқамандӣ ба мавзуи илмиашон баён кардаанд, ки тамоми паҳлуҳои ин шартномаро ифода намекунанд.

Чунин ҳолат ифодагари он мебошад, ки дар ҷумҳурӣ масъалаҳои шартномаи хариду фурӯши чакана падидаи нав буда, ҳалли он барои

таъмини волоияти ҳуқуқи инсон дар иқтисодиёти миллӣ ва устувории бозори истеъмолӣ муҳим мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и ба фасли сездаҳуми Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2021-2025 мувофиқ ба мавзуи «Нақши ҳуқуқи маданӣ дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ», иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим даровarда, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани ин шартнома мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба мақсад ва таъйиноти таҳқиқот дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳқиқи моҳият ва хусусиятҳои хоси шартномаи хариду фурӯши чакана дар танзими ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи асосҳои ҳуқуқии танзими он дар замони муосир ва роҳҳои ҳалли самарабахши таъмини ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи таснифоти шартномаи хариду фурӯши чакана;

– таҳлил ва муайян кардани унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана;

– муайян кардани мазмун ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана;

– таҳқиқи ҷубронии зиён ва ноустуворона ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана;

– таҳқиқи паҳлуҳои алоҳидаи товони зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои истеъмолие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқи хусусии шартномаи хариду фурӯши чакана мебошанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти дисертатсионӣ андешаву назари доктриналӣ оид ба муносибатҳои истеъмолӣ, танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ин соҳа мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар се марҳила иҷро шудааст:

1) муайян намудани мафҳум, хусусият ва асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана;

2) аниқ муайян намудани тарафҳо, мавзуъ, мазмун ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана;

3) муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳангоми иҷро накардани уҳдадории худ дар назди харидор, баррасии хусусиятҳо ва масъалаҳои дигари танзими ҳуқуқӣ.

Дар доираи ин таҳқиқот масоили ҷуброни зиён ва товони зарари маънавии фурӯшанда ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ва масоили ҳуқуқи шартномаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Давраи фаъоли таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2016-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчун заминаи назариявии ин диссертатсия мебошанд.

Дар таҳияи рисолаи диссертатсионӣ муаллифи он ба асарҳои В.М. Богдан, У.С. Болтуев, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, Ш.К. Ғаюрзода, Ш.М. Исмоилов, Э.Г. Корнилов, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.

Менглиев, П.З. Мирзозода, В.А. Ойгензихт, Л.В. Пашатская, Б.И. Пугинский, М.З. Раҳимзода, О.Н. Садиков, Ф.Т. Тоҳиров, О.У. Усмонов, Н.Ю. Хорошавина, Л.Ю. Шашкова, А.Е. Шерстабитов ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана, аз усулҳои фалсафӣ, аз ҷумла диалектикаи дарки олам истифода шудааст. Ба ғайр аз ин, аз усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита истифода шудаанд, ки ин дар муайян намудани хусусиятҳои монанд ва тафовути шартномаи хариду фурӯши чакана мусоидат кардааст.

Дар мавриди таҳқиқи паҳлуҳҳои алоҳидаи диссертатсия истифодаи усули диалектикии дарки воқеият барои омӯхтани шартномаи хариду фурӯши чакана ва рушди он дар марҳилаи алоҳида имкон дод. Ҳамчунин бо истифодаи усули таҳлил ва синтез нишонаву хусусиятҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши чакана ошкор карда шуданд. Истифодаи усули муқоисавию ҳуқуқӣ ба муаллиф имкон дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои алоҳидаро ба монанди: Ҷумҳурии Украина, ФР, Ҷумҳурии Беларус ва кишварҳои дигарро бо мақсади омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, анҷом диҳад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти мазкур Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, амалияи судӣ, таҳлили ҳуқуқтатбиқкунӣ, маълумотҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва маълумотҳои оморӣ мебошанд. Илова бар он, маводҳои бойгонии баъзе судҳои ҶТ, ФР ва таҷрибаи мақомотҳои давлатӣ дар ин соҳа истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Дар рафти таҳқиқот диссертант масъалаҳоеро баррасӣ кардааст, ки дар ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ доранд. Якум, муаллиф мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи шартномаи хариду фурӯши чаканаро муайян кардааст. Дуюм, муаҳаққиқ асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чаканаро мавриди омӯзиш қарор дода, оид ба такмили он пешниҳодҳои худро изҳор намудааст. Сеюм, вай унсурҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши чакана, ба монанди тарафҳо, мавзуъ, мазмуни шартнома ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чаканаро баррасӣ ва омӯхтааст. Чорум, муаллиф ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар шакли ҷуброни зиён, зарари маънавӣ ва рӯёнидани ноустуворонаро таҳлил намуда, хулосаи илмӣ пешниҳод кардааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дониши бавуҷудомада манбаи назариявӣ ва амалии барои омӯзиши шартномаи хариду фурӯш, махсусан шартномаи хариду фурӯши чакана буда, бо дарназардошти қонунгузории ҶТ дар ин соҳа, назару мавқеи олимон ва риояи одоби илмӣ баён гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсия бавуҷудомада донишу фаҳмиши назариявиро оид ба ҳуқуқи маданӣ, махсусан ҳуқуқи шартномавӣ ва ҳуқуқи уҳдадорӣ васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба муаммоҳои шартномаи хариду фурӯши чакана алоқаманд, ҳал карда шаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад, аз инҳо иборатанд :

1. Шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи қонунгузории ҶТ яке аз намудҳои шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи истеъмолӣ мебошад. Ин шартнома дутарафа, музднок, консенсуалӣ ва оммавӣ буда, ба сифати мавзуи он танҳо ашёҳои истеъмолӣ баромад мекунанд. Истеъмолкунанда дар ин шартнома шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқие буда метавонад, ки барои қонеъ

гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, ашёи муайяни моliро харидорӣ менамояд.

2. Сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро танзим мекунанд, хусусияти омехта доранд ва дар онҳо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ҷой доранд. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки шартномаи мазкурро танзим мекунанд, характери императивӣ дошта, дар танзими ин шартнома меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ якдигарро пурра менамоянд. Таҳлили қонунгузории кишвар нишон медиҳад, ки новобаста аз он ки қонунҳои алоҳида дар самт қабул шуда бошанд ҳам, дар танзими ин шартнома баъзе холигӣ ҷой дорад. Зарур аст, ки барои такмили шартномаи хариду фурӯши чакана оид ба соҳибони воситаҳои худкор (агрегатори фурӯши чакана) ва истеъмолкунандагони бевиҷдон қоидаҳои махсус таҳия ва қабул гарданд.

3. Таснифи шартномаи хариду фурӯши чакана нопурра мебошад. Таснифи пурраи онро вобаста ба фактҳои ҳуқуқии зерин анҷом додан мумкин аст: 1) вобаста ба ухдадории ба харидор расонидани ашё ё бидуни чунин ухдадории субъективӣ; 2) аз рӯйи шартҳои пардохти ашё; 3) аз рӯйи лаҳзаи қабули ашё; 4) аз рӯйи усули бо ашё шинос кардани харидори он; 5)аз рӯйи мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана.Таҳлилҳо нишон доданд, ки баъзе намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ки дар амалия баста мешаванд, дар қонунгузории кишвар ба таври дахлдор танзим нашудаанд.

4. Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана ашёи истеъмолӣ мебошад, ки ба харидор – истеъмолкунанда донабайъ ё бо миқдори хурд фурӯхта мешаванд, барои мақсадҳои истифодаи шахсӣ, манзилӣ, рӯзгор ё дигар навъҳои истифода таъйин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд. Яъне, истеъмолкунанда ашёи харидаашро ба дигар иштирокдори бозори молӣ намефурӯшад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои зикршуда барои рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва танзими

шартномаи хариду фурӯши чакана аҳаммияти донишафзунӣ доранд. Пайдоиш ва инкишофи шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузории маданӣ марҳилаи нав буда, дар рушди соҳибкорӣ таъсир расонида ва шароит фароҳам овард, ки низоми хариду фурӯши чаканаи ашё такмил дода шавад. Ин бошад чораи муҳим дар самти таъмини истеъмолкунандагон бо ашёи босифат гардид.

Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда аз таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ҶТ ба вуҷуд омада, ошкоршавии камбудиҳои қонунгузорӣ, мухолифати баъзе меъёрҳои он ва холигӣ дар таҳлили назариявии шартномаи хариду фурӯши чакана ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омада, барои бартараф намудани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии ин шартнома ва рушди ҳуқуқи маданӣ равона шудааст.

Диссертатсия барои омода кардани воситаҳои нави таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, барои такмил додани барномаҳои таълимӣ ва таҳияи китобҳои насли нав аз фанҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи шартномавӣ» ва «Ҳуқуқи уҳдадорӣ» замина мегузоранд.

Ин натиҷаҳои илмӣ метавонанд дар мавриди истифодаи мақсаданок барои бартарафкунии камбудиҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана ва таъмини устувории муомилоти ашёҳои истеъмолӣ дар ҶТ замина гузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, дарки таърихи пайдоиш ва инкишофи шартномаи зикршуда дар ҶТ, усул ва вазифаҳои танзими ҳуқуқии он, инъикоси воқеии масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯйи диссертатсия нишон медиҳанд, ки номи мавзуи

диссертатсия ва мазмуни он пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот**. Довталаб ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки довталаб аз соли 2014 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана машғул буда, дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст. Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Довталаб дониши хуби амалӣ дошта, бори аввал таносуби ҳуқуқи моддӣ ва ҳуқуқи мурофиавиро дар ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандаро кушода, исбот кардааст, ки истифодаи истилоҳи «мол» дар муайян намудани мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана воқеӣ набуда, самаранокии танзими давлатии муомилоти ашёҳои истеъмолиро пурра таъмин карда наметавонад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Вай муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шудаанд.

Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2,6 ҷ.ч. мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима

шуда, баъдан барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди донишгоҳи мазкур, тавсия шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст. Аз ҷумла:

**1) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана». – Душанбе, ДМТ, 2018;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба иттилооти зарурӣ ва боэътимод доир ба мол дар шартномаи хариду фурӯши чакана». – Душанбе, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 25-26 апрели соли 2023.

**2) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» – маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана» – шаҳри Қурғонтеппа, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 24 феврали соли 2018;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ҷуброни зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана» – Душанбе, ДМТ, 8-уми июни соли 2019;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

– санади олии ҳуқуқии кишвар» – маъруза дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи рушди қонунгузории шартномаи хариду фурӯши чакана» – ш. Бохтар, Донишгоҳи давлатии Бохтар, 1-2 ноябри соли 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия унвонҷуй 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсияшаванда, ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Дар он интишороти унвонҷӯй аз рӯйи мавзуи диссертатсия ҷойгир шудааст. Ҳаҷми умумии диссертатсияи мазкур 211 саҳифа мебошад.

# БОБИ 1. МОҲИЯТИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана

Шартномаи хариду фурӯш яке аз намудҳои асосӣ ва қадимтарини шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дар баробари шартномаи мубодила мебошад.

Ф.С. Сулаймонов қайд менамояд, ки «шартномаи хариду фурӯш яке аз шартномаҳои классикии ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки дар муомилоти маданӣ саҳми арзанда дошта, аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои худ истифода бурда мешавад» [91, с. 12].

Шартномаи хариду фурӯши таърихи чорҳазорсолаи пайдоиш дорад. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар замонҳои пеш шартномаи хариду фурӯшро ба намудҳои алоҳида ҷудо намекарданд. Бо сабаби ба иқтисоди бозоргонӣ гузаштани ҶТ ба шартномаи мазкур, намудҳои нав ба ин шартнома, аз қабили шартномаи хариду фурӯши чакана, маҳсулотсупорӣ, таъминоти энергия, ба ин шартнома дароварда шуданд. Маъмултарин намуди шартномаи мазкур, ин шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Ин бесабаб нест, зеро тавассути ин шартнома теъдоди зиёди шаҳрвандон ашёҳое, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, рӯзгор, ғайри мақсади соҳибкорӣ лозимаро, соҳиб мегарданд. Харидорон ашёро тавассути бастани ин шартнома, пеш аз ҳама барои истеъмоли шахсӣ, ба андозаи муайян харидорӣ карда, ҳамеша манфиятдор мебошанд, ки ашёи харидаашон босифат, ба ҳаёт ва саломатиашон бехатар бошад.

Омӯзиши таърихи гузашта нишон медиҳад, ки рушди хариду фурӯш ва ташкили самараноки савдо далели некуаҳволии мардум мебошад.

Ю.К. Баженов дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «аз ҳудуди имрӯзаи Осиёи Миёна корвони калони гузашта, бозорҳои калонтарин маҳз дар ҳудуди Осиёи Марказӣ фаъолият мекарданд. Дар шаҳри Бухоро то замони ҳозир иншоотҳои калон, аз ҷумла бозори Заргарон ва бозори пӯшида Абдуллохон боқӣ монда, амал мекунанд. Дар ин шаҳрҳо аҳолии ҳунарманд

зиёд буда, Бухоро дар давоми чандин асрҳо маркази савдои байни Аврупо ва Осиё, савдои бо шаҳрҳои Москва ва Нижный Новгород ба ҳисоб мерафт» [60, с. 7].

О. Усмонов дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «дар ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ амалан сарчашмаи муҳимми танзими муносибатҳои шартномавӣ, ин Қуръон ва Ҳидоя ба ҳисоб мерафт. Дар китоби Ҳидоя масъалаҳои марбут ба мафҳум ва намудҳои шартномаи хариду фурӯш, объект ва субъекти ин шартнома, шарт, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯш ба танзим даровaрда шуда буд. Дар Ҳидоя шартномаи хариду фурӯш (бай ва ширра) чунин шартнома ҳисоб мешуд, ки тибқи он мубодилаи ашё ва мулки муайян ё мубодилаи ашёи баробарарзиш эътироф мешуд. Дар ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ягон фарқияти байни шартномаи хариду фурӯши ва шартномаи мубодила вуҷуд надошт» [162, с. 18-19].

Ин далели он мебошад, ки дар давраҳои пешинаи таърих шартномаи хариду фурӯши аз мубодила фарқ карда намешуд, дар он хариду фурӯши чакана низ ҷудо намешуд.

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов «шартномаи мубодила, аз ҷумлаи қадимтарин шартномаи ҳуқуқи маданӣ мебошад. Дар замоне, ки пул ҳоло пайдо нашуда буд, мубодилаи ашё бо ашё дар муомилот ҷой дошт. Дар чунин шароит конструксияи мол ба мол амал карда, муомилот то ба ҳадди моларзиши (нархи) мол мураккаб нагардида буд. Бо мураккаб гардидани муомилот ва пайдо шудани пул ҳамчун эквиваленти тамоми молҳо тадриҷан конструксияи хариду фурӯш шакл гирифт» [91, с. 44].

Бинобар ин, аз ин нуқтаи назар ба хулоса омадан мумкин аст, ки шартномаи мубодила ҳамчун асоси пайдоши шартномаи хариду фурӯш гардидааст. Вале дар он истифодаи калимаи «мол» нодуруст мебошад, чунки объекти ин шартнома танҳо ашёи инфиродӣ муайян, ки муомилоти он иҷозат дода шудааст, мебошад.

Дар Бухорои Шарқӣ қисмати ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистони ҳозира, ки баъди ҳамроҳшавӣ Осиёи Миёна ба Россияи подшоҳӣ дар тобеияти

Аморати Бухоро то инқилоб боқӣ монда буд, муносибатҳои пулию молӣ суст тараққӣ карда буд, хоҷагидории натуравӣ устувор, нишонаҳои худро нигоҳ медошт.

А. Холиқзода қайд менамояд: «То инқилоби октябри соли 1917 нисбати шартномаи хариду фурӯш шартномаи ивазкунӣ дар Бухорои Шарқӣ рушду нумуъ ёфта буд. Тоҷирони Самарқанд, Бухоро ва Фарғона маҳсулотҳои фабрикаю заводҳоро аз ин мавзеъҳо бурда, ба молу чорво ва маҳсулот иваз мекарданд. Пул ва муомилоти пулӣ он қадар ривоҷ надошт» [109, с. 180].

Баъди инқилоби октябри соли 1917 ва барқарор шудани Ҳукумати Шуравӣ, ки ҶТ низ дар ҳайати он дохил буд, дар қонунгузории он давра, мафҳуми расмии шартномаи хариду фурӯши чакана ва меъёрҳои алоҳидаи боби махсус, танзими ин шартнома дар қонунгузорӣ муқаррар нашуда буд. Аммо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба омӯзиши танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана аз ҷониби олимон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад.

Дар раванди таҳияи мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана баъзе олимони даврони Шуравӣ изҳори андеша доштанд, ки ин шартнома ҳамчун намуди алоҳида вуҷуд дошта наметавонад.

Дар таҳқиқоти худ К.А. Граве зикр менамояд, ки «тафовути байни шартномаи хариду фурӯши чакана ва яклухт, ки дар муомилоти иқтисодӣ маълум аст ва он ҳам танҳо хусусияти иқтисодӣ, амалиёти иқтисодӣ дорад, аммо хусусияти ҳуқуқӣ надорад» [125, с. 169-226]. Ин шаҳодати он гуфтаҳо мебошад, ки ӯ шартномаи хариду фурӯшро ҳамчун намуди алоҳидаи шартнома ҷудо накардааст.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни омодаву таҳияи шартномаи хариду фурӯши чакана саволе ба миён меомад, ки оё шартномаи хариду фурӯши чаканаро аз шартномаи хариду фурӯш ҷудо кардан лозим аст ё не. Масалан, олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ дар давраи Шӯравӣ байни мафҳумҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ва шартномаи хариду фурӯш тафовут мегузоштанд.

С.Х. Свободова дар таҳқиқоти худ ба хулосае меояд, ки «шартномаи хариду фурӯш ба таври ғайримустақим савдои чакана мебошад, институти ягонаи ҳуқуқӣ мебошад, аммо вобаста ба шаклҳо, усулҳои гуногуни

шартномаи хариду фурӯши чаканаи молҳо, хариду фурӯши чакана якчанд навъ дорад. Танҳо хариду фурӯше, ки бо пули нақд бо пардохти пурраи нархи мол, ки ҳангоми бастани шартнома баста мешавад (новобаста аз он ки харидор шахси воқеӣ аст ё ташкилот), шартномаи хариду фурӯш чакана мебошад, зеро ин маъмул барои савдои чаканаи мол мебошад» [161, с. 16].

Муаллифони дигар, аз ҷумла С.Х. Махмутова зикр менамояд, ки «танҳо шартномаи хариду фурӯше, ки шаҳрвандон ҳангоми хариди молҳои истеъмолӣ аз корхонаҳои савдои чаканаи сотсиалистӣ шартнома баста харидорӣ карданд, ҳамчун шартномаи хариду фурӯши чакана ҳисоб карда мешавад» [133, с. 145].

Дар ин таҳқиқоти худ муаллиф тафовутро байни шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи хариду фурӯши чаканаро, ки гардиши савдои чаканаи молро ба миён меоварданд, маҳз дар хусусияти тарафҳои ин шартномаи хариду фурӯши чакана асоснок кардааст.

Аммо дар қонунгузории давлати Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон ҳам ба ҳайати он дохил мешуд, мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана дода шуда набуд. Дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон танҳо дар боби 20 [47, с. 83], ки шартномаи хариду фурӯшро танзим медаровард, дар бораи шартномаи хариду фурӯши чакана ягон меъёр муқарар нашуда буд.

Бо сабаби ба иқтисоди бозоргонӣ гузаштани ҶТ шартномаи хариду фурӯш дар кишварамон хеле ривоҷ ёфта, баъзе падидаҳои ҳуқуқи маданӣ, аз қабили шартномаҳои маҳсулотсупорӣ, хариди маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини энергияро, ки пештар хислати мустақил доштанд, ба доираи худ фаро гирифт. Имрӯзҳо хариду фурӯш дар муомилоти маданӣ ба шартномаи аз ҳама паҳнгашта табдил ёфтааст.

Шартномаи хариду фурӯши чакана аз тарафи бисёр олимони соҳаи ҳуқуқшиноси сивилӣ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷа, таҳқиқ шуда, заминаи назариявии онро гузоштаанд. Аз ҷумла, дар мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана олимон М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, К.Н. Граве, Ш.К. Ғаюрзода, О.С. Иоффе, А.С. Кузьменко, В.К. Мамутовый, М.А.

Маҳмудзода, Л.В. Пашатская, А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой, О.У. Усмонов, Н.Ю. Хорошавина ва дигарон таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ анҷом додаанд.

Н.Ю. Хорошавина дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «мафҳуми қонунии шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузории он замон (давлати Шӯравӣ) мустаҳкам нашуда буд, бинобар ин сабаб баҳсҳоро дар бораи таркиби субъективии ин шартнома ба миён меоварду» [166, с. 17].

Бояд қайд кард, ки дар давлати Иттиҳоди Шӯравӣ, ки Тоҷикистон низ ба ҳайати он дохил мешуд, хариду фурӯши чакана дар маънои имрӯзааш тамоман манъ шуда, ҷиноят эътироф карда мешуд. Масалан, дар м. 167 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ҷинояти ҳаннотӣ, яъне бо мақсади фоидахӯрӣ харидан ва фурӯхтани молҳо ё чизҳои дигарро ҷиноят эътироф мекард. [48, с. 158]. Ин меъёр, барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ дар намуди хариду фурӯши чаканаи молро, ҳамчун ҷинояти ҳанотӣ, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамуд ва шахси гунаҳгор ба ҷавогарии ҷиноятӣ ҷалб мешуд.

Дар ИҶШС моликияти хусусӣ эътироф намешуд, фаъолияти соҳибкорӣ манъшуда буд, шахсе, ки ба хариду фурӯш машғул мешуд, фаъолияти ғайриқонунӣ эътироф мешуд. Бинобар ин, қонунгузорӣ дар ин соҳа рушд накарда, мафҳуми хариду фурӯши чакана низ дар қонун пешбинӣ нашуда, соҳаи қонунгузории савдои чакана ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон низ инкишоф наёфта буд.

Ю.Н. Хорошавина дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «танзими ҳуқуқӣ дар самти савдои чакана бештар бо санадҳои зерқонунӣ, ахбороти (ведомостҳои) мақомоту ташкилотҳои гуногун ба роҳ монда мешуд, ки хусусияти эъломиявӣ дошт. Масъалаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши мол дар сатҳи қонунгузорӣ дуруст ба роҳ монда нашуда буд [166, с. 33].

Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти ҶТ дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ гузаронида шуда, моликияти хусусӣ эътироф карда шуд. Зарурати пайдоиши мафҳуми

шартномаи хариду фурӯши чакана ва баъзе меъёрҳои ҳуқуқии танзими шартномаи мазкур дар ҶТ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо омилҳои зерин рабт дорад, аз ҷумла тағйирёбии вазъи иқтисодӣ, сиёсии кишвар, ки боиси бавуҷудоии озодии фаъолияти соҳибкорӣ, иҷозати моликияти хусусӣ, афзудани миқдори субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷорӣ шудани тарзи муосири савдои мол ва ғайра вобаста мебошад.

Дар Конститутсияи ҶТ, ки бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ санаи 06 ноябри соли 1994-ум қабул карда шуд, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият асоси иқтисодиёти Тоҷикистон эълон шуд [1].

Тамоми маҳдудиятҳое, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ ҷой дошт, бардошта мешаванд, ки дар натиҷа фаъолияти соҳибкорӣ рушд карда, субъектони гуногун ба хариду фурӯши чакана машғул гардиданд.

Шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз намудҳои асосии шартномаи хариду фурӯш мебошад. Дар роҳи ба истеъмолкунанда расонидани ашё, одатан як қатор марҳилаҳои (хариди ашёи хом, истеҳсол, тақсимот ва тартибот яклухт) миёнаравӣ ва як қатор шаклҳои ҳуқуқӣ мегузарад. Таъмини ашё ба истеъмолкунандагон дар шакли бастани шартномаи хариду фурӯши чакана сурат мегирад. Шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҳамчун шакли ҳуқуқии ниҳоӣ мебошад, ки ба воситаи он ашё ба истеъмолкунанда расонида мешавад.

Дар марҳилаи ниҳоие, ки ашё аз фурӯшанда ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешавад, давлат ҳанӯз ҳам дорои қобилияти фаъолона дар танзими раванди тақсимоти ашё дахолат намуданро дорад, ки он баислоҳи муносибатҳои байни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунадаи маҳсулот, равона карда шудааст [65, с. 42]. Шартномаи хариду фурӯши чакана, яке аз шартномаҳои асосии шартномаи хариду фурӯш мебошад, ки барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нақши муҳим бозида, такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар ин самти савдо, ба таъсиси механизми самараноки татбиқи меъёрҳои он, бояд мусоидат намояд.

Сабаб дар он мебошад, ки имрӯз як қисми зиёди маҳсулоти ниёзи

мардум дар ҶТ аз хориҷи кишвар ворид карда шуда, тавассути соҳибкорон дар асоси шартнома хариду фурӯши чакана ба аҳолӣ пешниҳод карда мешаванд. Албатта, ин молҳо аз ҷониби соҳибкорони касбӣ, на шахсони тасодуфӣ ворид карда мешаванд.

Тавре, ки Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ дар соли 2017 баён намуданд: «Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба санҷиши сифати маҳсулоти воридотӣ дар 196 ширкати тиҷоратӣ нишон дод, ки ба кишвар ҳамасола 500-600 тонна бозичаҳои гуногун аз 20 давлати дунё ворид мешаванд, ки 90 фоизи онҳо аз рӯйи сифат ба талаботи бехатарӣ мувофиқ нестанд ва ба саломатии кӯдакон зараровар мебошанд [54].

Дар бозори фурӯши моли Тоҷикистон ба муомилот баровардани молҳои қалбакӣ ё сохтакорӣ ё бо номи «оригинал» ва «дубликат» мебошад, сертификати мутобиқат надоранд [126, с. 2].

Ҳамин тавр, таҳлили шартномаи хариду фурӯши чакана ба мо имкон медиҳад гуем, ки ҳадафи асосии меъёрҳои танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, ин ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун як тарафи заиф дар шартнома мебошад. Шартномаи хариду фурӯш яке аз он шартномаҳои классикии ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки дар муомилоти ашё саҳми арзанда дошта, аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ баҳри қонеъ намудани манфиатҳои худ ҳамарӯза ин гуна шартнома баста мешавад.

Шартномаи хариду фурӯш дар тули асрҳои зиёд шартномаи мубрам буд ва мемонад, зеро дар ҷараёни рушди ҷомеа муносибатҳои байни одамон низ инкишоф меёбанд, ки бояд бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим шаванд.

Пайдоши мафҳуми расмии шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузорӣ марҳилаи рушди таърихиро паси сар намуда, сипас дар қонунгузории имрӯза мустаҳкам карда мешавад.

Баъд аз қабули қисми дуюми КГ ҶТ санаи 11 декабри соли 1999, боби 29, зербоби 2 он аз моддаҳои 528-541 ба шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шуд, онро ҳамчун намуди аввали шартномаи хариду фурӯш

мустаҳкам менамояд. Дар қ. 1 м. 528 КГ ҶТ, чунин мафҳуми расмии шартномаи хариду фурӯши чакана оварда мешавад: «Тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи мол анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъин гардидааст» [4].

Таҳлили мафҳуми овардаи шартномаи мазкур қ. 1 м. 528 КГ бо матни русии тарҷумаи он мувофиқат намекунад. Зеро дар матни русии қ. 1 м. 528 КГ ҶТ, мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана, ибора «ё дигар навъи истифода он, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд», ҷой дошт. Дар матни тоҷикии мафҳуми шартнома дар охири ҷумла «ё дигар навъи истифода таъин гардидааст», ҷой надошт, ки мафҳуми онро бо маъноҳои гуногун шарҳ дода, бо матни русии он мувофиқат намекард. Матни русии тарҷумаи тоҷики мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана то андозае пурра фаҳмо ва дурусттар буда, аломатҳои асосии шартномаи мазкурро инъикос менамуд.

Ҳамин тавр, қайд менамоем, ки мавҷуд набудани чунин ибора дар мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана ва мувофиқ набудани мафҳуми тоҷикӣ ва русии шартномаи хариду фурӯши чакана дар КГ ҶТ мафҳуми шартномаро нопурра намуда, ҳамаи аломатҳои ин шартномаро ба пуррагӣ нишон намедиҳад. Ҳол он ки бояд тибқи қонунгузорӣ матни тоҷикии ин шартномаи хариду фурӯши чакана ба забони давлатӣ, саҳеҳу дуруст бошад.

Бояд қайд намоем, ки меъёри ҳуқуқии м. 2 Конститутсияи ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ пазируфта шавад. Дар м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки: «санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ бояд ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда шаванд» [13]. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд. Инчунин, дар қ. 3 м. 52 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст, ки: «Интишори расмии

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони русӣ сурат мегирад ва ҳангоми зарурат тарҷумаи онҳо ба дигар забонҳо аз тарафи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад» [12]. Мо низ ҷонибдори он мебошем, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд, ки бо забони давлатӣ, оммафаҳм ва дуруст навишта шуда бошанд, то ин ки ҳар шаҳрвандон аз мазмуни он ба хуби бархурдор шаванд.

Ба ақидаи Ш.К. Ғаюрзода «ҷойи баҳс нест, ки бо сабаби тули зиёда аз 70 сол дар муҳити иҷтимоию фарҳангии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаёт ба сар бурдан ва таҳти таъсири забонҳои дигару омилҳои мухталиф қарор доштан, забони тоҷикӣ мавқеи устувор надошт» [123, с. 167] .

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси бузургии забони тоҷикӣ қайд менамояд, ки: «Забони тоҷикӣ дар тули таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама бархурд ва рӯёрӯйӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё, чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавоноии ин шохаи забони ориёӣ, аз даврони бостон то имрӯз мебошад» [113, с. 25 ].

Президенти ҶТ ҳомӣ ва пуштибони забони давлатӣ мебошад ва санадҳои қонунгузории миллӣ оид ба меъёрэҷодкунӣ тақозо мекунанд, ки забони ҳуқуқии тоҷикӣ инкишоф дода шавад. Ин ва дигар омилҳои асосӣ камбудии КГ ҶТ буданд, ки дар ҳамон солҳо дар ҶТ қабул карда шудаанд.

Дар КМ ҶТ, ки санаи 24 декабри соли 2022, №1918 қабул карда шуд, аз 1-уми июли соли 2023 мавриди амал қарор гирифт, ин камбудӣ дар мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана ислоҳ карда шуда бисёр мафҳумҳои дар санадҳои меъёрӣ ба вожаҳои осонбаёни тоҷикӣ иваз шуда, оммафаҳм гардонида шуд.

Ш.К. Ғаюрзода дуруст қайд менамояд, ки: «Кодекси маданӣ номидани ин қонуни муҳимми ҳаёти хусусӣ аз риояи ҳатмии талаботи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009,

№553 ва м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ гувоҳӣ медиҳад» [83, с. 419].

Дар қ. 1 м. 560 КМ ҶТ муқаррар мегардад, ки «Тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд» [2].

Аз таҳлили мафҳуми овардаи шартномаи хариду фурӯши чакана, ки дар қ. 1. м. 560 КМ ҶТ дода, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳуми овардашудаи шартномаи мазкур ниҳоят маҳдуд мебошад, зеро аз рӯйи мазмуни ин мафҳум муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, танҳо нисбати як тараф уҳдадорӣ ба миён меоянд, ин ҳам бошад интиқоли ашё аз тарафи фурӯшанда мебошад. Мушоҳида мешавад, ки қонунгузор дар назди худ вазифаи пурра ифшо кардани мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чаканаро нагузоштааст, аммо қонун хусусиятҳои муҳимми ин шартномаро нишон додааст ва ин имкон медиҳад, ки моҳият ва аломатҳои шартномаи мазкурро кушода дода, онро аз дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш, ки дар боби 35 КМ ҶТ оварда шудааст, ҷудо намоем.

Ҳамин тариқ, аломатҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши чакана, ки аз мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана (қ. 1 м. 630 КМ ҶТ) бармеояд, инҳо мебошанд:

1) мақоми махсуси фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана (танҳо фурӯшандае, ки озодона фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи ашё анҷом медиҳад);

2) мақсади харидани ашё (ашёи харидашуда одатан барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъин гардидааст);

3) шартнома камарзиш мебошад.

Бояд зикр намуд, ки барои муайн кардани моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана зарур мебошад, ки маънии истилоҳи «чакана» кушода шавад. Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» вожаи «чакана» чунин навъ

тафсир дода шудааст: «Чакана – навъи савдо ва тиҷорати мол, савдои дона-дона, ба миқдори кам фурӯхтани молҳо, муқобили калимаи яклухт маънидод шудааст» [107, с. 522] .

Одатан ба воситаи шартномаи хариду фурӯши чакана истеъмол-кунандагон ашёро барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ва истифодаи дигар мақсадҳои соҳибкорӣ алоқаманд набуда, харидорӣ менамоянд. Албатта шаҳрвандон ашёро, на ба миқдори бисёр (барои соҳибкорӣ), балки ба миқдоре, ки барои мақсадҳои истеъмолии он зарур мебошад, харидорӣ менамоянд.

Дар фарқият аз шартномаи харида фурӯши чакана дар шартномаи маҳсулотсупорӣ харидор ашёро бо мақсадҳои фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ менамояд. Барои муайян кардани моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана зарур аст, ки хосиятҳо ва ҷиҳатҳои асосии ифодакунандаи ин шартнома ҳамаҷониба фаҳмида шавад.

Шахсе ки ба хариду фурӯши чаканаи ашё машғул мебошад, ҳамчун чаканафӯруш ё майдафурӯш маълум аст. Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши шахсест, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба хариду фурӯши чакана ашё доимо анҷом медиҳад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана ба гурӯҳи шартномаҳо оид ба таҳвили ашё дохил мешавад, ки дар натиҷаи бастани он ҳуқуқи моликият аз фурӯшанда ашё ба тарафи харидор – истеъмолкунанда мегузарад. Харидор, дар нисбати ашёи харидааш ҳуқуқи моликиятӣ пайдо мекунад. Ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро пайдо мекунад, ки бо ин хусусияташ шартномаи хариду фурӯши чакана аз дигар шартномаҳо, аз қабили шартномаи хизматрасонӣ, иҷора, мубодила ва қарз фарқ мекунад.

Ба сифати фурӯшанда дар ин шартнома шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайд гирифта шудааст ва фаъолият оид ба фурӯши ашёи истеъмолиро анҷом медиҳад, ҳамчун фурӯшанда баромад мекунад. Шарти охирин маънои онро дорад, ки хусусият ва миқёси қобилияти ҳуқуқдории шахс бояд имконияти тиҷорати

чаканаро ба назар гирад. Аммо, фурӯшандагон аксар вақт фаъолияти худро бидуни имконияти пешбининамудаи қонунгузории дахлдор анҷом медиҳанд. Қонунгузор барои фурӯши ашёҳои алоҳида аз фурӯшандагон дар баробари ҳуҷҷатҳои бақайдгирии соҳибкорӣ, барои баъзе намуди фаъолият гирифтани иҷозатномаи махсус аз мақомоти дахлдори давлатӣ талаб менамояд. Масалан, фурӯши доруворӣ, яроқи шикорӣ ва ғайра.

Харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана, одатан шаҳрвандон баромад менамоянд, ки ашёро барои ҳадафҳои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ ва манзилӣ харидорӣ менамоянд. Харидор ҳамчун истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар фарқият аз соҳибкорон тарафи заиф ва муҳтоҷ мебошад. Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҶТ механизмҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон амал мекунад.

Харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана ашёро бо мақсади истифодаи шахсӣ, манзилӣ ва дигар эҳтиёҷоти маишии худ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, харидорӣ менамояд. Бо ин хусусият шартномаи хариду фурӯши чакана аз шартномаи маҳсулотсупорӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ бисёр маъмул мебошад, тафовут дорад.

Дар б. 1 Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии ҶТ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба шартномаҳои маҳсулотсупорӣ» аз 18 октябри соли 2019, №2 омадааст: «Харидор аз рӯйи шартномаи маҳсулотсупорӣ ҳама шахсоне буда метавонанд, ки молро бо мақсади ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё дигар мақсади барои истифодаи шахсӣ вобаста набуда, ба даст овардаанд. Зери мафҳуми дигар мақсади барои истифодаи шахсӣ вобаста набуда, ба даст овардани мол барои таъмини фаъолияти харидор ба сифати ташкилот ва ё шаҳрванд – соҳибкори инфиродӣ фаҳмида мешавад (Масалан: харидории мебел барои корхона, воситаҳои нақлиёт, маҳсулот барои таъмир ва ғайра). Агар молҳои зикргардида аз фурӯшандае ба даст оварда шуда бошад, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи мол анҷом медиҳад, муносибати тарафҳо бо меъёрҳо дар бораи хариду фурӯши чакана (параграфи 2 боби 30-и КГ ҶТ) ба танзим дароварда мешаванд» [170, с. 76-77] .

Аз ин метавон хулоса баровард, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ашёро бо мақсади барои истифодаи шахсӣ вобаста буда, на бо мақсади ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ менамояд. Бинобар ин, хусусияти асосии шартномаи хариду фурӯши чакана аз шартномаи маҳсулотсупорӣ маҳз дар мақсади харидани ашё мебошад.

Масъалаи дигар муайян кардани моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Маълум аст, ки истилоҳи «моҳият» ин категорияи фалсафӣ мебошад. Дар фалсафа истилоҳи «моҳият» ба маънои «хосияти доимию асосии ашёро, ки бе он вай маъние надорад, ифода мекунад» [95, с. 155-156].

Моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана низ дар он ифода меёбад, ки тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана истеъмолкунандагон ашёҳоеро, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд аз фурӯшандае, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, харидорӣ менамоянд. Ҳамзамон моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана тавассути хусусиятҳои муҳимми он кушода мешавад. Дар адабиётҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана андешаҳои гуногун пешниҳод шудааст.

М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский қайд менамоянд, ки «шартномаи хариду фурӯши чакана чунин хусусиятҳои муҳим дорад: 1) ба сифати фурӯшанда тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана одатан шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи мол анҷом медиҳад (махсусан дар ҳайати субъектони шартнома хариду фурӯши чакана); 2) дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳадафи ба даст овардани мол аз тарафи харидор, ки барои мақсадхои истифодаи шахсӣ, манзилӣ мебошад; сеюм шартномаи хариду фурӯши чакана оммавӣ мебошад [64, с. 34].

В.Н. Васин ва В.И. Казанцев қайд меамоянд, ки «он ҳолат нодуруст мебошад, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати фурӯшанда танҳо шахсе баромад мекунад, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши

чаканаи мол анҷом медиҳад. Ба андешаи онҳо паҳн шудани зербоби якуми боби 30 КГ ФР оид ба фурӯши ашё аз ҷониби шахсони воқеӣ, ки соҳибкори инфиродӣ нестанд, чандон дуруст нест» [119, с. 27-30].

Ба андешаи В.А. Внукова «чунин ба назар мерасад, ки ҷудо кардани шартномаи хариду фурӯши чакана на бо миқдори моли фурӯхташудаи - инфиродӣ ё яклухт, балки бо зарурати таъмини ҳуқуқи истеъмолкунандае, ки молро аз субъекти фаъолияти касбӣ харидааст, вобаста аст» [121, с. 19].

Ба андешаи В.И. Борисов «хусусияти шартномаи хариду фурӯши чакана дар он аст, ки харидор ба воситаи ин шартнома на танҳо молҳоеро харидорӣ мекунад, ки одатан барои мақсадҳои муайян таъин шудаанд, балки молро бо чунин миқдоре, ки аз фурӯши муқаррарии чаканаи мол барои мақсадҳои истифодаи оилавӣ, манзилӣ ё чизи дигар зиёд нест, мехарад» [62, с. 34].

Бо ин нуқтаи назар розӣ нашудан мушкил аст, зеро харидор ҳамчун фард бояд, ки истеъмолкунандаи миқдори муайяни ашёҳо бошад, яъне ба миқдоре, ки барои қонеъ гардонидани ниёзҳои шахсии ҳар як инсон зарур мебошад. Дар акси ҳол шаратномаи хариду фурӯши чакана намебошад, балки дар он ҷо фурӯши яклухт ҳисобидан мумкин аст.

Аз мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана бармеояд, ки тибқи он як тараф (фурӯшандае, ки дар соҳаи фурӯши чаканаи молҳо машғул аст) уҳдадор аст ба тарафи дигар (харидор) молеро, супорад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъин гардидааст ки ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандӣ надорад. Яъне хусусияти муҳимми шартнома ин мақсади соҳиб шудан бо молумулк мебошад.

Бояд қайд намуд, ки хариду фурӯши чакана муқобили синоними хариду фурӯши яклухти мол мебошад. Дар КМ ҶТ мафҳуми шартномаи хариду фурӯши яклухт оварда нашудааст. Тибқи қонунгузории амалкунанда, муносибатҳо вобаста ба шартномаи хариду фурӯши яклухти ашё тавассути меъёрҳои шартномаҳои маданӣ, аз зумраи шартномаи маҳсулотсупорӣ,

хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард ё фурӯш, маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ танзим мешаванд.

Мазмуни хариду фурӯши яклухт дар он аст, ки муносибатҳои фурӯши пулии ашё барои эҳтиёҷоти соҳибкорӣ ва иқтисодро танҳо байни ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ ба расмият медароранд. Хусусиятҳои мазмуни ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши яклухт аз он вобаста мебошад, ки чӣ гуна шартномаи тиҷоратӣ баста мешавад.

Дар ин ҷо як чизро бояд зикр намуд, ки шартномаи хариду фурӯше, ки байни шаҳрвандон баста мешавад, дар онҳо фурӯшанда соҳибкор намебошад, мақсади соҳибкорӣ надоранд ва ин шартномаи хариду фурӯши чакана эътироф намешавад. Албатта як чизро бояд зикр намуд, ки хариду фурӯш ва шартномаи хариду фӯруш як чиз намебошанд, чунки мафҳуми аввал нисбати дувумин маънои васеъро дорад.

Ба андешаи Н.Ю. Хорошавина «мафҳуми хариду фурӯш нисбат ба мафҳуми шартномаи хариду фурӯш васеътар аст. Шартномаи хариду фурӯш танҳо шакли ҳуқуқии муқаррар намудани фаъолияти инсон барои фурӯш ва харид ва ба расмият даровардани муносибатҳои ҳуқуқии байни хариду фурӯши чакана ва яклухт мебошад. Инчунин, шартномаи хариду фурӯш асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии хариду фурӯш мебошад ва мазмуни ин муносибатҳои ҳуқуқиро муайян мекунад, яъне амалҳои фурӯшанда дар мавриди интиқоли амвол, инчунин амали харидор оид ба интиқоли пул ва гирифтани амвол» [166, с. 41].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз 19 марти соли 2013, №943 қабул шуда, мафҳумҳои «савдои чакана», «савдои яклухт» ва «савдои чаканаи хурд» дода шудааст. Мувофиқи м. 2 қонуни мазкур, « савдои яклухт – намуди савдои мол барои истифода дар фаъолияти соҳибкорӣ (аз ҷумла, хариду фурӯш) ё барои дигар мақсадҳо таъин гардида, ба истифодаи шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва дигар намуди истифодаи инфиродӣ вобаста намебошад ва дар объектҳои савдои махсусгардонидашуда ё омехта ҳангоми мавҷудияти нуқтаҳои махсус анҷом дода мешавад» [14]. Таҳлилҳо

нишон медиҳад, ки мафҳумҳои савдои яклухт, чакани хурд дар қонуни додашуда, мафҳуми иқтисодӣ буда, мафҳумҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб намераванд. Бояд қайд кард, ки дар КМ ҶТ мафҳуми ҳуқуқии «шартномаи хариду фурӯши яклухт» дода нашудааст.

Савдои яклухт марҳилаи ибтидоии гардиши калони ашё мебошад ва мақсади он харидани ашё бо нархи гуфтушунид ва фурӯши минбаъдаи онҳо дар оянда мебошад. Дар ҳоле ки чакана ин маънои фурӯши мустақими ашё ба истеъмолкунандагонро дорад.

Дар шароити Тоҷикистон субъектони гуногун ба фурӯши яклухти ашё машғул мебошад, ки фурӯшандагони чаканаи ашёро бо маҳсулоти худ таъмин мекунанд. Аз ҷумла, ширкатҳои гуногуни тиҷоратӣ дар ҶТ ба фурӯши яклухт машғул мебошанд, ки онҳо дар соҳаҳои ашёҳои истеъмолӣ, фурӯши маҳсулоти доруворӣ, сӯзишворӣ ва ғайра.

Б.И. Пугинский қайд менамояд, ки «шартномаи хариду фурӯши чаканаи молҳо, ин савдои молҳое мебошад, ки барои шаҳрвандон таъин шуда, новобаста аз шумора ва ҳаҷми харид, аз ҷумла бо мақсади хариди молҳо аз нуқтаҳои фурӯшӣ мебошад. Ин муносибатҳо дар асоси шартномаи хариду фурӯши чакана танзим карда мешавад» [94, с. 102].

Чунин ба назар мерасад, ки ҷудо намудани шартномаи хариду фурӯши чакана на аз рӯйи миқдори моли фурӯхташуда – дар алоҳидагӣ ё яклухт, балки ба зарурати таъмин ҳуқуқи истеъмолкунандае, ки молро аз субъекти фаъолияти касбӣ мегирад.

Ҳамин тавр, савдои яклухт ва чакана бо ҳам ба тариқи зерин робита доранд. Савдои яклухт марҳилаи ибтидоии гардиши калони молҳои истеъмолӣ мебошад, ки чунин миёнаравии иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони чакана мебошад, ки тавассути хариди ашё аз истеҳсолкунандагон бо мақсади бозфурӯшӣ ба фурӯшандаҳо амалӣ карда мешавад. Савдои чакана, дар навбати худ, марҳилаи ниҳоии гардиши ашёи истеъмолӣ, миёнаравии иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мебошад, ки бо роҳи хариди

ашё аз фурӯшандаҳои яклухт бо мақсади ба истеъмолкунандагон фурӯхтани ашё анҷом дода мешавад.

Аз муқарароти қисми 2 м. 560 КМ ҶТ бармеояд, ки шартномаи хариду фурӯши чакана оммавӣ мебошад. Ин як хусусияти муҳимтарини шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад, ки он мувофиқи қоидаҳои пешнбинишудаи шартномаҳои оммавӣ баста мешавад. Яъне, фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, шартҳои шартномаро барои ҳама як хел баробар пешниҳод карда мешавад.

Аз мазмуни овардашудаи шартномаи оммавӣ дар қ. 1 м. 488 КМ ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки шартномаи оммавӣ аз ҷониби шахси ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, баста шуда, дар он уҳдадории соҳибкор доир ба фурӯши ашё, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки мувофиқи хусусиятҳои фаъолияташ бояд нисбати ҳар як муроҷиаткунанда анҷом диҳад. Шартҳои муҳимми шартномаи мазкур ба монанди нархи ашё, инчунин, дигар шартҳои шартномаи оммавӣ барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхела мебошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун додани имтиёзҳоро барои гурӯҳи алоҳидаи истеъмолкунандагон пешбинӣ менамояд.

Қ.Ш. Қурбонов, И.Ғ. Ғаффорзода қайд менамоянд, ки «қонун дар ҳолати муқаррар намудани шартномаи оммавӣ барои ҳимояи манфиатҳои умумӣ ҳуқуқи тарафҳои шартномаро дар озодона муайян намудани шартҳои шартнома маҳдуд мекунад» [78, с. 443].

Паҳн шудани шартҳои оммавии шартнома нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана, яке аз воситаҳои маҳдуд шудани принсипи озодона бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ аз ҷониби муҳаққиқон эътироф карда мешавад.

Л.В. Пашатская зикр менамояд, ки «дар робита бо шартномаи хариду фурӯши чакана бо маҳдудиятҳо дар ин шартномаи оммавӣ эътироф намудани он мебошад. Чунки ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бештар ҳуқуқҳои фурӯшанда маҳдуд аст, зеро ҳангоми муайян кардани шартҳои шартномаи ҳуқуқҳои фурӯшанда маҳдуд мебошад. Шартномаи оммавӣ яке аз маҳдудиятҳои принсипи озоди шартномаи маданӣ буда, дар ин робита бо тамоюлҳои иҷтимоӣ доштани қонунгузорӣ

маданӣ нишон медиҳад, ки мақсадаш ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон, тарафи заифи шартнома мебошад» [159, с. 23].

Боз як хусусияти муҳимми шартномаи хариду фурӯши чакана, ин нарх дар шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Мутобиқи қ. 1 м. 567 КМ ҶТ вобаста шарти нарх омадааст, ки «агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, харидор уҳдадор аст пардохти нархи молро мувофиқи нархе, ки фурӯшанда ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана эълон намудааст, пардохт намояд» [2].

Албатта, нарх дар шартномаи хариду фурӯши чакана озодона аз тарафи фурӯшанда муайян карда шуда, эълон карда мешавад. Нархи ашёро фурӯшанда бояд, ки бо зикри нархномаҳои он нишон диҳад, то ки харидор оид ба нархи ашё маълумоти боэътимодро барои интихоби дурусти ашё пайдо намояд.

Нарх дар шартномаи хариду фурӯши чакана, барои ҳамаи истеъмолкунандагон бояд якхела бошад. Танҳо як истисно ба ин қоида метавонад, барои гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон имтиёзе бошад, ки бо қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Ин мавқеъ ба ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз нуқтаи назари назариявӣ таъсири хеле мусбат мерасонад, аммо дар амал аксар вақт шумо метавонед пайдо кунед, ки фурӯшандагон, баръакс аз истеъмолкунандагон пул кор кардан мехоҳанд ва барои намудҳои мувофиқи мол ҳеҷ гуна имтиёз намедиҳанд.

Бидуни розигии шарти нарх дар шартномаи хариду фурӯш наметавонад ба ҳисоб гирифта шавад. Ба ғайр аз ин дар савдои чакана фурӯшандагон аз чунин усулҳо ба монанди тахфифҳо истифода мебаранд. Бинобар, ин нарх дар шартномаи мазкур шарти муҳим мебошад.

Ба андешаи Ф.С. Сулаймонов «хусусияти шартномаи хариду фурӯши чакана дар он мебошад, ки дар шартномаи мазкур харидор ба сифати истеъмолкунанда баромад намуда, тамоми он ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки нисбати истеъмолкундагон қонунгузории кишвар пешбинӣ менамояд, нисбати харидор татбиқ карда мешавад» [91, с. 35] .

Бо ин хусусият шартномаи хариду фурӯши чакана аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ тафовут дорад. Аз сабабе ки харидор ба сифати истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана баромад менамояд, бинобар ин шартномаи хариду фурӯши чакана як намуди шартномаи истеъмолӣ низ ном бурда мешавад.

Баъзе муҳаққиқон шартномаи истеъмолиро, ҳамчун як намуди мустақили шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ номбар менамоянд. Аз ҷумла, А.Е. Шерстабитов қайд менамояд: «шартномаҳои истеъмолӣ, ин шартномаи байни истеъмолкунандагон ва ташкилотҳо (соҳибкорони инфиродӣ) мебошад, ки мол фурӯшанд (корҳо иҷро мекунанд, хидмат мерасонанд) ва дар асоси онҳо муносибатҳое ба вуҷуд меоянд, ки тибқи қонунгузории ҳимояи истеъмолкунандагон ба танзим дароварда мешаванд» [112, с. 91].

Ш.К. Ғаюрзода зикр менамояд, ки: «ба шартномаҳои истеъмолӣ чунин шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқие дохил мешаванд, ки яке аз тарафи он ҳатман истеъмолкунанда мебошад» [122, с. 36-39].

Аз таҳлили меъёрҳои КМ ҶТ метавон хулоса баровард, ки дар шартномаи мазкур харидор – истеъмолкунанда шахсе мебошад, ки дар муқоиса бо фурӯшанда ҳамчун тарафи заиф ва осебпазир аст. Заифии истеъмолкунандаро ба назар гирифта, қонунгузор ба воситаи меъёрҳои императивӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ҳуқуқи истеъмолкунандаро ҳимоя менамояд. Дар хариду фурӯши чакана бо иштироки харидор шахси воқеӣ дар қисмате, ки бо КМ ҶТ пурра танзим нашуда аст, бо қонунгузории ҶТ танзим карда мешавад.

Шартномаи хариду фурӯши чаканаро аз шартномаҳои хизматрасонии хӯроки умумӣ бояд ҷудо кард, зеро мавзуи шартномаи хариду фурӯши чаканаро ашё ташкил медиҳад ва мавзуи шартномаи хизматрасониро, амали муайян, ки аз хизматрасонӣ ҷудо намебошад. Дар қоидаҳои хизматрасонии хӯроки умумӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 06 июни соли 2005, №209 тасдиқ гардида, омадааст, ки «хизматрасонии хӯроки умумӣ, ин

хизматрасонӣ дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, маҳалли харид ва ҷойи дигари хӯроки умумиро дар назар дорад» [35].

Масъалаи дигар ин муайян кардани табиати шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Чун қоида шартномаи хариду фурӯши чакана ба гурӯҳи шартномаҳои консенсуалӣ, музднок, истеъмолӣ ва дутарафа дохил мешавад.

Агар қонун ё шартнома тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, қоидаҳои шартномаи хариду фурӯш нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана татбиқ карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари хусусияти умумии шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, шартномаи хариду фурӯши чакана ба гурӯҳи шартномаҳои музднок, консенсуалӣ, дутарафа дохил мешавад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана консенсуалӣ аст, зеро аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳо оид ба ҳамаи шартҳои муҳим басташуда ҳисоб мешавад, вале лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани шартнома бо супоридани мол ба харидор аз тарафи фурӯшанда алоқаманд карда намешавад.

Дар адабиёти зарурӣ андешаҳо дар хусусӣ реалӣ будани шартномаи хариду фурӯши чакана ҷой доранд. Ин муаллифон реалӣ будани шартномаи хариду фурӯши чакана бо усули худхизматрасонӣ ҳангоми харидани мол, мувофиқ омадани лаҳзи бастан ва лаҳзаи иҷрои шартномаи хариду фурӯши чаканаро вобаста медонанд.

Е.Ю. Валявина, «чун қойда шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҳамчун навъи шартномаи хариду фурӯши консенсулӣ меномад. Чунки дар ин шартнома ҳар ду тараф ҳуқуқ ва уҳдадорӣ доранд» [68, с. 44; 73, с. 33].

Аслан барои бастани шартномаи реалӣ қонун худи санади созиши тарафҳоро кифоя намеҳисобад, зеро амали иловагии супоридани молро ба он талаб менамояд.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «Шартномаи реалӣ – шартномаест, ки ҳуқуқу уҳдадориҳо танҳо аз лаҳзаи супоридани мол муқаррар карда мешавад ё барои пайдоиши он ба ғайр аз созиши тарафҳо, зарурияти супоридани ашё пайдо мегардад» [72, с. 328] .

Мо дар ин таҳқиқоти худ, тарафдори он андеша ҳастем, ки шартномаи хариду фурӯши чакана аз рӯйи табиати худ шартномаи консенсуалӣ мебошад. Дар шартномаи мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои фурӯшанда ва харидор аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳо оид ба шартҳои муҳимми шартнома, ба монанди мавзуъ, нарх шартнома басташуда эътироф мегардад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқот ба чунин хулоса омадем, ки шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи қонунгузории ҶТ яке аз намудҳои шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи истеъмолӣ мебошад. Ин шартнома дутарафа, музднок, консессуалӣ ва оммавӣ буда, ба сифати мавзуи он танҳо ашёҳои истеъмолӣ баромад мекунанд. Истеъмолкунанда дар ин шартнома шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқие буда метавонад, ки барои қонеъгардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест ашёи муайяни молиро харидорӣ менамояд.

Арзиши ин шартнома калон нест, чунки харидор тавассути он эҳтиёҷоти истеъмолии худро ба ашёҳои камарзиши истеъмолӣ қонеъ мегардонад.

### 1.2. Асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана

Барои тавзеҳи ибораи асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана аввал бояд, ки мафҳуми ибораи «асосҳои ҳуқуқӣ»-ро кушода диҳем. Асосҳои ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки самтҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқсозиро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагӣ муайян мекунанд.

К.А. Струс қайд мекунад, ки «асосҳои ҳуқуқӣ – ин низоми санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки тавассути принсипҳо ва дигар воситаҳои ҳуқуқӣ заминаи зерин фароҳам оварда мешавад: 1) ташкил ва институтҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегарад; 2) фаъолияти қонунӣ бо мақсади таъмини шароити пурраи ҳаёт, мустақилона амали намудани ҳуқуқҳо шахсӣ ва ниёзҳои ҳар як фард, гурӯҳи одамон ва ҷомеа амалӣ мегардад» [145, с. 81]. Асосҳои ҳуқуқӣ низоми

санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие мебошад, ки муносиатҳои муайяни ҷамъиятиро ба танзим даровarда, бо мақсади расидан бо ҳадафҳои муайян равона шудааст.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9-уми декабри соли 2004, №72 низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – маҷмуи санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, ки қувваи ҳуқуқӣ, ягонагӣ, гурӯҳбандӣ ва мутобиқатии онҳоро таъмин мекунад [10].

Метавон хулоса баровард, ки асосҳои танзими шартномаи хариду фурӯши чаканаро низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ки аз маҷмуи санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ иборат мебошанд.

Рушди танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана дар замони соҳибистиқлолӣ дар ҶТ таҳлил намуда мебинем, ки дар он ду тамоюли мусбат дида мешавад. Аввалан, дар ин самт корҳое ба анҷом расид, ки аз муттаҳидшавии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷудогона буда, дар натиҷа шартномаи хариду фурӯши чаканаро мақоми танзимгари мустақили ҳуқуқиро ба даст овард. Ин тамоюл инъикоси равандҳои таъсис ёфтани силсилаи марказҳои универсалии савдои чаканаро дар ҶТ, ки дар он истеъмолкунанда метавонад тамоми намуди ашёро харидорӣ намояд, мақомотҳои ваколатдори назорат дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагонро ба миён овард. Дуюм тамоюл, ин баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми харидани ашёи истеъмолӣ мебошад.

Дар адабиёти дахлдор вобаста ба асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана андешаҳои гуногун ҷой доранд.

Ба андешаи Е.Ю. Валявина «сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, дар онҳо меъёрҳои қисмати умумии КМ ҶТ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар нисбати намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фӯруши чакана мавҷуд мебошад»

[68, с. 42-43].

Ба андешаи О.Н. Садиков «қоидаҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана дар зербоби 2 боби 30 КГ ФР мустаҳкам шудааст. Ба ғайр аз ин, нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана, ҳамчунин ба тартиби иловагӣ меъёрҳои муқаррароти умумӣ оид ба шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ва дигар меъёрҳои КГ ФР, ки хусусияти умумӣ доранд, низ истифода мешаванд» [71, с. 11-12].

В.В. Семенихин қайд менамояд, ки «шартномаи хариду фурӯши чакана, яке аз намудҳои паҳншудаи шартномаҳои хариду фурӯш мебошад, ки хусуситҳои хоси худро дорад» [144, с. 78] .

Н.Ю. Хорошавина дар таҳиқоти худ зикр менамояд, ки «қонунгузорие, ки муносибатҳоро оид ба шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медарорад, махсусиятҳои худро дорад. Санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки муносиатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро танзим менамоянд, дорои хусусияти комплексӣ (омехта) мебошанд, заминаи онро қонунгузории маданӣ ташкил медиҳад; усули танзими императивӣ дар танзими ин муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, нисбат ба дигар шартномаҳои хариду фурӯш зиёд истифода бурда мешаванд» [166, с. 41].

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чаканаро санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Инро ба инобат гирифта дар қ. 4 м. 521 КМ ҶТ омадааст: «хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш (хариду фурӯши чакана, маҳсулотсупорӣ, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард ё фурӯш, таъмини энергия, фурӯши ашёи ғайриманқул, фурӯши корхона)-ро ҳамин Кодекс ва қонунгузорӣ муқаррар менамоянд» [2]. Яъне хусусиятҳои танзими ҳуқуқи шартномаи хариду фурӯши чаканаро санадҳои алоҳидаи меъёрӣ-ҳуқуқии ҶТ муайян менамоянд.

Ҳамин тавр, асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чаканаро меъёрҳои боби 35 КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки

муносибатҳои хариду фурӯши чаканаро ба танзим медарорад, ташкил медиҳад.

Мавҷудияти муносибатҳои махсуси хариду фурӯши чакана, танзими ҳуқуқии махсуси худро тавассути қонунгузории дар соҳаи хариду фурӯши чакана тақозо мекунад.

Дар м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ» аз 30.05.2017, №1414 оварда шудааст, ки «қонунгузорӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмуъ ё дар соҳаи муайян танзим мекунанд» [12].

Метавон хулоса намуд, ки қонунгузорӣ дар бораи шартномаи хариду фурӯши чакана – маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён омадаро дар маҷмуъ танзим мекунанд.

Нақши асосӣ дар танзими муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро қонунгузории маданӣ иҷро мекунад. Ин бесабаб нест, ки зеро шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз намудҳои асосӣ ва маъмултарин шатномаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад.

М.М. Соҳибзода қайд менамояд, ки «дар рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як давлат нақши қонунгузории маданӣ бузург аст. Бинобар ин, дар ҳама давраҳои таърихӣ ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории маданӣ (хусусӣ) диққати асосӣ дода мешавад» [99, с. 15]. Дар нисбати қонунгузории маданӣ, низ қонунҳо ва санадҳои дигари қонунгузорӣ бояд бо КМ ҶТ мутобиқ бошанд.

Мувофиқи м. 1 КМ ҶТ, «қонунгузории мадании ҶТ ба Конститутсияи ҶТ асос ёфта, аз ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад» [2]. Бояд зикр намуд, ки санади меъёрӣ-ҳуқуқии муҳимми бунёдие, ки дар рушди муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашё мусоидат намудааст, ин Конститутсияи ҶТ мебошад, ки 6-уми ноябри соли 1994 ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул карда

шудааст. Дар қонуни асосӣ як қатор меъёрҳое мавҷуданд, ки муносибатҳоро дар ҷодаи амалишавии функсияҳои шартномаи хариду фурӯши чакана бавосита ё бевосита танзим менамоянд. Дар м. 12 Конститутсия муқаррар шудааст: «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [1].

Ин меъёри ҳуқуқии қонуни асосӣ барои рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла муносибатҳои хариду фурӯши чакана нақши муҳим бозидааст. Зеро ин меъёр заминаи ҳуқуқиро барои рушди қонунгузории тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи танзими хариду фурӯши чакана асос мегузорад. Тибқи муқаррароти м. 12 Конститутсия дар ҶТ моликияти хусусӣ эътироф карда шуда, давлат озодии иқтисодиро, аз ҷумла фаъолияти соҳибкориро дар сатҳи қонун иҷозат медиҳад ва ҳама маҳдудиятҳо дар соҳаи фаъолияти озоди иқтисодӣ аз байн бардошта мешавад.

Ҳамин тариқ, асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чаканаро меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ва танзими шартномавӣ ташкил медиҳад, ки хусусияти комплексӣ доранд, яъне меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Сабаб дар он аст, ки соҳаи савдои чакана бидуни эҳтиром ва риояи арзиш ва воситаҳои ҳуқуқи маданӣ инкишоф намеёбад. Асоси принсипҳои ҳуқуқи маданӣ ин озодии шартнома, дахлнопазирии моликият, кори хусусӣ ва дигар арзишҳои КМ ҶТ мебошанд.

Дар байни ин санадҳои танзими шартномаи хариду фурӯши чакана саҳми КМ ҶТ бузург мебошад. Чунин падидаҳои ҳуқуқи маданӣ, аз қабили шартномаи хариду фурӯши чакана (зербоби 2 боби 35) ва қодаҳои умумии шартномаи хариду фурӯш (боби 35) ва меъёрҳои қисми якуми КМ ҶТ барои танзими хариду фурӯши чакана ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши ашё барои эҳтиёҷоти шахсӣ, манзилӣ, истифодаи дигар ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандӣ надорад, равона шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки бори аввал давраи соҳибистиқлолии ҶТ шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҳамчун навъи шатномаи алоҳидаи

хариду фурӯш боби 29 КГ ҶТ, ки 11 декабри соли 1999, №884, қабул шуда буд, ба танзим медарорад. Таҳлили меъёрҳои м. 528-541 КГ ҶТ, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҳамчун намуди шартномаи хариду фурӯш ба танзим медаровард, аввалин маротиба мафҳуми ин шартномаро медиҳад ва муҳимтарин меъёрҳои танзими онро муқаррар менамояд.

Новобаста аз ин бояд зикр намуд, ки дар КГ дар қисмати шартномаи хариду фурӯши чакана ҷой доштанд. Мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана, ки матни тоҷикии он, бо тарҷумаи матни русии мафҳуми шартнома дар КГ ҶТ мувофиқат намекард. Мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана нопурра буда, хусусиятҳои муҳимми онро нишон намедод ва ба матни русии он мувофиқат намекард. Новобаста аз ин бояд гуфт,ки он қадами аввалине буд, ки ин шартномаро ҷудо мекард.

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов: «КГ ҶТ зиёда аз 20 сол пеш қабул шуда буд, ки дар он вақт мамлакат қадамҳои аввалини ташкили муносибатҳои бозориро гузошта буд, зимнан таҳрири якуми КГ ҶТ дар шароити душвори барқарор намудани иқтисодиёти дар ҷанг харобгардидаи Тоҷикистон ва ислоҳоти бозори дигаргунсозанда сурат гирифт. Ба ғайр аз ин, донишҳо доир ба қонунҳо ва принсипҳои бозор, институтҳои бавуҷуд омадаистодаи бозорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надоштанд. Таҷрибаи амалӣ ва назариявии татқиқи муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ мавҷуд набуд» [150, с. 56].

Дар ин миён ҶТ зарурияти қабули КМ ҶТ ба миён омад. Пас аз муҳокимаҳои тулонӣ КМ ҶТ ва ба имзо расидани он аз ҷониби Президенти ҶТ (24.12.2022, №1918) эътибори қонунӣ пайдо кард. Аз 1 июли соли 2023 мавриди амал гирифт. Дар зербоби 2 боби 35 КМ ҶТ «Шартномаи хариду фурӯши чакана» (м. 560-572) муқаррар намудааст. Меъёрҳои ин зербоби КМ ҶТ шартномаи хариди фурӯши чаканаро ба танзим дароварда, хусусияти ҳатмӣ дорад ва ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона шудааст.

Бояд махсус таъкид намоем, ки меъёрҳои пешбининамудаи зербоби 2 боби 35 КМ ҶТ (м.м. 560-572), ки муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, хислати императивӣ доранд.

Аз илми назарияи ҳуқуқ маълум аст, ки меъёрҳои императивӣ навъи ҳатмии амали ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд. Ин меъёрҳо дар соҳаи ҳуқуқи умумӣ истифода мешаванд. Меъёрҳои императивӣ – меъёрҳои ҳатмӣ буда, бечунучаро, бо тағйири шартҳои меъёрӣ амалӣ мешаванд ( меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҷиноятӣ ва мисли инҳо) [106, с. 284].

Дар ҳуқуқи маданӣ меъёрҳое, ки хислати императивӣ доранд, васеъ истифода мешаванд. Барои мисол маҳз дар шартномаи хариду фурӯши чакана қонунгузорӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва танзими савдои чакана, шумораи зиёди меъёрҳои ҳуқуқие қабул карда шуданд, ки хусусияти императивӣ доранд. Меъёрҳои императивӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба таври ҳатмӣ амали тарафҳои ин шартномаро дар иҷрои уҳдадориҳояшон муайян менамояд. Масалан, мувофиқи қ. 1 м. 562 КМ ҶТ «Фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор оид ба моли барои фурӯш пешниҳодгардида иттилои боэътимодро пешниҳод намояд, ки ба талаботи муқарарнамудаи қонунгузорӣ ё одатан дар савдои чакана пешниҳодшавандаи вобаста ба мазмун ва тарзи пешниҳоди он мувофиқ мебошад» [2].

Меъёрҳои императивӣ намегузоранд, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана тарафҳои шартҳои муқарраркардаи қонун бо ирода ва розигии худ бекор карда, онро тағйир диҳанд. Талаботи ин меъёрҳо бо таври қатъӣ тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро вазифадор менамояд, ки уҳдадории худро иҷро намоянд.

Ю.В. Ковалева қайд менамояд, ки «намуди бештари меъёрҳои императивӣ дар уҳдадориҳо оид ба додани мол пешбинӣ шуда, дар меъёрҳои шартномаи хариду фурӯши чакана оид ба тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана дида мешаванд. Ин меъёрҳо як навъи маҳдудкунии озодии шартнома маънидод карда мешавад. Функсияи асосии усули императивии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, ин ҳимояи манфиатҳои тарафи харидор, ҳамчун тарафи заифи шартнома мебошад» [153, с. 8-9].

Т.И. Султонова таъсири меъёрҳои императивиро дар Кодекси мадании ҶТ таҳлил намуда, зикр менамояд : «Аксар меъёрҳои қ. 2 Кодекси мадани̅, ки намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳоро ба танзим медароранд, хусусияти императиви̅ доранд» [146, с. 162-163].

Хулоса, таҳлили қонунгузории кишвар нишон медиҳад, ки давлат ба воситаи муқаррар кардани меъёрҳои императиви̅, дар шарномаҳои ҳуқуқи мадани̅ талаботҳои ҳатмиро нисбати иштирочиёни ин шартнома пешбини̅ менамояд. Қонунгузори̅ ба чунин восита таъсиррасонии давлати̅, баробарии тарафҳоро дар шартномаи хариду фурӯши чакана таъмин менамояд.

Муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ин муносибатҳои дар раванди иҷро анҷомёбанда, инчунин дигар муносибатҳои бо онҳо зич алоқаманд мебошад.

Ба андешаи Н.Ю. Хорошавина «муносибатҳои хариду фурӯши чаканаро, ки мавзуи танзими қонунгузори̅ оид ба шартномаи чаканаи хариду фурӯш мебошад, метавон ба чунин намуд ҷудо намуд , ба хусуси̅ (байни харидор ва фурӯшанда - контрагент) ва умуми̅ (байни контрагент ва харидор ва мақомоти ваколатдор ҳокимияти давлати̅). Муносибатҳои хусусии хариду фурӯши чаканаро метавон ба ду намуд ҷудо намуд – шартномави̅ (гузошташуда байни тарафҳо, аз ҷониби субъектҳои шартномаи хариду фурӯши чакана – харидор ва фурӯшанда) ва ғайришартномави̅ (гузошташуда байни субъектҳо, контрагентон, муносибатҳои хариду фурӯши чакана, ки аз шартнома – харидор ва истеҳсолкунанда, воридкунанда, иҷрокунанда)» [166, с. 41].

Мувофиқи қ. 3 м. 560 КМ ҶТ дар муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана бо иштироки харидор – шахси воқеи̅ ба миён меоянд, дар қисмате, ки бо КМ ҶТ ба танзим дароварда нашудаанд, қонунгузории ҶТ истифода мебарад. Шахсони воқеи̅ ҳамчун харидор дар фарқият аз шахси ҳуқуқи̅ шахси осебпазир буда, таҳти ҳимояи махсуси қонун қарор дорад. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана, харидор ҳамчун истеъмолкунанда – шахси воқеи̅ дар фарқият аз фурӯшанда, шахси нисбатан оҷиз ва шахси касби̅ намебошад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки қонунгузорӣ оид ба шартномаи хариду фурӯши чакана на танҳо барои ҳифзи манфиатҳои харидорро, ҳамунин манфиатҳои фурӯшанда – соҳибкорро низ ҳифзу танзим менамояд. Зеро мақсади танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ин ба миён овардани як низоми муътадили рушди муносибатҳои маданӣ мебошад. Дар сатҳи ҳимояи манфиатҳои соҳибкор, ҳамчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» амал менамояд, ки пурра барои ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон равона шудааст.

Харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати «истеъмолкунанда» баромад менамояд, бинобар ин вазъи ҳуқуқии харидорро дар қонунгузории ҶТ дар асоси ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муайян карда мешавад.

Ба ақидаи П.З. Мирзозода «муносибатҳои бо қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон танзимшаванда метавонад аз шартномаи хариду фурӯши чакана, иҷора (инчунин киро), иҷораи бинои истиқоматӣ (аз ҷумла иҷораи иҷтимоӣ), аз ҷумла иҷрои кор ва расонидани хизмат тибқи истифодаи дахлдори хонаи истиқоматӣ, ки дар он бинои истиқоматии мазкур ҷойгир аст, пайдо шавад» [82, с. 264]. Ин андешаро мо низ ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоем, ки дар танзими муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана нақши қонунгузории ҶТ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон хело муҳим мебошад.

Қонунгузории ҶТ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз маҷмуи санадҳои меъёрии гуногуни соҳа иборат мебошад, ки ҳуқуқи истеъмолкунандаро ҳангоми хариди ашё ва хизматрасонӣ танзим менамояд. Аз сабабе ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ба сифати истеъмолкунанда баромад менамояд, бинобар ин қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нисбати ин шартномаи мазкур татбиқ мегардад.

Б. Ҳабибов қайд менамояд, ки «қонунгузории ҶТ дар бораи ҳимояи

ҳуқуқи истеъмолкунандагон хусусияти комплексиро дорад. Ин меъёрҳои дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии гуногун мустаҳкам шудаанд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро бо иштироки истеъмолкунандагон ба танзим медароранд» [84, с. 9].

Аз таҳлили қонунгузорие, ки муносибатҳоро оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба танзим медароранд, метавон ба чунин хулоса омад, ки мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба тарафи заифи шартнома равона шудааст.

Бояд зикр намуд, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро, бо иштироки истеъмолкунандагон, аз ҷумла дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба танзим медароранд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мустаҳкам шудаанд с. 12-13]. Бинобар ин метавон гуфт, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медарорад, хусусияти комплексӣ доранд. Барои фаҳмидани ин қонунгузории комплексӣ бояд, ки мафҳуми онро кушода диҳем.

Дар илми назарияи ҳуқуқ, «қонунгузории комплексӣ ҳамчун яке аз намудҳои соҳаи қонунгузорӣ ҳисобида мешавад, ки унсурҳои сохтори системаи қонунгузорӣ дорад» [75, с. 318-320; 143,

Қонунгузории комплексиро ҳамчун гурӯҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро танзим мекунанд, фаҳмидан мумкин аст.

Муҳаққиқони дигар қайд менамоянд, ки қонунгузории комплексӣ меъёрҳои якчанд соҳаҳои ҳуқуқ ё сохтории ташаккулёбии онҳоро (зерфаслҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ) ифода мекунад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро аз ҷиҳати мазмуни хоси худ фарқ мекунанд ва соҳаи нисбатан мустақили ҳаёти ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Тибқи ин нуқтаи назар, мавзуи танзими соҳаҳои қонунгузории комплексӣ бар хилофи соҳаҳои ҳуқуқ на намуд, балки соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои гуногуни онҳоро муттаҳид менамояд. Ҷонибдорони мавқеи баррасишаванда, инчунин таъкид мекунанд, ки онҳо мавзуи танзими меъёрҳои якчанд соҳаи ҳуқуқ буда,

ҳамзамон бо назардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои муштараки фаъолияти инсон ягонагии муайяне доранд. Ягонагӣ ва фарогирии гурӯҳҳои соҳавии муносибатҳои ҷамъиятӣ умумият ва алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқи онҳоро танзим мекунад [110, с. 298] .

Ҳамин тариқ, нуқтаи назари олимонро оид ба мафҳум ва мавзуи танзими қонунгузории комплексӣ, ки дар илми муосири ҳуқуқӣ иброз шудаанд, баррасӣ намуда, ба хулосае меоем, ки қонунгузории комплексӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ дар бораи хариду фурӯши чакана дар иртибот бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ (қисматҳои меъёрҳо, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ҷойгиранд) ҳангоми танзими ҳуқуқии ин муносибатҳои ҷамъиятии якхела дар алоқамандӣ қарор доранд. Ҳадафи ин алоқамандӣ ташаккули заминаи муносибатҳои меъёрӣ дар рафтори иштирокчиёни ин муносиатҳои ҳуқуқӣ, бо назардошти хусусиятҳои мавзуи танзими ҳуқуқӣ мебошад.

Мо, инчунин қайд менамоем, ки бо танзими хариду фурӯши чакана, қонунгузор метавонад меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, қисмҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва ҳам тамоми меъёрро қабул менамояд, ки онҳо дар ҳамкорӣ қарор доранд. Ҳамкории ин меъёрҳои соҳаҳои гуногун дар танзими шартномаи хариду фурӯши чакана дар шакли иловагӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон, қонунгузорӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданиро пешбинӣ менамояд. Чунончи, фиреби истеъмолкунандагон дар м. 294 Кодекси ҷиноятӣ ҶТ [6], фурӯш, истеҳсол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки сертификатсияи ҳатмӣ надоранд, фиреби истеъмолкунандагон дар м.м 626, 627 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ [8], пешбинӣ шудааст.

Мо низ ин андешаро ҷонибдорӣ намуда, чунин пешниҳод менамоем, ки заминаи қонунгузории комплексии шартномаи хариду фурӯши чаканаро, ин қонунгузории маданӣ ва усули танзими онро меъёрҳои императивӣ ташкил медиҳанд.

Дар танзими шартномаи мазкур ба ғайр аз меъёрҳои хуқуқи маданӣ, боз меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқи омма ба монанди, ҳуқуқи маъмурӣ, андоз ва ғайра дида мешаванд. Дар Кодекси андози ҶТ, меъёрҳое амал мекунанд, ки барои танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, аз ҷумла муайян кардани ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳои ин шартнома равона карда шудаанд.

Аз таҳлили санадҳои меёърӣ-ҳуқуқие, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, метавон ба чунин хулоса омад, ки асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана хусусияти комплексӣ (омехта) дошта, асоси онро қонунгузории маданӣ ташкил медиҳад.

Дар хусуси қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар танзими муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана баёни андеша намуда, бояд қайд намоем, ки нақши муҳимро дар танзими он Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки аз 9 декабри соли 2004, №72 қабул шудааст ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо мақсад иҷрои ҳуқуқи истеъмолкунандагон қабул шуда иҷро менамоянд. Қонуни мазкур аз 5 боб ва 45 модда иборат аст.

Хусусияти муҳимми ин қонун дар муқаддимаи он зикр гардидааст. Аз ҷумла дар муқаддимаи ин қонун оварда шудааст, ки «қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим дароварда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуққоро муайян мекунад» [10].

Як чизро бояд ёдовар шуд, ки дар кишвар қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз оғози солҳои 1990 ба истилоҳи пурра фаро гирифта шуд, ки пеш аз ҳама дар бекор кардани санадҳои меъёрии идоравӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба танзим

медароваpд, қабул намудани Қонун ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва як қатор дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дигар ифода меёбад. Қонун дар бораи ҳимояи истеъмолкунандагон ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро, ки ҳангоми харидан мол барои эхтиёҷоти шахсӣ,тамоми ҷаҳон эътироф шударо, муқаррар намуда, усулҳои амалӣ гардонидани онро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳо бо молҳои бо сифати дахлдор ва бехатар дар ҶТ, муайян менамояд.

Мутаассифона дар ИҶШС санадҳои ҳуқуқии идоравӣ бисёртар бо мазмуни худ нисбат ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ки дорои қувваи баландтари ҳуқуқӣ доштанд, мухолифат намуда, тибқи мазмуни он идораҳои давлатӣ кӯшиш мекарданд, ки манфиати ташкилотҳои ба низоми онҳо воридшударо аз ҳисоби поймол кардани манфиатҳои шаҳрвандон ҳимоя намоянд.

Ин санад дар баробари такмили меъёрҳои КМ ҶТ як қатор муқарраротӣ ҳатмӣ ва дорои хислати оммавиро пешбинӣ мекунад, ки аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ қонуни соҳавӣ мебошад. Дар нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана қонунгузории ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон татбиқ шуда, харидор ба сифати истеъмолкунанда баромад карда, вазъи ҳуқуқии махсусро соҳиб шуда, ба ғайр аз меъёрҳои КМ ҶТ, иловагӣ аз ҳуқуқҳое, ки ба истеъмолкунандагон ҳангоми хариди мол қонун иҷозат медиҳад, соҳиб мегарданд.

Қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба намудҳои алоҳидаи шартномаи ҳуқуқи маданӣ дар ин қисмате, ки ба КМ ҶТ мухолифат намекунад, татбиқ мегардад [98, с. 14].

Қонуни мазкур мафҳумҳоеро ба монанди истеъмолкунанда, фурӯшанда, истеҳсолкунанда, пудратчӣ, сифати ашё, муҳлати кафолат, муҳлати истеъмол, набудани мол ё моли дорои сифати номатлуб ва ғайра, инчунин ҳуқуқи истеъмолкунанда ва фурӯшандаро пешбинӣ менамояд. Боби 2 қонуни мазкур, номи «Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши молҳо» гирифтааст. Дар боби мазкур оқибатҳои фурӯши моли

дорои сифати номатлубро муайян мекунад, муҳлатҳои барои истеъмолкунанда пешниҳод кардани талаботро оид ба камбудиҳои мол, рафъи камбудиҳои мол аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда), иваз кардани моли дорои сифати номатлуб, масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда) барои таъхири иҷрои талаботи истеъмолкунанда, ҳуқуқи истеъмолкунанда барои мубодилаи молҳои хушсифат ва ғайра, нишон дода шудааст.

Масъалаи дигари мубарам дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ин танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба савдои чаканаи электронии ашё мебошад. Бояд қайд намуд, ки солҳои охир дар тамоми кишварҳои пешрафтаи дунё бо пайдоиши шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муосири интернет, усулҳои муосири хариду фурӯши чаканаи мол хело рушд кардааст. Ин тарзи хариду фурӯш хело осон, дастрас ва муносиб мебошад. Дар кишвари мо низ хариду фурӯш тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рӯз аз рӯз рушд карда истодааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ рушди иқтисоди рақамиро дар кишвар ҳамчун соҳаи афзалиятнок муайян намуда, ҷиҳати рушди соҳа як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул кардааст.

24 декабри соли 2022 Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ», №1921 қабул карда шуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти савдои электронӣ танзим намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ, инчунин таъмини фаъолияти онҳо равона гардидааст. Қонуни мазкур, иштирокчиёни савдои электронӣ, аҳдҳои электрониро муайян намуд, тартиби бастани аҳдҳо ва талаботҳои муайянро нисбати иштирокчиёни аҳдҳои электронӣ пешбинӣ менамояд.

Тибқи қонуни мазкур, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки савдои электрониро амалӣ менамоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд. Амали Қонуни мазкур нисбат ба аҳдҳое, ки тасдиқи ҳатмии нотариалӣ ё бақайдгирии давлатиро талаб менамоянд, дар бозори суғурта ва коғазҳои қиматнок баста мешаванд ва объектҳое, ки аз муомилоти маданӣ бароварда ё маҳдуд шудаанд, инчунин хариди давлатӣ татбиқ намегардад. Мувофиқи м. 1 Қонуни ҶТ

«Дар бораи савдои электронӣ» «аҳди электронӣ – амалҳои иштирокчиёни савдои электронӣ, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо равона гардида, тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ анҷом дода мешаванд» [27]. Иштирокчиёни савдои электронӣ – фурӯшанда, харидор, миёнарави иттилоотӣ ва миёнаравони дигар, ки дар ташкил ва амалисозии савдои электронӣ иштирок ё ба иҷрои он мусоидат менамоянд, номбар шудааст.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар самти амали шудани муқарароти қонуни мазкур мушкилотҳо ҷой доранд. Фазои савдои электронӣ айни ҳол ба сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ – интернетии пешниҳодкунандаи рӯйхати мол, тахтаи эълонҳо, ки дар он ҷо танҳо муқоисаи вариантҳо дар реҷаи онлайн гузаронида шуда, пардохт ва дастраснамоии молҳо асосан бе истифода аз интернет амалӣ карда мешавад, маҳдуд аст. Яъне низоми пардохти электронӣ, ташкили ҳисоббаробаркуниҳои молиявии электронӣ дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки ба тарафҳои аҳд имкон медиҳад суратҳисоби бонкӣ ва ё дигар воситаҳои электронии пардохтии худро мустақилона идора намоянд, ҷой надорад.

Бояд қайд намуд, ки барои гузаштан ба ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ бо Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 [44] қабул карда шудааст ва дар санаи 23.12.2022 дар Паёмаёшон Президентзикр таъкид сохтанд [55] . Барои мисол имрӯзҳо мағозаҳои гуногун ба истеъмолкунандагон молҳои гуногунро барои истеъмоли шахсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ намоиш дода, ба фурӯш мебароранд. Пардохт ва дастрасии молҳо асосан бе низоми пардохти электронӣ гузаронида мешавад. Субъектоне, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи мол тавассути аҳдҳои электронӣ анҷом медиҳанд, талаботи қонунро оиди савдои электронӣ ҳангоми бастани аҳдҳои электронӣ риоя намекунанд, бинобар ин шартномаҳоеро, ки тавассути шабакаи интернет мебанданд, мо ҳамчун аҳдҳои электронӣ гуфта наметавонем.

Чи тавре ки дар боло қайд шуд, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар самти амалиётҳои рақамӣ ва ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон меъёри алоҳида сабт нашудаанд. Аз тарафи дигар, аҳдҳои сершумори электронӣ, эътимоднокии онҳо бояд санҷида шаванд ва агар баҳодиҳӣ дуруст бошад, он камбудии муҳимро инъикос мекунад, зеро савдои электронӣ аз боварии истеъмолкунандагон, пешгӯишавандагии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми амалиётҳои такрорӣ ва дар ҳолатҳои мушаххас, ба монанди баргардонидани маблағи пардохтшуда вобаста аст.

Дар баробари ин баъзе муҳаққиқони ватанӣ нигоҳи худро нисбати ин қонун баён кардаанд. Аз ҷумла ба андешаи З.М. Майнусова «муқаррароти қонуни мазкур бо муқаррароти КМ ҶТ тавъам нестанд» [158, с. 39].

Ба ин андеша розӣ шудан мушкил аст, зеро Қонуни мазкур талаботҳои навро дар самти савдои электронӣ, ки пеш дар кишвари мо дар сатҳи ҳуқуқӣ ҷой надошт, муқаррар карда, ин муносибатҳоро ба танзим даровардааст. Риояи он бошад, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни савдои электронӣ равона шудааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» тағйирот ворид карда шуда, меъёри алоҳида оид ба «савдои фосилавӣ» ворид карда шаванд.

То кадом андоза ин пешниҳод асоснок аст, баҳо додан мушкил мебошад, чунки айни замон дар кишварамон дар қиёс ба баъзе кишварҳои хориҷа Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» амал мекунад, ки риояи меъёрҳои қонуни мазкур ҳуқуқи манфиатҳои иштирокчиёни аҳдҳои электрониро ҳимоя мекунад.

Бо афзун шудани талабот ба савдои электронии хариду фурӯши чаканаи ашё танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба хариду фурӯши электронии молҳо дар шабакаҳои интернетӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар соҳаи хариду фурӯши электронии чаканаи мол, ба андешаи мо ин риояи қонуни савдои электронӣ ва қабули санадҳои зерқонунӣ дар ин соҳа шуда метавонад. Дар ин самти савдои

электронӣ масъалаи танзими ҳуқуқи мадании шартномаи хариду фурӯши чакани ашё муҳим мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» меъёри мушаххас оид ба савдои электронӣ ҷой надорад. Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон ва фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим медаровард. Пешниҳод менамоем, ки қонуни мазкур дар самти амалиётҳои рақамии ҳуқуқҳои истеъмол-кунандагон меъёри алоҳидаи дақиқ ворид карда шавад.

Дигар санади муҳимме, ки дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дида мешавад, ин Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»« аз 6 июни соли 2005, №209 тасдиқ шуда, амал менамояд. Дар қарори мазкур, дар замимаи №1, номгӯйи алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунандагон, замима пешбинӣ намудааст [35].

Баъд аз таҳлили қоидаҳои мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки қоидаҳои мазкур бесамар ва дар танзими муносибатҳо бо иштироки харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана мукаммал намебошад. Зеро айни замон муносибатҳо оид ба хариду фурӯш тавассути шабакаҳои коммуникатсионӣ-иттилоотӣ хело рушд кардааст. Ҳамчунин намудҳои фурӯши ашёҳои гуногун ба истеъмолкунандагон пайдо шуда, рушд карда истодааст. Аммо меъёрҳои алоҳида оид батанзими ҳуқуқии савдои электронӣ дар ин қоидаҳо ҷой надоранд. Аз тарафи дигар қоидаҳои мазкур мураккаб буда, намудҳои алоҳидаи хариду фурӯшро танзим намекунанд. Аз ҷумла, шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашё тавассути мағозаҳои комиссионӣ, хариду фурӯши ҳайвонот ва растаниҳо, хариду фурӯши фосилавии ашё, савдои электронии ашё ва ғайра мисол шуда метавонанд. Омӯзиши қонунгузории кишварҳои дигар, хусусан ФР, нишон медиҳад, ки бо ҳамин монанд санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ такмил дода шуда, санадҳои

нави меъёрии зерқонунӣ бо мақсади танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, қабул карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки аз танзими дурусти меъёрҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, нақши санадҳои зерқонунӣ вобастагии калон доранд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»« аз 6 июни соли 2005, №209, дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад.

Бояд зикр намуд, ки дар самти танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана санадҳои зерқонунии алоҳида махсусан ба танзими намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана камбудӣ доранд. Мавҷудияти меъёрҳои алоҳидаи танзими хариду фурӯши чакана, механизми танзими ҳуқуқии ин шартномаро мушкил гардонида, ба ҳадафҳои ниҳои давлат оид ба одӣ гардонидани расмиёт ва танзими дурусти ин соҳа мусоидат намекунад. Бинобар ин, барои танзими хариду фурӯши чакана, низомнок будани он, пешниҳод менамоем, ки «Қоидаҳои хариду фурӯши чаканаи ашёи истеъмолӣ» таҳия ва қабул карда шавад.

Қонуни дигари муҳимме, ки муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медаророад, ин Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», аз 19 марти соли 2013, №943 мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ташкил, танзим ва назорати савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои савдо ва хизматрасонии маишӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба ашё, иҷрои корҳо ва хизматрасонии маишӣ дар ҶТ-ро муайян менамояд.

Ин қонун мафҳумҳоеро ба монанди савдо, савдои чакана, савдои хурди чакана, шабакаи савдо, савдои яклухт, бозори чакана, бозори умумиҷаҳонӣ, бозори махсус, бозори кишоварзӣ ва ғайра муайян мекунад.

Дар танзими шартномаи хариду фурӯши чакана, ба ғайр аз санадҳои қонунгузории миллӣ, саҳми санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

низ нақши муҳим доранд. Санадҳои байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст, қисми низоми ҳуқуқи кишвар буда, аз ин рӯйи аҳаммияти онҳо дар рушди қонунгузории миллӣ калон мебошад. Қарордодҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон тибқи ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи СММ барои ҳифзи сулҳу амният ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Гузоришҳои муфассал оиди ҳуқуқи инсон далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ таҳти №30/248 аз 9 апрели соли 1985 «Принсипҳои роҳбарикунанда оид ба ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон» [46], ки яке аз ҳадафҳои муҳимтарин барои рушди қонунгузории ватанӣ оид ба ҳифзи истеъмолкунандагон, аз ҷумла дар доираи шартномаи хариду фурӯши чакана ба кишварҳо кумак расонида, дар таъсис ё минбаъд таъмин намудани ҳифзи муносиби аҳолии худ ҳамчун истеъмолкунанда аҳаммият дорад. Дар қатъномаи номбурдаи СММ номгӯйи 8 ҳуқуқи муҳимтарини истеъмолкунандагон оварда шудааст, ки он дар қонунгузории аксар давлатҳои ҷаҳон мустаҳкам шудааст.

Аксари ин принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар қонунгузории Тоҷикистон инъикос шудаанд, масалан, аз қабили: принсипи бехатарии ҷисмонии ашёҳо ва хизматрасониҳо, принсипи риояи стандартҳои бехатарӣ ва сифати ашёҳо ва хизматрасонӣ, принсипи ҳифзи истеъмолкунандагон ва ғайра. Аммо то имрӯз, тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, на ҳама принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои қонунгузории миллӣ инъикос шудаанд. Масалан, принсипи пешбурди манфиатҳои иқтисодии истеъмолкунандагон танҳо қисман муқаррар карда шудааст, принсипи байналмилалии системаи тақсими ашёҳои асосии истеъмолӣ ва хизматрасонӣ амалӣ нашудааст.

Ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ашёҳои бесифат ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар Паёми Президенти ҶТ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22-юми декабри соли 2017 чунин ибрози назар карда шуд: «Таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, ки шарти асосии солимии мардум мебошад, яке аз масъалаҳои

муҳим ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати пешгирии воридоти молҳои пастсифат ва ғайристандартӣ мақомоти ваколатдорро зарур аст, ки доир ба риояи ҳатмии Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» чораҳои таъхирнопазир андешанд ва дар ин самт Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавориро таҳия ва амалӣ намоянд» [54].

Аз ин пеш Пешвои миллат, ҷиҳати кам карани молҳои воридкунанда дар бозори молии Тоҷикистон ва истеҳсоли молҳои ватанӣ дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 20 январи соли 2016 таъкид сохта буданд, ки «бояд маҷмуи чорабиниҳо доир ба фароҳамсозии шароити мусоид ҷиҳати васеъ ба роҳ мондани коркарду фурӯши маҳсулот, зиёд кардани номгӯйи молҳои содиротӣ, аз ҷумла ноил шудан ба истеҳсоли на кам аз 20 номгӯйи нави молҳои ивазкунандаи воридот бо арзиши баланди иловашуда ва иловатан ба роҳ мондани истеҳсоли 20 намуди чунин молҳои содиротӣ амалӣ карда шавад» [53].

Расидан бо ин ҳадафҳо, дар алоқамандӣ бо дигар чорабиниҳо инчунин талаб мекунд, ки танзими самараноки шартномаи хариду фурӯши чакана ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин дар «Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1-уми декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, омадааст, ки «яке аз ҳадафҳои миллӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат эълон шудааст» [37].

Дар танзими хариду фурӯши чакана таҷрибаи судӣ нақши махсус дорад. Дар робита ба бозори босуръат тағйирёбандаи ашёҳо ва хизматҳо, қонунгузорӣ барои навсозӣ ва аз байн бурдани ихтилофҳо имкон надорад, ки ихтилофи назарро дар байни меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва ҳолатҳои воқеии ҳуқуқӣ танзими гуногунро муқаррар кунад. Барои ҳалли ин мушкилот тадбирҳои гуногун истифода мешаванд. Яке аз ин тадбирҳо, ин Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ вобаста ба татбиқи дурусти қонунгузории ҶТ мебошад. Таъсири амалияи судӣ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ бо иштироки истеъмолкунандагон як падидаи бисёрҷабҳа мебошад.

Фаъолияти Пленуми Суди Олӣ аҳаммияти муҳим дорад,зеро нуктаҳои ҳуқуқӣ, ки дар қарорҳои тавзеҳотӣ ифода мегарданд, минбаъд метавонанд ба меъёри хуқуқӣ табдил ёбанд. Чунончӣ, меъёри қонунгузории маданӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддӣ ҳангоми начот додани амвол, дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС пайдо шуда буд. Тавзеҳоти Пленуми Суди Олиро чун амалияи судӣ ё амсоли судӣ тавсиф мекунанд. Онҳо чун ҷузъи татбиқ ва тафсири ҳуқуқ, заминаи самти фаъолияти судӣ, истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳукуқ мебошад. Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ-ро бо дар назардошти ҳатмӣ буданашон, барои судҳои поёнӣ ба эътибор мегиранд.

Дар ҶТ ба монанди дигар кишварҳои пасошуравӣ, ба системаи ҳуқуқии континенталӣ (романо-олмонӣ) мансуб аст, ки дар он бар хилофи системаи ҳуқуқии англосаксонӣ, сарчашмаи асоси қонун ва дар соҳаҳои муайяни танзими ҳуқуқӣ ва ягона сарчашмаи ҳуқуқ мебошад.

Аммо дар ҶТ то ҳол барои пешбурди таҷрибаи судӣ оид ба баррасии баҳсҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии баҳсҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қабул нагардидааст. Дар таҷрибаи судии ҶТ то ҳол дар баррасии чунин парвандаҳои маданӣ мушкилот дида мешавад. Аз тарафи дигар, шаҳрвандон низ ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои худ ҳамчун истеъмолкунанда ба суд бо даъво оид ба товони зиён ё зарари маънавӣ муроҷиат намекунанд. Бояд зикр намуд, ки пас қабули КМ ҶТ аз 24 декабри соли 2022 ва мавриди амал қарор гирифтани он аз 1 июли соли 2023, зарурати даровардани тағйирот ба КММ ҶТ, ки аз 5 январи соли 2008, №341, қабул шуда, ба миён омад. Бинобар ин, аз тарафи мақомоти қонунгузори кишвар Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 январи соли 2024, №2022 қабул карда шуд.

Мувофиқи қ. 1 м. 1 қонуни мазкур, «дар ном ва матни Кодекс калимаҳои «граждании», «гражданӣ», «граждание», «гражданиро», «граждании» ва

«гражданию» мувофиқан ба калимаҳои «мадании», «маданӣ», «мадание», «маданиро», «мадании» ва «маданию» иваз карда мешавад» [33]. Ҳамин тавр, Кодекси мурофиавии граждании ҶТ, минбаъд номи Кодекси мурофиавии мадании ҶТ номгузорӣ шуд.

Бояд қайд намуд, ки мувофиқи қ. 7 м. 31 КММ ҶТ, «даъво оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мумкин аст ба суди маҳалли истиқомати даъвогар ё маҳалли бастани шартнома ё иҷро намудани он пешниҳод шавад» [7]. Аз ин муқаррароти қонун бармеояд, ки даъвоҳое, ки аз вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши чакана ашё, ба миён меоянд, бо сабаби тулонӣ будани баррасии мурофиаи даъвогии ин баҳсҳо, дар судҳои салоҳияти умумӣ шумораи ками истеъмолкунандагон ба суд оиди ба ҳимояи ҳуқуқи худ муроҷиат менамоянд. Сабаб дар мушкилии муҳлати дарози баррасӣ даъво дар суд, исбот кардан ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи истеъмолкундандагон дар судҳо ҳангоми баррасии чунин даъвоҳо, пардохти боҷи давлатӣ ва дигар мушкилотҳо боис шудааст, ки истеъмолкунандагон ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳо ба суд кам муроҷиат мекунанд.

Ба андешаи бештари муҳаққиқон, инкишофи таърихии амалияи судӣ дар кишварҳои дорои ҳуқуқи романиву олмонӣ ба он оварда расонид, ки ҳоло амалияи судӣ сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешавад. Ақидаи сарчашмаи хуқуқ будани амалияи судӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва давлатҳои пасосотсиалистӣ ҷонибдорон пайдо намуда истодааст. Бар замми ин, ворид гаштани давлат ба фазои судии байналхалқӣ боиси паҳн шудани ҳуқуқи амсолӣ мегардад.

Барои ҳалли мушкилотҳо ҳангоми татбиқи дурусти Қонуни ҶТ « Дар бораи ҳимояи хуқуқи истеъмолкунандагон» ҳангоми поймол шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана, аз байн бурдани норавшанӣ дар қонунгузорӣ ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки дар ҶТ аз тарафи Пленуми Суди Олии ҶТ, Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии

баҳсҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қабул карда шавад. Ин метавонист бисёр масъалаҳоро ҳал карда заминаи хубе барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар суд гардад.

Ҳамин тариқ, дар охир асосҳои ҳуқуқи шартномаи хариду фурӯши чаканаро таҳлил намуда, гуфтан мумкин аст, ки асосҳои ҳуқуқи танзими ин шартномаро бо назардошти хусусиятҳои хоси ин шартнома, меъёрҳои КМ ҶТ ва қонунгузории ҶТ, ба назардошти вазъи ҳуқуқии махсус доштани истеъмолкунанда дар шартномаи мазкур танзим карда мешавад.

## 1.3. Таснифи шартномаи хариду фурӯши чакана

Дар рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як давлат нақши шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ хело бузург мебошанд. Ба андешаи Б.Х. Худоёрзода, Ҳ.М. Саидов «шартномаи ҳуқуқи маданӣ шакли ҳуқуқии муомилоти молумулк дар муносибатҳои иқтисодӣ дар назар дорад» [111, с. 417].

Низоми савдои чакана мунтазам бо рушди иқтисодиёти миллӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт инкишоф меёбанд. Натиҷаи тараққиёти муомилоти иқтисодӣ, додугирифти ашё, рушди бахши хусусӣ ва инкишофи муносибатҳои молумулкӣ, боиси пайдоиши намудҳои нави хариду фурӯши чакана гардидааст. Баъзе намудҳои онҳо вобаста ба рушди технологияи муосир ва осон кардани савдои чаканаи ашё ва ҳар чи осон дастрасии ашё пайдо шудааст.

Соҳибкорон тарзу усулҳои муосирро истифода карда, кӯшиш менамоянд, ки ҳар чи бештар истеъмолкунандагонро ба савдои худ ҷалб намуда, ашёҳои худро ба фурӯш бароранд. Масъалаҳои дигар ин то кадом андоза қонунгузорӣ ин намудҳои хариду фурӯши чаканаи ашёро танзим намудааст.

Барои мисол пайдоиши муносибатҳои нави шартномавӣ дар ҳуқуқи маданӣ боис шуд, ки дар КМ ҶТ шартномаҳои нави ҳуқуқи маданиро, ки пеш вақт дар КГ ҶШС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 қабул шуда, аз 1 январи соли 1965 мавриди амал қарор гирифта, маълум набуд, мавриди

танзим қарор диҳад. Бояд зикр намуд, ки дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана ба маънои имрӯзааш истифода нашуда ва ин шартномаро аз шартномаи хариду фурӯш бо меъёрҳои алоҳида ҷудо намекард.

Пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар ҶТ дар сатҳи қонунгузорӣ моликияти хусусӣ эътироф карда шуда, фаъолияти соҳибкорӣ ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ иҷозат дода мешавад. Ин заминаи муҳимро барои рушди муомилоти маданӣ ва рушди шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ фароҳам овард. Қисми дуюми КМ ҶТ зербоби аввали худро ба шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида, мутаносибан намудҳои алоҳидаи онро танзим менамояд.

Бояд зикр намуд, ки шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, низ хело рушд карда истода, намудҳои нави шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ва зернамудҳои он ба миён омаданд. Дар ин ҷо шартномаи хариду фурӯши чакана истисно нест. Барои таҳлили дурусти шартномаи хариду фурӯши чакана бояд, ки ҳар як намуди он тасниф карда шавад ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо муайян карда шавад.

Аслан дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи «тасниф» ба маънои ба «навъҳо ҷудо кардани чизҳо фаҳмида мешавад» [104, с. 321]. Тасниф яке аз усулҳои умумии шинохт дар баробари мушоҳида, муқоиса, моделсозӣ, азнавсозӣ ва аналогия буда, дар ҳама гуна илм бомуваффақият истифода мешавад ва имкон медиҳад, ки моҳияти объектҳои таҳқиқшаванда ошкор шаванд. Мушкилоти марбут ба таснифи шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд.

Таснифи шартномаи хариду фурӯш ба мақсади муайян намудани шабоҳат ва тафовути назарраси байни шартномаҳо хизмат мекунад, ки ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ имконияти дуруст интихоб кардани ин ё он намуди шартнома, таъмини мувофиқати он ба мазмуни фаъолияти танзимӣ осон мешавад. Зеро як шартнома метавонад дар алоқаманди бо дигар шартнома баста шавад ва дар амалия тафовути он низ

мушкил мебошад.Инчунин, таснифоти шартномаҳо имконият медиҳад, ки қонунгузорӣ дар бораи шартномаҳо дар асоси илмӣ ба низом дароварда шавад.

Таҳлили қонунгузории ҶТ оид ба шартномаи хариду фурӯши чакана имкон медиҳад, ки намудҳои зерини онро ҷудо кунем: фурӯши ашё бо истифода аз воситаҳои худкор; шартномаи харид бо шарти ба харидор расонидани ашё; шартнома бо шарти аз ҷониби харидор дар муҳлати муайян гирифтани ашё; фурӯши ашё тибқи намунаҳо.

Дар баробари ҳамин дигар усулҳои тасниф намудании шартномаи хариду фурӯши чакана ҷой доранд. Бинобар ин, шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба чунин намудҳо тасниф менамоем:

– **Аввал вобаста усули ба харидор расондани ашё.** Фурӯши ашё бо истифодаи воситаҳои худкор ва дигар тарзҳои фурӯши ашё ҷудо карда мешавад. Дар ҷаҳони муосир ин намуди шартномаи хариду фурӯши чакана, яъне фурӯши ашё бо истифода аз воситаҳои худкор (мошинҳои автоматӣ) ё ба истилоҳ vending, торафт маъмултар мегардад. Бартарии ин намуди шартномаи хариду фурӯш дар арзиши пасти хизматрасонӣ, шабонарӯзӣ будани фурӯши ашёи тариқи воситаи худкор, ҷой доштани техникаи универсалии фурӯши ашё, ҳаракат, хароҷоти таблиғотӣ ва ба монанди ин иборат аст ва раванди фурӯши ашёро бо ин тарзи фурӯши ашё то ҳадди имкон одӣ карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки танзими ҳуқуқии шартномаҳои хариду фурӯши чакана тавассути воситаҳои худкор на ҳама вақт объекти таҳқиқоти олимон мегардад, гарчанде ки ин соҳаи ташкили тиҷорат хеле умедбахш ҳисобида мешавад. Таҳлил муносибатҳои ҳуқуқие, ки байни харидор ва фурӯшандаи ашё тавассути воситаҳои худкор ба миён меоянд, метавон ба хулоса омад, ки хусусиятҳои хосси худро дорад.

Тибқи қ. 1 м. 563 КМ ҶТ «дар ҳолатҳое, ки фурӯши мол бо истифодаи воситаҳои худкор сурат мегирад, соҳибони воситаҳои худкор уҳдадоранд ба харидорон бо усули дар воситаи худкор ҷойгир намудани иттилоъ оид ба

фурӯшандаи ашё ё бо усули дигар дар бораи номи фурӯшанда (номи фирмавӣ), макони ҷойгиршавии он, реҷаи кор, инчунин оид ба амале, ки бояд харидор барои гирифтани мол анҷом диҳад, иттилооти боэътимод пешкаш намоянд» [2].

Ҳангоми таҳлили меъёрҳои қонунгузории мадание, ки шартномаи хариду фурӯш тавассути воситаҳои худкор басташударо танзим мекунад, мо ба хулосае омадем, ки дар ҶТ танзими дурусти ҳуқуқии ин масъала ҳам аз ҷиҳати мазмуни шартномаи мазкур ва ҳам барои муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳои тарафҳо дар шартномаи мазкур, гарчанде дар амал ҳодисаҳои вайрон кардани шартҳои шартнома ҷой доранд. Чунин хусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана тавассути воситаҳои худкорро номбар мекунем:

Аввалан, дар ин шартномаи фурӯши ашё бо истифодаи воситаҳои худкор сурат мегирад. Бояд зикр намуд, ки мафҳуми воситаҳои худкорро дар қонунгузорӣ оварда нашудааст. Новобаста аз он ки дар меъёрҳои алоҳидаи қонунҳо ин категорияи ҳуқуқӣ истифода бурда мешавад. Масалан, мувофиқи қ. 7 м. 7 Қонуни ҶТ»Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку«, ки аз 2-уми январи соли 2018, №1484, қабул карда шудааст, омадааст, ки «фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин бо истифодаи воситаҳои худкор, дастӣ ва дар ҷойҳое оммавие, ки барои савдо пешбинӣ нашудаанд, манъ аст» [25].

Воситаи худкор дастгоҳи техникиест, ки барои автоматикунонии раванди фурӯши баъзе молҳо пешбинӣ шудааст, ки бо аксептори вексел ва воситаҳои худкори хазинавӣ барои фурӯши мол ва хизматрасонӣ дар ихтиёри худ муҷаҳҳаз шудааст. Одатан, ҳама воситаҳои худкор ба 2 гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) Воситаҳои худкори фурӯши ашё (фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ, қаҳваи гарм, афшура, тамоку, рӯзнома ва ғайра) ва воситаҳои худкорӣ фурӯши хизматрасонӣ (аксбардорҳо, автоматҳои нусхабардорӣ) ва ғайра;

2) Аз рӯйи тарҳи худ воситаҳои худкор ба механикӣ ва электронӣ-механикӣ тақсим кардан мумкин аст. Мошини худкори механикӣ

пайвастшавӣ ба таъминоти баркро талаб намекунад. Чунин мошин одатан тарҳи одӣ дорад, тангаҳои танҳо як номиналро қабул мекунад ва танҳо як намуди маҳсулотро мефурӯшад. Воситаҳои худкори механикӣ дастгоҳҳои ҳисобкунии даромад надоранд, векселҳоро қабул карда наметавонанд ва тангаи ҳақиқиро аз қалбакӣ ё аз ашёе, ки ба танга монанд аст, фарқ карда наметавонанд. Ҳамчунин бар хилофи ин воситаҳои худкори электронӣ, воситаҳои худкори механикӣ, чунин воситаҳои худкорӣ одатан боэътимодтар аст ва нигоҳдорӣ хело осонтар аст.

Шартномаи хариду фурӯш бо истифода аз воситаҳои худкор аз рӯйи табиати худ консенсуалӣ ва музднок мебошад, зеро барои иҷрои он ба ғайр аз ризоияти тарафайни иҷрои он ягон шарт талаб карда намешавад. Бояд қайд намуд, ки лаҳзаи бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, ки шартномаи консенсуалӣ мебошад, лаҳзаи ба созиши тарафҳо оид ба фурӯши мол мебошад.

Дар боло, мо дар зербоби 1 боби 1 диссертатсия аллакай хусусиятҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши чаканаро мавриди баррасӣ қарор додем, ки вобаста ба он қонунгузор боз хусусияти махсуси онро муқаррар менамояд, ки аз рӯйи он пардохти ашё (инчунин иҷрои амалҳои зарурӣ барои гирифтани ашё воситаҳои худкор) ҳамеша ҳамчун созишномаи анҷомёфтаи байни тарафҳо фаҳмида мешавад, зеро ин амалҳо «ҳамеша роҳи ягонаи ифодаи иродаи харидор барои бастани шартнома нисбат ба маҳсулоти стандартӣ» мебошанд.

Шартномаи хариду фурӯши чакана бо истифодаи воситаҳои худкор аз лаҳзаи аз ҷониби харидор анҷом додани амале, ки барои харидани ашё зарур мебошад, басташуда ҳисобида мешавад. Яъне КМ ҶТ лаҳзаи анҷом додани амалҳои зарурӣ барои гирифтани ашё аз воситаҳои худкор муқаррар карда шудааст.Таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки воситаҳои худкор одатан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла меҳмонхонаҳо, истгоҳҳо ва дохили биноҳое, ки мардум дар он ҷо бисёранд, кору фаъолият мекунанд.

Мувофиқи КМ ҶТ, ин шартномаи ҳамроҳшавӣ ба ҳисоб меравад, зеро шартҳои онро як тараф (фурӯшанда) муайян намуда, аз ҷониби тарафи

дигар (харидор) танҳо бо ҳамроҳ шудан ба шартномаи пешниҳодшуда дар маҷмуъ қабул карда мешавад.

Ҳамин тавр, хусусияти асосии ин усули савдо дар он аст, ки фурӯшанда бевосита дар маҳалли фурӯши ашё нарафта бошад.

Бояд зикр намуд, ки дар м. 563-и КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки агар ба харидор ашёи арзишаш пардохтшуда дода нашавад, фурӯшанда уҳдадор аст, фавран ба харидор дастрас шудани ашёро таъмин намояд ё маблағи пардохтнамудаи ӯро баргардонад. Дар сурати иҷро накардани ин уҳдадорӣ харидор ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда ҷуброни зиёни расондашударо талаб намояд.

Ҳамин тариқ, қонунгузор бо роҳи ба зиммаи фурӯшандае, ки дар ҷойи фурӯш ҳозир нест, уҳдадории фавран додани ашёи пардохтшуда ё маблағи пардохтшударо гузошта, бидуни муҷозот барои иҷро накардани он, қонунгузор танҳо ин уҳдадориро ба зиммаи фурӯшанда вогузор мекунад. Ин муқаррарот дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» пешбинӣ шудааст. Пеш аз ҳама, бояд дарк намуд, ки худи қонунгузор бо таърифи фавран ба харидор дастрас шудани ашёро таъмин намояд ё маблағи пардохтнамудаи ӯро баргардонад, чӣ мефаҳмад»

Дар ҳолатҳое, ки шартномаи хариду фурӯши чакана бо шарти ба харидор расондани ашё баста шудааст, фурӯшанда уҳдадор аст, дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома ашёро ба ҷойи зикрнамудаи харидор ва агар ҷойи супоридани ашёро харидор зикр накарда бошад, ба маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё макони ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, ки харидор мебошад, расонад. Мутаассифона қонунгузор мафҳуми фавран ба харидор дастрас шудани ашёро ва ё баргардонидани маблағи пардохтнамудаи ӯро надодааст.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи қиёс метавон гуфт, ки фурӯшанда вазифадор аст пулро фавран баргардонад ё ба харидор ашёи пардохтшударо дар муҳлати ҳадди ақал барои ин объективӣ баҳои зарурӣ диҳад.

Вобаста ба хусусияти қайдшудаи усули фурӯши ашё тавассути воситаҳои худкор, ки бо набудани фурӯшанда дар ҷойи фурӯш алоқаманд

аст, муаллифи рисола пешниҳод менамояд, ки рӯйхати шахсони уҳдадор васеъ карда, ба харидор ҳуқуқи интихоби шахс дода шавад, ки дар бораи бо ашё таъмин накардани у даъво кардан мумкин аст.

Ба андешаи мо, ба ғайр аз фурӯшандаи ашё, уҳдадории баргардонидани ашёи пардохташуда ё маблағи пардохташуда низ бояд ба зиммаи шахсе гузошта шавад, ки ҷои насби мошинро ба ӯ додааст, зеро ин иҷорадеҳ (ваколатдори ӯ) мебошад, ки ҳамеша дар наздикии маҳалли фурӯш қарор доранд.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки ҷалби шахси сеюм – субъекти иловагӣ, ки истеъмолкунанда метавонад ба он талаботи худро муроҷиат намояд – як усули умумии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи истеъмолкунандагон мебошад, ки қонунгузор барои ҳифзи тарафи заифи шартнома шартномаи хариду фурӯши чакана истифода мебарад. Барои мисол агар воситаи худкори элекронӣ бошад мумкин аст, ки ҳангоми бастани шартнома миёнарави иттилоотӣ ҷалб карда шавад.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ», миёнарави иттилоотӣ – шахсе, ки бо ташаббус ё бо фармоиши шахси дигар ҳуҷҷати электрониро мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои бастани аҳдҳо дар савдои электронӣ хизмат мерасонад. Ба миёнарави иттилоотӣ, дохил мешавад операторон ва таҳвилгарони хизматрасонии алоқа, ки барои муомилоти ҳуҷҷатҳои электронии иштирокчиёни савдои электронӣ хизмат мерасонанд [27].

Илова бар ин, дар ин маврид манфиати молумулкии шахсе, ки ҷойи насби воситаҳои худкорро ба фурӯшанда ба иҷора додааст, бо ҷалб намудани ӯ ба сифати шахси масъули иловагӣ поймол карда намешавад, зеро ӯ метавонад дар шартнома бо фурӯшанда ин муносибатҳоро танзим кунад.

Масъалаи дигар, ин лаҳзаи бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бо истифодаи воситаҳои худкор мебошад**.** Тибқи қ. 2 м. 563 КМ ҶТ, шартномаи хариду фурӯши чакана бо истифодаи воситаҳои худкор аз

лаҳзаи аз ҷониби харидор анҷом додани амале, ки барои харидани мол зарур мебошад, басташуда ҳисобида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки лаҳзаи бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, ки шартномаи консенсуалӣ мебошад, лаҳзаи ба созиши тарафҳо оид ба фурӯши ашё мебошад.

Аз таҳлили КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» метавонем ба хулосае биёем, ки яке аз вазифаи асосии фурӯшанда на танҳо ба харидор дар бораи нарх ва ашё иттилоот додан аст, балки дар бораи дигар шартҳои дигари шартнома ҳам ба харидор иттилоотро додан низ мебошад. Ин иттилоот барои интихоби дурусти ашё аз тарафи истеъмолкунанда кумак мерасонад.

Дар м. 563 КМ ҶТ уҳдадории фурӯшанда, соҳибони воситаҳои худкор оид ба ҷойгир намудани иттилооти оид ба фурӯшандаи ашё ё бо усули дигар дар бораи номи фурӯшанда (номи фирмавӣ), макони ҷойгиршавии он, реҷаи кор, инчунин оид ба амале, ки бояд харидор барои гирифтани ашё анҷом диҳад, иттилооти боэътимод пешкаш намоянд, меъёр муқаррар шудааст.

Шартномаи хариду фурӯши чаканаро вобаста ба шартҳои пардохти ашё метавонем ба чунин намудҳо ҷудо намуд: шартномаи хариду фурӯши чакана бо пешпардохти ашё, шартномаи хариду фурӯши чакана бо пардохти фаврӣ (чун қоидаи умумӣ) ва бо пардохти қарз (аз ҷумла қисм ба қисм). Имрӯзҳо шаҳрвандон ашёҳои гуногунро барои рӯзгори хеш бо ҳамин тарз соҳиб мегарданд. Хусусияти ин навъи шартнома дар он мебошад, ки дар ин муносибатҳо шартномаи қарз ва ҳам хариду фурӯш дида мешаванд. Нисбати ин муносбатҳо меъёрҳои шартномаи қарз татбиқ карда мешавад.

Вобаста ба ухдадории ба харидор расонидани ашё байни фурӯш бо ин шарт ва бе ухдадории ба харидор расонидани он фарқ карда мешавад. Ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бо шарти ба харидор додани ашё фурӯшанда вазифадор аст, ки ашёро ба ҷои муайянкардаи харидор ва агар он нишон дода нашуда бошад, ба ҷои истиқомати шаҳрванд расонад ё дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, ки харидор мебошад. Фиристодани ашё бояд дар муҳлати пешбининамудаи шартнома ё қоидаҳои

дахлдори фурӯши ашё анҷом дода шавад. Масалан, агар ашё тавассути хариду фурӯши фосилавӣ ба даст оварда шуда бошад, электронӣ харидор шуда бошад, ашё ба харидор расонида мешавад.

Дар сурате ки дар шартнома ё қоидаҳо муҳлати таҳвил муқаррар нагардида бошад, ин муҳлати мувофиқ дониста мешавад, ки танҳо аз лаҳзаи гирифтани талаби дахлдори харидор ба фурӯшанда шурӯъ мекунад.

**Вобаста ба лаҳзаи қабули ашё шартномаи хариду фурӯши чаканаро вобаста:** лаҳзаи бастани шартнома ва лаҳзаи дигаре, ки шартнома муайян кардааст. Шартномаи хариду фурӯши чакана метавонад бо шарте баста шавад, ки харидор ашёро дар муҳлати дар шартнома муқарраргардида қабул намояд, ки дар давоми он ашё ба харидори дигар дода намешавад. Дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома барои гирифтани ашё ҳозир нашудани харидор ё дар ин муҳлат андешида нашудани амалҳои зарурӣ барои қабули ашё, аз ҷониби фурӯшанда рад кардани харидор аз иҷрои шартнома дониста метавонад. Хароҷоти иловагии фурӯшанда барои таъмини пас аз муҳлати муайян ба харидор додани ашё дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома, бояд бевосита ба нархи ашё дохил карда шавад.

**Аз рӯйи усули бо ашё шинос кардани харидор дар шартномаи хариду фурӯши чаканаро** бо усули шинос кардани харидор бо ашёҳои аслӣ ё намунаи он (тасвир, феҳрасти мол ва ғайра) .

Мувофиқи м. 566 КМ ҶТ «тарафҳо метавонанд оид ба фурӯши мол тибқи намуна (тасвир, феҳраст ва ғайра) шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба имзо расонанд. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ин шартномаро ҳамчун навъи фосилавии хариду фурӯши чакана низ меноманд» [2].

Хусусияти асосии савдои фосилавӣ дар он аст, ки он бо тарзи фосилавӣ тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи ашёе, ки фурӯшанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод кардааст ё дар аксҳо ё бо почта, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин бо тарзҳои дигаре, ки имконияти шиносоии бевоситаи харидор бо ашёро тақозо мекунад, пешниҳод мегардад. Аммо дар

КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ибораи хариду фурӯши фосилавӣ чаканаи ашё пешбинӣ нашудааст.

Ба ақидаи З.М. Майнусова дар муқоиса ба қонунгузории Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷа танзими шартномавии савдои фосилавиро мукаммал танзим намудаанд [158, с. 71] .

Яке аз намудҳои маъмули шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи намуна, ин дар замони муосир хариду фурӯши электронии чаканаи ашё ё ба ислилоҳи қонун савдои электронӣ мебошад. Бо рушди технологияҳои рақамии муосири коммуникатсионӣ, савдои электронӣ низ хело рушд карда истода, талабот нисбати ин навъи фурӯши ашё хело зиёд мебошад. Асосҳои танзими ҳуқуқии савдои электрониро дар кишвар КМ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022, №1921 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» аз 15 марти соли 2023, №1965 [33] ташкил медиҳанд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ савдои электронӣ – ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хариду фурӯши ашё, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиёти электронӣ амалӣ мегардад [27]. Таҳлили қонуни мазкур оид ба савдои электронӣ нишон медиҳад, ки қонун як қатор талаботҳоро нисбати савдои электронӣ пешбинӣ кардааст.

1. Аҳдҳои электронӣ аз рӯйи доираи амал ва паҳншавиаш ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ тибқи талаботи қонун аз аҳди умумимаданӣ фарқ доранд;

2. Иштирокдорони савдои электронӣ – ба ғайр аз тарафҳои шартнома, инчунин иштирокчиёни дигари ҳатмии он ба монанди миёнарави иттилоотӣ ва миёнаравони дигар, ки дар ташкил ва амалисозии савдои электронӣ иштирок ё ба иҷрои он мусоидат менамоянд, мебошанд;

3. Савдои электронӣ ба воситаи ҳатмии техникаи электронӣ, амсоли воситаҳои имзои электронӣ, сертификатсияи он ва монанди он, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» аз 15 марти

соли 2023 пешбинӣ шудааст, дар назар дошта мешавад. Аҳдҳои дигари ҳуқуқи маданӣ бошанд, ба воситаи меъёрҳои м.м. 172-174 КМ ҶТ ба churi шифоҳӣ ё хаттӣ (одӣ ё нотариалӣ), баста мешаванд;

4. Савдои электронӣ ба воситаи бастани аҳдҳои электронӣ дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ баробар карда мешавад, зеро аз рӯйи талаботи қ. 2 м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзои электронӣ» бо ёрии ҳуҷҷатҳои электронӣ метавонад аҳдҳо ба амал бароварда шаванд. Имзои электронӣ ҳангоми ба расмият даровардани аҳд дар ҳолат ва тартиби муайяни қонунгузорӣ истифода мешавад;

5. Тибқи талаботи қ. 3 м. 174 КМ ҶТ ҳангоми анҷом додани аҳд истифодаи акси айнии имзо бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ ё воситаи дигар, имзои электронӣ ё шакли дигари имзои шахсӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо роҳ дода мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми аҳди электронӣ назар ба аҳди умумимаданӣ маҳдуд мебошад. Дар ҶТ низ дар соҳаи хариду фурӯши электронии ашё тавассути интернет дар марҳилаи рушд қарор дорад. Ҳоло ҳиссаи савдои электронии хариду фурӯши ашё дар кишварҳои Аврупо 44% мебошад. Дар кишвари мо низ ашё тавассути аҳдҳои электронӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар ин тарзи фурӯши ашё – истеъмолкунанда имконияти омӯхтан, бевосита аз назар гузарондани он чизеро, ки вай харидани аст, надорад. Ин яке аз мушкилоти савдои электронӣ мебошад. Барои рушди савдои электронӣ дар кишвар «Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 16 майи соли 2024, №295 қабул шуда аст, амал менамояд. Дар барномаи мазкур «савдои электронӣ ҳамчун соҳаи афзалиятнок» [40] номбар шудааст.

**Аз рӯйи мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана.** Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чаканаро ашё ташкил медиҳад. Ашё дар навбати худ ба озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ ҷудо карда мешаванд, ки дар шартномаи

хариду фурӯши чакана аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад. Барои мисол дар шартномаи хариду фурӯши чакана, харидор мувофиқи қ. 1 м. 568 КМ ҶТ ҳуқуқ дорад дар давоми чордаҳ рӯз аз лаҳзаи ба он супоридани ашёи ғайриозуқаворӣ, агар фурӯшанда муҳлати бештареро эълон накарда бошад, ашёи харидаашро дар маҳалли харид ё ҷойҳои дигар, ки фурӯшанда эълон кардааст, ба ашёи якхелаи дорои андозаи дигар, шакл, навъ, ранг, маҷмӯа (комплектатсия)-и дигари ашё ва ғайра иваз кунад ва дар сурати фарқияти нарх бо фурӯшанда ҳисоббаробаркунии заруриро анҷом диҳад.

Мувофиқи м. 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ба Ҳукумати ҶТ ҳуқуқ дода шудааст, ки номгӯйи ашёҳои ғайриозуқавориеро, ки тибқи асосҳои зикргардидаи мазкур иваз карда намешаванд, тасдиқ менамояд. Дар байни қоидаҳое, ки ҳоло амал мекунанд, пеш аз ҳама Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»» аз 6 июни соли 2005, №209 қабул карда шудааст, ёдовар шудан муҳим мебошад.

Дар замимаи 2-и қарори мазкур «номгӯйи ғайрихӯроквории хушсифат, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешаванд, ворид мешаванд: ашёҳо барои пешгирӣ ва табобати бемориҳо дар шароити хона (ашёҳои санитария ва гигиена аз фулузот, резин, кешбофӣ ва маводи дигар, асбобу анҷом, таҷҳизоти тиббӣ, воситаҳои тозагии даҳон, линзаи (шишаи) айнак, ашё барои нигоҳубини кӯдак, доруворӣ), ашёи гигиенаи шахсӣ (мисвок, шона, мӯқаппак, бигуди барои мӯй, парикҳо, шинёнҳо ва дигар молҳои ба инҳо монанд) ва ғайра [35].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили ин қоидаҳо ба хулосае омадем, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро низ аз рӯйи мавзуи он низ тасниф кардан мумкин аст. Таҳлили ин қоидаҳо нишон медиҳад, ки ин тартибот ба талаботҳои савдои муосири хариду фурӯши чакана мувофиқ намебошанд. Ин қоидаҳо хусусияти фурӯши ашёҳои алоҳидаро муайян намекунад. Аз тарафи дигар қоидаҳои мазкур, ҳуқуқи истеъмолкунандагонеро, ки

тавассути хариду фурӯши электронӣ ашёҳои гуногуни ғайриозуқаврии хушсифатеро харидорӣ мекунанд, вайрон мекунад. Чунки онҳо ҳангоми харидан ашё, дар хусусӣ онҳо маълумоти пурра ва саҳеҳ пайдо карда наметавонанд, ҳангоми ба онҳо супоридани ашё он ҳуқуқи иваз кардани онро аз даст медиҳанд. Зеро, ки тибқи қоидаҳои мазкур, нисбати номгӯйи ашёҳои ғайрихӯроквории хушсифате, ки ба ашёи ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешавад, агарчи онҳо бо тарзи электронӣ харидорӣ шуда бошанд. Аз тарафи дигар, аз муқаррароти мазкур ҳуқуқи истеъмолкунанда оид ба иваз кардани ашёи дорои сифати матлуб танҳо нисбати ашёи ғайриозуқаворӣ паҳн мегардад.

Бояд зикр намуд, ки таҳлили меъёрҳои ҳуқуқие, ки хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, то ҳол дар қоидаҳои махсуси фурӯши намудҳои алоҳидаи ашёҳои истеъмолӣ қабул нашудааст.

Хусусияти фурӯши ашёҳои зерин аз қабили доруворӣ ва маҳсулоти тиббӣ, ҳайвонот ва набопот, кимиёи рӯзгор, пеститсидҳо ва агрокимиёҳо, нусхаҳои асарҳои аудиовизуалӣ ва фонограммаҳо, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайра дар қонунҳои алоҳида муқаррар шуда, аммо санади зерқонунии танзими хариду фурӯши чаканаи ин ашёҳоро ягон қарори алоҳида муайян накардааст. Масалан, мувофиқи қ. 1 м. 32 Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» омадааст, ки «гӯшт, шир, тухм, моҳӣ, маҳсулоти занбӯри асал ва маҳсулоти дигари ҳайвонот барои муайян кардани сифат, муқаррар намудани бехатарии беҳдошти байторӣ ва мувофиқ будани онҳо барои истифода ҳамчун хӯрокворӣ воҷиби санҷиши беҳдошти байторӣ мебошанд» [31]. Мувофиқи қ. 3 моддаи қонуни мазкур, фурӯши маҳсулоти мавриди истеъмол, ки бо тартиби муқарраршуда аз санҷиши байторию санитарӣ нагузаштааст, манъ аст. Ё ин ки фурӯши молҳои ғайриозуқаворӣ тавассути мағозаҳои комиссиониро ёдовар шудан, мувофиқи мақсад мебошад. Ашёҳои ғайриозуқаворӣ тавассути мағозаҳои комиссионӣ ба истеъмолкунандагон ба фурӯши баровварда мешаванд.

Навъи дигари шартномаи хариду фурӯши чакана имрӯзҳо, ин хариду фурӯши комиссионии ашёҳои ғайриозуқаворӣ мебошад. Махсусияти ин мағозаҳои комиссионӣ дар шароити кишвари мо дар он аст, ки бештари ин мағозаҳо ба фурӯши ашёҳои истифодашуда, махсусан воситаҳои нақлиёт аз кишварҳои хориҷӣ воридшуда машғул мебошанд ва дар асоси шартномаи комиссия амал мекунанд. Баъзе ин мағозаҳои комиссионӣ ҷойҳои махсус барои фурӯши ашёҳо надошта, расман як нуқтаи хурдро якчанд мағозаҳои комиссионӣ таъсис дода, фаъолият мекунад ва ин нуқтаҳо савдо танҳо воситаи барасмият даровардаи хариду фурӯши ашёҳо, махсусун автомашинаҳо шудааст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки нисбати хариду фурӯши комиссионии ашёҳо қоидаҳои махсус таҳия ва қабул карда шавад.

Маълум аст, ки шартномаи хариду фурӯши ашё тавассути мағозаҳои комиссионӣ тибқи шартномаи комиссия ба танзим дароварда мешавад. Мувофиқи м. 1094 КМ ҶТ, «аз рӯйи шартномаи комиссия як тараф (комиссионер) уҳдадор мешавад бо супориши тарафи дигар (комитент) бо подош як ё якчанд аҳдро аз номи худ, вале аз ҳисоби комитент анҷом диҳад. Мутобиқи аҳде, ки комиссионер бо шахси сеюм бастааст ҳарчанд, агар комитент дар аҳд зикр гардида ё бо шахси сеюм бевосита ҷиҳати иҷрои аҳд муносибат барқарор карда бошад ҳам, комиссионер ҳуқуқҳо ба даст меорад ва уҳдадор мегардад» [2].

Ҳангоми анҷом додани савдои чакана ду гурӯҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд: байни комиссионер ва комитент, ки бо миёнарави шартномаи комиссия ва байни комитент, ки ба сифати фурӯшанда ва шаҳрванд харидор, ки бо миёнаравии хариду фурӯши чакана амал мекунад, созиш ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, бояд зикр намуд, ки муқаррароти шартномаи хариду фурӯши чакана нисбати комиссионер ҳангоми фурӯши ашё татбиқ мегардад.

Дар қ. 4 м. 1094 КМ ҶТ омадааст, ки «мувофиқи қонунгузорӣ пешбинӣ шудани хусусияти намудҳои алоҳидаи шартномаи коммиссия мумкин аст». Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар самти танзими шартномаи хариду

фурӯши чаканаи ашё тавассути мағозаҳои комиссионӣ бенизомӣ дида мешавад. Бисёр вақтҳо тавассути ин мағозаҳо ашёҳои бесифат ба истеъмолкунандагон ба фурӯш баровarda мешаванд. Ба андешаи мо яке аз сабабҳои чунин вазъият, набудани санади меъёрӣ-ҳуқуқии танзими дар ин соҳа ва беназоратӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ мебошад. Дар самти танзими шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашё тавассути мағозаҳои комиссионӣ меъёрҳои мушаххасе ҷой надоранд.

Таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки то ҳол дар кишвар бо мақсади танзими фурӯши ашёҳои алоҳида дар сатҳи қонунгузорӣ, ба ғайр аз КМ ҶТ, дигар санади меъёрии мушаххаси танзими қоидаҳои фурӯши ашё дар мағозаҳои комиссионӣ қабул карда нашудааст. Вақти он расидааст, ки қоидаҳои хусусияти фурӯши комиссионии баъзе навъҳои ашё, аз қабили: воситаҳои нақлиёт, плитаҳои газӣ ва баллонҳо, ашёи антиқа, маснуот аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва дигар ашёҳои ғайриозуқаворӣ қабул карда шуда, муайян карда шаванд. Зеро имрӯзҳо мағозаҳои комиссионӣ ба ғайр аз ба расмият даровардани хариду фурӯши ашёҳо, воситаҳои нақлиёти истифодшуда, дигар ягон вазифаро иҷро намекунанд.

# БОБИ 2. УНСУРҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА

## 2.1. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана

Шартномаи хариду фурӯши чакана ба монанди дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш, унсурҳои таркибии худро дорад. Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад: «Унсурҳои шартномаи хариду фурӯш инҳо мебошанд: тарафҳо, мавзуъ (предмет), шакл ва мазмуни шартнома, ки дар маҷмуъ шартҳои шартномаро ташкил медиҳанд» [69, с. 4]. Шартномаи хариду фурӯши чакана намуди шартномаи хариду фурӯш буда, унсурҳои асосии онро тарафҳо, мавзуъ ва мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана ташкил медиҳанд.

Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана унсури асосии он мебошад, ки бевосита муносибатҳои шартномавиро ба вуҷуд меоранд. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ва фурӯшанда мебошанд.

Дар ҳуқуқи маданӣ тарафҳои шартнома – ин иштирокчии муносибати ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳамчун барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян баромад мекунанд. Бинобар ин, тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ин пеш аз ҳама иштирокчиёни асосии шартнома мебошанд, ки байни худ дар асоси озодона ифода кардани ирода шартномаро баста, барои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба вуҷуд меоранд.

Дар қ. 1 м. 560 КМ ҶТ ба ҳайси тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана «фурӯшанда» ва «харидор» номбар шудаанд. Бояд қайд намуд, ки вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, аз ҳамдигар тафовут доранд, аммо қоидаҳои умумие, ки қонунгузорӣ нисбати субъектони ҳуқуқи маданӣ паҳн кардааст, нисбати фурӯшанда ва ҳам харидор татбиқ мегарданд. Масалан, ҳар ду тарафи шартномаи хариду фурӯши чакана, ин фурӯшанда ва харидор бояд дорои қобилияти амалкунии дахлдор барои бастани шартнома бошанд.

Таҳқиқи шартномаи хариду фурӯши чакана нишон медиҳад, ки бидуни муайян сохтани тарафҳои ин шартнома хусусиятҳои муҳимми онро муайян

кардан ғайриимкон мебошад. Зеро, ки яке аз унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чаканаро тарафҳои шартнома ташкил медиҳанд. Бинобар ин ҳангоми баррасии мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана таркиби субъективии онро муқаррар намудан зарур мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана андешаҳои гуногун пешниҳод карда шудаанд, ки аҳаммияти ҳам назариявӣ ва амалӣ доранд. Сабаби ибрози чунин андешаҳо ин аст, ки КГ ФР ба таври мушаххас тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро бо таври аниқ муайян накардааст. Бо ин сабаб баҳсҳо байни олимон оид ба тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меояд.

Вобаста ба тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана К.Е. Янушевич қайд менамояд, ки «Кодекси гараждании Федерстсияи Россия оид ба таркиби субъектҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ҳамчун фурӯшанда ва харидор ба таври мушахас чизе гуфта нашудааст» [168, с. 9]. Чунин ҳолат дар м. 560 КМ ҶТ ба назар мерасад. Ҳамзамон муайян кардани тарафҳои ин шартнома аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Масалан, муайян кардани тарафи фурӯшанда дар ин шартнома аҳаммияти муҳим дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дорад. Дуруст муайян кардани фурӯшанда, ба харидор имконият медиҳад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳояшро ба пуррагӣ амалӣ намоянд. Яъне, барои он ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана тарафҳои он, махсусан фурӯшанда сари вақт бо нишонаи он муайян карда шавад, ин ба татбиқи меъёрҳои танзими шартномаи хариду фурӯши чакана вобастагӣ дорад.

Фурӯшанда тибқи шартномаи мазкур танҳо соҳибкор буда метавонад, ки ба фурӯши чаканаи ашё машғул аст. Шарти охирин маънои онро дорад, ки хусусият ва доираи қобилияти ҳуқуқии шахс бояд имконияти пешбурди савдои чаканаро дошта бошад.

Дар адабиёти дарсии ҳуқуқи маданӣ зери таҳрири А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой қайд мегардад, ки «доираи фурӯшандагони имконпазир тибқи шартнома хариду фурӯши чакана назар ба шартномаи маҳсулотсупорӣ

маҳдудтар мебошанд. Дар шартномаи маҳсулотсупорӣ ба сифати фурӯшанда ҳама гуна соҳибкор метавонад баромад менамояд» [68, с. 45].

Аз мафҳуми овардаи шартномаи хариду фурӯши чакана дар м. 560 КМ ҶТ бармеояд, ки ба сифати фурӯшанда дар он, танҳо шахсе баромад менамояд, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад. Дар КМ ҶТ мафҳуми фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи ашё анҷом медиҳад, бо таври мушаххас пешбинӣ нашудааст. Ба сифати он ҳам шахси воқеӣ дар шакли соҳибкори инфиродӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқиаш баромад карда метавонад.

Бояд зикр намуд, ки дар мафҳуми пештараи шартномаи хариду фурӯши чакана дар қ. 1 м. 528 КГ ҶТ муқаррар шуда буд, ки «тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи мол анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъин гардидааст» [4]. Ба назари мо, қонун дар ин мафҳум, бо номбар намудани фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи ашё анҷом медиҳад истифода бурда, доираи шахсоне, ки ба сифати фурӯшанда дар шартнома баромад менамоянд, маҳдуд менамояд.

Аз ин мафҳуми оварда (м. 560 КМ ҶТ), ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳама гуна шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, баромад карда метавонанд.

Дар сархати 5 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» омадааст: « Фурӯшанда – ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро тибқи шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда мефурӯшанд», мебошад [10].

Аз таҳлили ин меъёрҳи ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки доираи фурӯшанда дар ин шартнома хело васеъ буда, ба сифати онҳо шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкили ҳуқуқиашон баромад карда метавонанд.

Ҳамзамон дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана асосан ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, ки фаъолияти соҳибкориро ҳангоми фурӯши чаканаи ашёҳо анҷом медиҳанд. Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, чун қоида чунин шахсе баромад менамояд, ки ба фурӯши ашёҳои алоҳида, ки ба таъминоти мунтазами эҳтиёҷоти аҳолӣ нигаронида шудаанд, тахассус доранд ва пешниҳоди фурӯшанда оид ба фурӯши ашё ба тамоми субъектони ҳуқуқи маданӣ равона шудааст.

В.В. Богдан паҳлуҳои алоҳидаи тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро таҳқиқ карда, қайд менамояд, ки «тарафҳои шартномаи хариду фурӯш чакана фурӯшанда ва харидор мебошанд. Чун қоидаи умумӣ фурӯшанда метавонад ҳар шахсе бошад, ки соҳиби ашё бошад ё аз молик ваколатҳои махсус дорад. Харидор − ҳар шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин давлат мебошад» [118, с. 145].

Р. Волакупова қайд менамояд, ки «фурӯшанда дар муносибатҳои хариду фурӯши чакана – шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ – мутахассиси соҳаи фаъолияти савдо бо донишӣ махсус ва қоида, таҷриба мебошад. Дар қонунгузории ФР чунин хусусият бояд ҳамчун касбият дар татбиқи чунин фаъолиятҳо муқаррар карда шавад» [150, с. 90] .

Дар қонунгузории ҶТ низ меъёр оид ба он, ки ба сифати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, шахсе бояд баромад кунад, ки мутахассиси соҳаи савдои чакана, қоида ва донишӣ махсус бошад, талаботи махсус дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст. Аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» нисбати фурӯшанда талаботҳои муайян пешбинӣ карда шудааст. Ба истисонои баъзе фурӯши ашёҳо, масалан дар фурӯши доруворӣ талабот пешбинӣ шудааст, ки фурӯшанда бояд дар ин самти маълумоти дахлдори фарматсефтӣ дошта бошад. Масалан, мувофиқи м. 41 Қонуни ҶТ «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» аз 19 июли соли 2022, №1893, муқаррар шудааст, ки «роҳбари

дорӯхонаи ташкилотҳои табобатию пешгирӣ бояд шахси дорои таҳсилоти олии фарматсевтӣ ва сертификати мутахассис бошад» [26] .

Ба андешаи мо худи он ки фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба фаъолияти соҳибкорӣ оиди ба фурӯши чаканаи ашёҳо машғул аст бо тариқи расмӣ ба қайди давлатӣ гирифта, ин маънои онро дорад, ки фаъолият кардан ҳамчун фурӯшандаи чакана касбест, ки тамоми аломатҳои фаъолияти соҳибкориро дорад. Чунки қонунгузор наметавонад, ки тамоми субъектонеро, ки ба намудҳои алоҳидаи соҳибкорӣ машғул мебошанд, мафҳуми онро пешбинӣ намояд.

Хусусияти дигари фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ин бартарии иқтисодии он нисбат ба харидор мебошад. Дар натиҷа, фурӯшанда, бар хилофи харидор на танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ амал мекунад, инчунин ба муқаррароти меъёрҳои императивӣ тобеъ аст. Фаъолияти соҳибкорӣ бастани шартномаҳоеро дар бар мегирад, ки бо таваккали ба даст овардани фоида алоқаманд аст.

Бояд зикр намуд, ки қобилияти ҳуқуқдории фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана бояд, ки имконияти бастани ин шартномаро пешбинӣ намояд**.** Машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба қобилияти ҳуқуқдории субъектони ҳуқуқи маданӣ вобастагӣ дорад. Масалан, мувофиқи қ .6 м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524 «ташкилоти қарзӣ наметавонад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, ба сифати тарафи фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана баромад намоянд. Зеро машғул шудани ташкилоти қарзӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ аст» [16].

Бояд зикр намуд, ки пас аз қабулшудани КМ ҶТ дар матни он мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ, ки пештар дар қ. 3 м. 1 КГ ҶТ [4] дода шуда буд, хориҷ оварда нашудааст. Зеро мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар қонунгузории миллӣ дода шудааст. Масалан, дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014, №1107, дода шудааст. Аз м. 1 қонуни мазкур бармеояд: «Соҳибкорӣ – фаъолияти мустақили ба

таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба қайди давлатӣ гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молумулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст» [18]. Шахсонӣ воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бо тартиби муқараркардаи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, №508 ба қайди давлатӣ гирифта ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд.

Пайдоиши моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ боиси аз байн бурдани маҳдудиятҳои фаъолиятӣ соҳибкорӣ ва рушди бозори истеъмолӣ ва таъминоти аҳолӣ бо ашёҳои истеъмолӣ гардид. Зеро кишвар роҳи минбаъдаи рушдро, дар фароҳам овардани шароити мусоид барои пешравии фаъолияти соҳибкорӣ ва бо ҳамин восита таъмини некуаҳволии халқ мебинад. Чуноне ки Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28 декабри соли 2023 қайд намуданд: «Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он, пайваста чораҷӯйӣ менамояд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид» [56].

Мувофиқи сархти 4 м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатиро тасдиқ менамояд – «ин шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё Патент барои ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мебошад» [24]. Рад кардани бақайдгирии давлатӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Лаҳзаҳои бақайдгирии шахс ва ташаккули унсурҳои инфиродии қобилияти ҳуқуқии ӯ метавонанд бо вақт мувофиқат накунанд.

Намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки номгӯйи онҳоро қонун муайян кардааст, «шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ метавонанд танҳо бо иҷозатнома машғул шаванд. Иҷозатномадиҳӣ як шакли назорати маъмурии давлатӣ аз болои фаъолияти соҳибкорон мебошад.

Тибқи қоидаҳои умум, фурӯшанда дар шартномаи фурӯши чакана шахсе мебошад, ки ба ашё ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи ашёӣ дорад. Чун қоида, ҳуқуқи фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба ашёи фурӯхташаванда дар лаҳзаи ба харидор додани воқеии ашё он, қатъ карда мешавад.

Аз ин таҳлили қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, новобаста аз шакли ташкили ҳуқуқиашон баромад карда метавонанд. Маълум аст, ки м. 50 КМ ҶТ шахсони ҳуқуқиро ба ду намуд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҷудо менамояд, ки ҳар яке шаклҳои ташкили ҳуқуқии худро дорад.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «вобаста ба шаклҳои ташкили-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқи муассисони он, танзими муносибатҳои корпоративӣ ва ғайраҳо алоқамандӣ доранд» [90, с. 96].

Аз рӯйи муқаррароти м. 50 КМ ҶТ «шахсонии ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дорои шаклҳое мебошанд, ки маҳз дар ҳамин шаклҳои бояд таъсис дода шаванд. Аз муқаррароти қ. 4 м. 50 КМ ҶТ бармеояд, ки «шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳо, фондҳо, инчунин дар шаклҳои дигари пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо то ҳадде ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст» [2].

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ метавонанд, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати фурӯшанда баромад намуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Масалан, дар м. 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи

иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №25 омадааст, ки «мувофиқи қонунгузории ҶТ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷорӣ чунин шакли субъектҳои соҳибкориро ташкил намоянд: ширкатҳои хоҷагидорирӣ; ҷамъиятҳо ва ташкилотҳо дигари хоҷагидорӣ» [29].

Ба андешаи Ш.Ш. Қодиров «барои иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд, зарур аст, ки баҳисобгирии ҷудогонаи фаъолияти асосӣ ва соҳибкорӣ пеш баранд, яъне низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти асосӣ ва баҳисобгирии фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар алоҳидагӣ пеш бурда шаванд. Ҳуҷҷатҳои муҳосибии фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳуҷҷатҳои муҳосибии фаъолияти асосии иттиҳодияи ҷамъиятӣ набояд омехта карда шаванд [76, с. 11-13]. Бинобар ин, дар ба сифати фурӯшанда баромад намудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баъзе мушкилотҳо ҷой дорад.

Муаллифони китоби дарсии ҳуқуқи мадании қайд менамоянд, ки «аз рӯйи шартномаи хариду фурӯши чакана танҳо соҳибкорон (коллективӣ ё индивидуалӣ)-е, ки фаъолияти тиҷорати чаканаро адо мекунанд, баромад карда метавонанд. Барои фурӯши чаканаи молҳои аксизӣ, мисли маҳсулоти машруботӣ, тамоку, бензин, ҷавоҳирот, мошинҳои сабукрав ва ғайраҳо литсензияи махсус лозим мебошад» [89, с. 35-36].

Аз муқарароти қонун ба хулоса омадан мумкин аст, ки ташкилотҳо ғайритиҷоратӣ ҳуқуқ доранд, ки ба сифати фурӯшанда дар хариду фурӯши чакана баромад намоянд.

Мувофиқи қ. 2 м. 560 КМ ҶТ шартномаи хариду фурӯши чакана оммавӣ мебошад. Аз таҳлили қ. 1 м. 488 КМ ҶТ метавон хулоса намуд, ки шартномаи оммавӣ аз ҷониби шахси амаликунандаи фаъолияти соҳибкорӣ баста мешавад.

Масъалаи дигаре, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана дида мешавад, ин ҳам бошад аз тарафи фурӯшанда ва ҳам аз тарафи харидор иштирок кардани якчанд субъектони гунонун мебошад. Бинобар ин, муайян кардани вазъи ҳуқуқии онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамзамон бояд, ки

тарафҳои шартномаи мазкурро аз шахсоне, ки дар ин шартнома иштрок мекунанд, ҷудо бояд намуд.

Ф.С. Сулаймонов вобаста ба тарафҳои шартномаи хариду фурӯш қайд менамояд, ки «дар тамоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла шартномаи хариду фурӯш, категорияи «тараф» аз иштирокчии муносибатҳое, ки дар асоси шартномаи мазкур ба миён меоянд, бояд фарқ карда шаванд. Зеро тамоми шартномаҳо чун аҳди дутарафа буда, дар байни ду тараф ба миён меояд. Инчунин, хотиррасон менамоем, ки шартнома, аз ҷумла шартномаи мазкур, асоси ба миён омадани уҳдадориҳои шартномавӣ мегарданд, ки чун қоида дар байни кредитор ва қарздор ба миён меоянд (қ. 1 м. 328 КГ). Инчунин, дар уҳдадориҳо дар симои кредитор якчанд субъект (иштирокчӣ) ва дар симои қарздор низ якчанд субъект (иштирокчӣ) ширкат варзида метавонанд (қ. 1 м. 329 КГ). Пас, аз ин бармеояд, ки дар шартнома ду тараф вуҷуд дошта, миқдори гуногуни иштирокчиёнро метавонад ин тарафҳо дар бар гиранд. Аз ин лиҳоз, дар тарафи харидор метавонанд якчанд иштирокчӣ ва ё дар тарафи фурӯшанда якчанд иштирокчии дигар ширкат варзанд. Пас, аз ин бармеояд, ки аз миқдори бисёри иштирокчиён миқдори тарафҳо зиёд намешавад» [91, с. 17].

Н.Ю. Хорошавина қайд менамояд, ки «ба сифати иштирокчиён дар шартномаи хариду фурӯши чакана аз тарафи фурӯшанда шумораи зиёди шахсон, ба монанди фурӯшанда, истеҳсолкунанда, иҷрокунанда низ баромад мекунанд. Зеро онҳо дар якҷоягӣ дар назди харидор, яъне истеъмолкунанда ҷавобагрии солидариро ба уҳда доранд» [165, с. 15].

Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) барои риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунанда тибқи қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ё шартнома ҷавобгар мебошад. Субъектони зикргардида амалиётҳои гуногунро ба анҷом мерасонанд, ки бо шартномаи хариду фурӯши чакана алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон бо пайдо шудани савдои электронӣ субъектони дигар низ ба миён омаданд. Ба монанди миёнаравони иттилоотӣ, операторон ё ин ки

марказҳои логистикӣ ва ғайра. Яъне аз масъалаҳои муҳим дар он аст, ки вазъи ҳуқуқии баъзеи онҳо муаяйн карда нашудааст.

Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, чи тавре ки дар боло зикр карда шуд, ба монанди дигар намудҳои шартномаҳои хариду фурӯш, харидор ва фурӯшанда мебошанд. Аммо вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана муқаррароти умумие, ки қонунгузорӣ нисбати субъектони ҳуқуқи маданӣ қабул кардааст нисбати фурӯшанда ва ҳам харидор дар ин шартнома паҳн мегардад. Масалан, ҳар ду тараф дар шартнома бояд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании дахлдорро барои бастани шартнома дошта бошанд.

Масъалаи дигар, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана дида мешавад, ин аз тарафи фурӯшанда ва ҳам аз тарафи харидор мумкин аст, ки як ё якчанд нафар иштирок намоянд. Масалан, ба сифати истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана шахсе, баромад менамояд, ки ашёро харидааст, ҳамчунин аъзои оилаи шахсе ин ашёро харидори карда истеъмол мекунад низ баромад карда метавонад. Бояд зикр намуд, ки дар доираи муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, иштирокчиёнаш ба миён меоянд муносибатҳои шартномавӣ бо муносибатҳои ғайришартномавӣ алоқамандии зич доранд. Алоқамандии муносибатҳои ғайришартномавӣ бо шартномаи фурӯши чакана дар робита бо иштироки истеъмолкунанда зоҳир мешавад. Харидор дар шартномаи мазкур ҳукуқ дорад талаби вобаста ба иҷрои номатлуби уҳдадориҳоро ба ғайр аз фурӯшанда, инчунин ба истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва маҳсулотсупор пешниҳод намояд.

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар сурати варойн шудани ҳуқуқҳои истеъмолкунда онҳо ҳуқуқ доранд, ба ғайр аз фурӯшанда, талаботро нисбати иҷрокунанда ва ё истеҳсолкунанда низ пешниҳод намоянд.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мафҳуми «истеҳсолкунанда» ва «иҷрокунанда» маҷуд мебошад. Мафҳуми иҷрокунанда ба маънои васеъ нишон дода шудааст. Аввалан, ин ки субъекти

мазкур дар муносибати хариду фурӯши чакана метавонад ташкилот ва соҳибкори инфиродӣ баромад намояд. Дувум ин, ки ташкилоти мазкур метавонад аз ҷониби истеҳсолкунандаи ватанӣ (фурӯшандаи) ва ҳам хориҷӣ таъсис дода шавад. Сеюм, ин ки ба зиммаи ин ташкилот метавонад, уҳдадориҳо, инчунин иҷрои пурраи уҳдадории ин шартнома, вогузор карда шавад. Бештар, чунин субъектҳо дар робита бо хариду фурӯши чакана аз ҷониби марказҳои гуногуни хизматрасонӣ ва устохонаҳои таъмирӣ намояндагӣ мекунанд.

Ҳамзамон таҳилили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки мафҳум ва вазъи ҳуқуқии баъзе субъектоне, ки дар муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана аз тарафи фурӯшанда иштирок мекунад, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» нишон дода нашуда ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда намешаванд. Ҳол он ки онҳо дар ин муносибатҳо васеъ иштирок мекунанд ва ҳамчунин тавассути хариду фурӯши чакана ашёро ба истеъмолкунандагон пешниҳод менамоянд. Барои мисол, маҳсулотсупор ё воридкунандагони молҳои хориҷӣ мебошанд.

Дар қонунгузории дигар кишварҳо, мафҳуми чунин субъектҳо дода шудаанд. Масалан, мувофиқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 январи соли 2002, №90-З, «маҳсулотсупор – ташкилот, соҳибкори инфиродӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Беларус фаъолиятро оид ба фурӯши моли харидашуда ба дигар ташкилотҳо, соҳибкорони инфиродӣ, дигар шахсони воқеӣ барои истифода дар фаъолияти соҳибкорӣ ё бо дигар мақсадҳои ба шахси воқеӣ алоқаманд нест, амалӣ менамоянд; оилавӣ, хонагӣ ва дигар истифодаи шабеҳ, аз ҷумла ташкилот, соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолият оид ба воридоти мол ба қаламрави Ҷумҳурии Беларус барои фурӯши минбаъдаи он дар қаламрави Ҷумҳурии Беларус амалӣ мегардад» [50] .

Дар Қонуни ФР «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 07 феврали соли 1992 қабул карла шуда, мафҳуми воридкунада дода шудааст.

Тибқи м. 1 Қонуни мазкур «воридкунанда – ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиаш ё соҳибкори инфиродие, ки молро барои фурӯши минбаъдаи онҳо дар ҳудуди ФР ворид менамояд» [51].

Шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, бо вайрон намудани қ. 1 м. 23 КМ ҶТ амалӣ менамоянд, ҳуқуқ надоранд нисбат ба аҳди бастаашон истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд.

Масъалаи дигар, ки дар танзими ҳуқуқи шартномаи хариду фурӯши чакана аҳаммияти муҳим дорад, ин муайян кардани тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаи электронии ашё мебошад. Ин усули фурӯшро ҳамчун тарзи фосилавии хариду фурӯши чакана ашё низ ном мебаранд. Дар КМ ҶТ шартномаи фосилавии хариду фурӯши чаканаи ашё муқаррарот пешбинӣ нашудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар замони муосир рушди инфрасохтор ва такмили технологияҳои компютерӣ боиси афзоиши бесобиқаи савдо тавассути мағозаҳои интернетӣ мебошад, ки яке аз муҳаррикҳои асосии савдои чакана мегардад. Афзоиши шумораи истифодабарандагони интернет боиси густариши муносибатҳои гуногуни байни истеъмолкунандагон ва шарикони онҳо мегардад. Хариди ашё тавассути мағозаҳои интернетӣ дар имрӯз як минтақаи босуръат рушдёбандаи тиҷорат аст. Бисёре аз соҳибкорон бе тарзи савдои чакана бартарӣ медиҳанд, ки ашёҳои худро тавассути мағозаҳои интернетӣ мефурӯшанд, зеро дар бисёр ҳолатҳо мағозаҳои интернетӣ аз пардохти иҷорапулӣ ва хароҷоти коммуналӣ озоданд, ки ин ба гирифтани фоида ва рушди тиҷорат дар маҷмуъ таъсири мусбат мерасонад. Рушди бозори тиҷорати электронӣ ба соҳибкорон ва истеъмолкунандагон имкон медиҳад, ки дар тафовут аз хариду фурӯши анъанавӣ бештар аз он фоида ба даст оранд. Зеро дар замони муосир, тавассути савдои электронӣ хариду фурӯши чакана харидор имкон дорад, ки дар хонааш ашёро харидорӣ намояд. Дар ин асно масъалаи амалигардии ҳуқуқҳои харидор, ки қонуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон додааст, ба миён меояд. Зеро баъзан муайян кардани фурӯшандагон дар шартнома бо усули хариду фурӯши электронии чаканаи ашё мушкилиро ба миён меорад.

Масъалаи диагар, ин муайян кардани шахсоне, ки ҳамчун фурӯшанда фаъолияти соҳибкориро ба сифати фурӯшандаи чаканаи ашё тавассути савдои электронӣ анҷом медиҳанд. Дар замони муосир бо пайдоиши шабакаи ҷаҳонии нтернет ва ривоҷи технологияи коммуникатсионӣ савдои электронӣ босуръат рушд карда истодааст. Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс, байни фурӯшанда ва харидорон моле, ки тавассути онлайн ин ашёро ба харидор пешниҳод менамоянд мушкилоти муайян кардани ҷониби фурӯшанда дар ин шартнома ба миён меояд. Муносибатҳои вобаста ба савдои электронӣ тавассути муқаррароти м. 566 КМ ҶТ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоҳида танзим дароварда мешавад.

Муносибатҳои вобаста ба савдои электрониро Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» ба танзим медарорад. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти савдои электронӣ танзим намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ, инчунин таъмини фаъолияти онҳо равона гардидааст. Қонуни мазкур, иштирокчиёни савдои электронӣ, аҳдҳои электрониро муайян намуда, тартиби бастани аҳдҳо ва талаботҳои муайянеро нисбати иштирокчиёни аҳдҳои электронӣ пешбинӣ менамояд. Тибқи қонуни мазкур, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки савдои электрониро амалӣ менамоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Мувофиқи м. 1 Қонуни мазкур, «савдои электронӣ – фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиёти электронӣ амалӣ мегардад» [27]. Қонуни мазкур нисбат ба аҳдҳое, ки бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиёти электронӣ амалӣ мешаванд, татбиқ мегардад.

Аз таҳлили меъёрҳои қонуни мазкур маълум мегардад, ки дар муносибатҳои савдои чаканаи электронӣ 1) фурӯшандагони ашё; 2) харидорони ашё; 3) миёнаравони иттилоотӣ ва миёнаравони дигар иштирок мекунанд. Ба фурӯшандагон шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолиятро оид ба фурӯши чаканаи ашё амалӣ менамоянд, мансубанд.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки савдои электрониро амалӣ менамоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки шахсоне, ки ҳамчун соҳибкор хариду фурӯши электронии чаканаи ашёро анҷом медиҳанд бояд, ки фаъолияти худро дар қайди давлатӣ расмӣ намоянд. Аммо аз вақти амали қонуни мазкур дар кишвар дар самти савдои электрони чаканаи ашё мушкилот дида мешавад. Фазои савдои электронӣ айни ҳол бо сомонаҳои интернетӣ ва шабакаи иҷтимои интернетии пешниҳодкунандаи рӯйхати мол, тахтаи эълонҳо, ки дар он ҷо танҳо муқоисаи вариантҳо дар реҷаи онлайн гузаронида шуда, пардохт ва дастраснамоии ашёҳо асосан бо истифодаи интернет амалӣ карда мешавад, маҳдуд аст. Яъне, низоми ташкили ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар интернет, ки ба тарафҳои аҳд имкон диҳад суратҳисоби бонкӣ ва ё дигар воситаҳои электронии пардохтии худро мустақилона идора намоянд, ҷой надорад.

Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586 қабул карда шуд, ки ин санад дар самти гузаштан ба ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ замина мегузорад. Барои мисол, имрӯзҳо мағозаҳои гуногун ба истеъмолкунандагон ашёҳоро барои истеъмоли шахсӣ дар шабакаҳои ичтимоӣ намоиш дода, ба фурӯш мебароранд. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки фурӯшандагон дар ягон ҷой ба қайд нагирифта, ба истеъмолкунандагон маълумотҳои боэътимод оиди ба ашёи фурӯхташуда пешниҳод намекунанд, аммо талаботи савдои электрониро ҳангоми бастани аҳдҳои электронӣ риоя намекунад, бинобар ин чунин шартномаҳоро аҳдҳои электронӣ гуфта наметавонем. Сомонаҳои порталҳои тиҷоратии интернетии байналмилалӣ бо сабаби шартҳои номусоиди хизматрасониҳо оид ба ҳамлу нақли борҳо аз кишвар ҳиссаи маҳдуд доранд ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти ватанӣ тавассути порталҳои тиҷоратии ҷаҳонӣ масъалаи афзалиятнок дар рушди савдои хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

Бо афзун шудани талабот ба савдои электронии хариду фурӯши чаканаи ашё, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба хариду фурӯши электронии маҳсулот дар интернет аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар соҳаи хариду фурӯши электронии чаканаи ашё, ин танзими ҳуқуқии он буда метавонад. Дар самти савдои электронӣ масъалаи танзими шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашё муҳим мегардад. Баҳри рушди савдои электронӣ дар кишвар «Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029» бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 16 майи соли 2024, №295 қабул шуда, такмили қонунгузории соҳавиро бо мақсади мусоидат ва рушди савдои электронӣ зарур мешуморад. Дар барнома мушкилоти савдои электронӣ ва чорабиниҳо баҳри рушди савдои электронӣ номбар карда мешавад.

Меъёрҳои танзими шартномаи хариду фурӯши чакана баҳри ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона карда шудааст. Аммо дар самти савдои электронии чаканаи ашё мушкилот оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо сабаби дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон» набудани меъёри алоҳидаи танзими хариду фурӯши электронии ашё, дида мешавад.

Бинобар ин, барои ҳалли мушкилоти бамиёномада ва бартараф намудани холигӣ дар танзими савдои рақамӣ пешниҳод менамоем, ки м. 26[1] дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо номи «савдои электронӣ», ворид карда шавад.

Ба андешаи муаллифони тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» «қонунгузор бе далелу асоси кофӣ ва боэътимод доираи шахсони воқеии ба сифати истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва фурӯшанда эътирофшударо бо ёдрас намудани танҳо соҳибкори инфиродӣ, маҳдуд намудааст. Чунин мавқеи қонунгузор ба ин масъала боиси баҳс мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот на танҳо соҳибкорони инфиродӣ, инчунин дигар шахсон низ бо шартҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун машғул шуда метавонанд. Барои мисол, шаҳрвандоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебаранд

ва фаъолияти онҳо дар бобати пешбурди хоҷагӣ, фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешавад» [104 с. 10-11]. Бояд қайд намоем, ки ин анедеша баҳснок мебошад. Зеро шаҳрвандоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебаранд ва фаъолияти онҳо дар бобати пешбурди чунин хоҷагӣ, фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешавад (қ. 2 м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47), ҳуқуқ доранд на танҳо ба мақсади қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ, ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул шаванд (б. 1 м. 3 Қонуни мазкур), инчунин ҳуқуқ доранд маҳсулоти зиёдатӣ истеҳсолнамудаи худро ба фурӯш бароранд (қ. 4 м. 6 Қонуни мазкур) [20].

Бо назардошти муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба сифати фурӯшанда ташкилотҳо, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки ашёро тибқи шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда мефурӯшанд, баромад менамоянд.

Дар ин миён дар шартномаи хариду фурӯши чакана аз тарафи фурӯшанда ва харидор якчанд субъект ба монанди фурӯшанда. истеҳсолкунанда, воридкунандагони ашё, миёнаравони иттилоотӣ, гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон иштирок мекунанд. Таҳлили вазъи ҳуқуқии баъзе онҳо дар қонунгузорӣ муайян карда нашудааст, ки ин монеаи самаранокии фаъолияти онҳо мегардад. Ҳол он ки саҳми онҳо дар таъминоти бозори истеъмолӣ хело муҳим мебошад. Дигар субъектоне, ки мехоҳем оиди ба он ёдовар шавем ва саҳми он дар рушди хариду фурӯши чакана калон мебошад, ин марказҳои логистикӣ мебошад.

Мувофиқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» марказҳои логистики – корхонаи махсусгардонидашудае, ки вазифаи асосии он аз ҷойгиркунонӣ ва нигоҳдории борҳо (молҳо), ба ҷо овардани расмиёти гумрукӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ, мебошад [14].

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар мулоқот

бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон 18.06.2022 дар ноҳияи Данғара таъкид сохтанд: «Роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватаниву хориҷӣ ҷиҳати зиёд намудани майдони гармхонаву сардхонаҳои замонавӣ, ташкили корхонаҳои бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси марказҳои логистикӣ ҷиҳати мунтазам таъмин намудани бозори дохилӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар чораҳои таъхирнопазир андешанд» [57].

Таҳлилу омӯзиш нишон медиҳад, ки то ҳол вазъи ҳуқуқии марказҳои логитикӣ дар қонунгузорӣ алоҳида муқаррар нашудааст ва таснифи муайяни онҳо низ ҷой надорад. Дар натиҷа марказҳои логитикӣ аз марказҳои савдои яклухт ҷудо карда нашудааст. Ҳол он ки марказҳои логистикӣ дар ҳеҷ ҷой ба қайд гирифта нашудааст ва вазъи ҳуқуқии онҳо бо таври мушаххас муайян карда нашудааст.

Марказҳои логистики дар Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии ичтимоӣ» ҳамчун субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ номбар шуданд, ки ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ, мустақилона муайян мешаванд. Аммо дар дигар санадҳои меъёрӣ вазъи ҳуқуқии онҳо муайян карда нашудааст. Марказҳои логистикӣ то ҳол ба таври расмӣ дар мақомоти андоз ба қайд гирифта нашуда, вазъии ҳуқуқии онҳо ҳамчун субъекти савдо ва хизматрасонӣ бо таври мушаххас ба танзим даровarda нашудааст.

Бояд зикр намоем, ки дар кишвар «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 октябри соли 2023, №503 тасдиқ ва чорабиниҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани он ба нақша гирифта шудааст. Дар барномаи мазкур таснифи марказҳои логистикиро пешниҳод, равишҳои асосии ташкили марказҳои логистикии мултимодалӣ, марказҳои нақлиётию логистикӣ, марказҳои савдои яклухти истеъмолӣ, марказҳои агрологистикӣ, нақшаҳои ҷойгиркунии иншооти низоми логистика, ташкили механизми

беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ барои сармоягузорон ва меъёрҳои интихоби онҳо, раванди методологии идоракунии низоми логистикаи ҶТ, инчунин таъмини иттилоотии идоракунӣ ва фаъолияти низоми логистикаи кишварро муайян менамояд. Дар барномаи мазкур «ҳадафҳо, вазифаҳо ва роҳҳои рушди низоми логистикаи ҷумҳуриро дар давраи солҳои 2023-2028 муқаррар намуда, яке аз вазифаҳои барнома ин фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқкии рушди низоми логистика, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ номбар карда шудааст» [41].

Барои танзими ҳуқуқи фаъолияти марказҳои логистикӣ пешниҳод менамоем, ки лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти логистикӣ» таҳия ва қабул карда шавад.

Тарафи дигари шартномаи хариду фурӯши чакана, ин харидор мебошад. Дар мафҳуми овардаи шартномаи хариду фурӯши чакана дар КМ ҶТ ба таври мушаххас харидорро нишон надодааст ва муайян нашудааст, ки кадом шахс ба сифати харидор баромад менамояд.

Мувофиқи сархати 4 б. 1 Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии ҶТ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба шартномаҳои маҳсулотсупорӣ», омадааст, ки «харидор аз рӯйи шартномаи маҳсулотсупорӣ ҳама шахсоне буда метавонанд, ки молро бо мақсади ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё дигар мақсади барои истифодаи шахсӣ вобаста набуда, ба даст овардаанд. Зери мафҳуми дигар мақсади барои истифодаи шахсӣ вобаста набуда, ба даст овардани мол барои таъмини фаъолияти харидор ба сифати ташкилот ва ё шаҳрванд – соҳибкори инфиродӣ фаҳмида мешавад. (Масалан: харидории мебел барои корхона, воситаҳои нақлиёт, маҳсулот барои таъмир ва ғайра)» [170, с. 76-77].

Аз мазмуни ин санади судӣ ва мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана дар қ. 1 м. 560 КМ ҶТ метавон хулоса намуд, ки харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана, дар фарқият аз шартномаи маҳсулотсупорӣ, шахсе баромад мекунад, ки ашёро одатан бо мақсади

барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, харидорӣ менамояд.

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана, харидор ҳамчун истеъмолкунанда вазъи ҳуқуқии махсусро дорад. Истеъмолкунанда – шаҳрванде, ки молро (кору хизматрасониро) барои эҳтиёҷоти маишии шахсии худ истифода мекунад, мехарад, фармоиш медиҳад ва ё нияти харидан ё фармоиш додани онро дорад.

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати харидор одатан, шаҳрвандон баромад мекунанд. Шаҳрвандон ҳамчун истеъмолкунанда ба сифати харидор имконияти бастани шартномаи хариду фурӯши чаканаро танҳо дар ҳолате доранд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва пурраи амалкуниро дошта бошанд. Ба миён омадани қобилияти амали маданӣ дар ҳаҷми пурра бо фаорасии балоғат алоқаманд аст. Балоғат ҳангоми расидан ба синни 18-солагӣ фаро мерасад. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана хурдсолони аз шаш то чаҳордаҳсола метавонанд, аҳдҳои хурди маиширо дар намуди харидани нон, китоб, қаламу дафтар анҷом диханд. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд, ки бидуни ризоияти волидайн, фарзандхондагон ва парасторонашон музди меҳнат, идрор ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд, аҳдҳои хурди маишии дар КМ ҶТ пешбинишуда анҷом диҳанд. Ба монанди харидани нон, китоб, қалам ва ғайра. Ин аҳдҳо бошад, ба шартномаи хариду фурӯши чакана дохил мешаванд.

Имконияти аз ҷониби шаҳрвандон бастани шартномаи хариду фурӯшро қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳаҷми қобилияти амали онҳо маълум менамояд. Харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати истеъмолкунанда баромад карда, вазъи ҳуқуқии масусро соҳиб мешавад, бинобар ин нисбати харидор талаботи қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон татбиқ мегарадад. Аммо, дар мафҳуми овардашудаи шартномаи хариду фурӯши чакана дар м. 560 КМ ҶТ истилоҳи харидор номбар шуда, истилоҳи истеъмолкунанда истифода нашудааст. Чи тавре ки

қайд шуд, мафҳуми истеъмолкунанда нисбати харидор васеътар мебошад. Ҳамчунин гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон низ дода шудааст.

Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» истилоҳи «истеъмолкунанда», маънои истеъмол кунад ё истифода мебарад, бакорбаранда, корфармоянда, сарфкунандаро дорад» [107, с. 559 ].

Мафҳуми истеъмолкунанда дар қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон оварда шудааст. Мувофиқи м. 1 қонуни мазкур, «истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқиест, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Аз ин муқаррароти қонун ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати истеъмолкунанда ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ баромад менамояд. Дар адабиётҳо оид ба он ки ба сифати истеъмолкунанда шахсони ҳуқуқӣ низ баромад карда, молро тавассути ин тарз харидорӣ карда метавонанд, андешаҳои гуногун ҷой доранд» [10] .

Дар адабиётҳо илмӣ, қайд мегардад, ки «шахсони ҳуқуқӣ бо воситаи шартномаи хариду фурӯши чакана, бо мақсади иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ молро бо ин роҳ харида наметавонанд. Бояд зикр намуд, ки нисбат ба ташкилотҳои тиҷоратӣ фарзияв амал мекунанд, ки мувофиқи он тамоми аҳдҳое, ки онҳо мебанданд, бояд характери соҳибкорӣ дошта бошанд. Ба ҳамин сабаб иштироки онҳо дар шартномаи хариду фурӯши чакана маҳдуд мебошад [88, с. 22].

Ш.К. Ғаюрзода вобаста ба масъалаи кадом шахс ба сифати истеъмолкунанда баромад менамояд қайд менамояд, ки «дар КГ ҶТ истеъмолкунанда маънои шаҳрвандеро дорад, ки дар нисбати шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ осебпазир аст. Дар ҳолати истеъмолкунанда эътироф шудани шахси ҳуқуқӣ ин маъно аҳаммияти худро гум мекунад [122, 36-39]. Мувофиқи муқаррароти қ. 3 м. 560 КМ ҶТ, муносибатҳои хариду фурӯши чакана бо иштироки харидор – шахси воқеӣ, ки бо ҳамин Кодекс пурра танзим нашудаанд, дар дигар санадҳои қонунгузорӣ танзим

мешаванд.

Аз ин муқаррароти болозикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана метавонад, ки ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ баромад кунад.

Л.А. Шашкова дар таҳқиқоти худ қайд менамояд: «Чунин мешуморем, ки дар мавридҳои алоҳида ворид намудани вожаи шахси ҳуқукӣ ба мафҳуми истеъмолкунанда боиси коста шудани сиёсат оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мегардад, зеро қонун ҳадафи асосии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон – шахси ғайрикасбиро дорад, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар нисбати шарики худ дар бозори истеъмолӣ заифтар мебошад» [167, с. 16 ].

Дар ФР зарурати дохил намудани шахсони ҳуқуқӣ ба мафҳуми «истеъмолкунанда» аз ҷониби олимони алоҳида низ пешниҳод шудааст.

Ба андешаи Э. Корнилов «зарурати бо мафҳуми истеъмолкунанда даровардани «шахсони ҳуқуқӣ»-ро бо он асос менамояд, ки дар бисёр соҳаҳо шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун мутахассисони ғайрикасбӣ, ки ба ҳимояи иловагӣ ниёз доранд, ё аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ харида шудани баъзе молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) на барои фаъолияти тиҷоратӣ, балки барои қонеъ сохтани ниёзҳои кормандони худ ба кор мебаранд. Масалан, ширкати моликони манзил, ки як гурӯҳ шаҳрвандони соҳибмулкони манзилҳоро муттаҳид месозад, онҳо метавонанд ҳамчун истеъмолкунанда ашёро тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана барои таъмини биноҳои бисёрошёнаи сокинон харидорӣ карда, онҳоро бо мақсадҳои таъмири биноҳои сокинони манзилҳо истифода баранд» [130, с. 120-123]. Бояд зикр намоем, ки дар ҶТ низ ширкатҳои моликони манзил иҷозат дода шудааст.

Аз мазмуни муқаррароти Кодекси манзили ҶТ бармеояд, ки ширкати моликони манзил – ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ барои идоракунии манзили истиқоматӣ моликони манизили истиқоматиро муттаҳид менамояд [9].

Айни замон ширкатҳои соҳибмулкони манзил дар асоси КМ ҶТ ва Кодекси манзили ҶТ ба танзим дароварда мешавад. Аз ин пеш вазъи ҳуқуқии онҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» аз 5 августи соли 2009, №542 [21] танзим мешуд, ки бо қабул шудани Кодекси мазили ҶТ аз 1 сентябри соли 2022 қонуни мазкур аз эътибор соқит дониста шудааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар мафҳуми истеъмолкунандагон даровардани «шахсони ҳуқуқӣ», пеш аз ҳама манфиати шаҳрвандон ба инобат гирифта шудааст.

У.С. Болтуев дар таҳқиқоти худ масъалаи он ки ба мафҳуми истеъмолкунандагон шахсони ҳуқуқӣ дохил мешаванд, қонунгузории кишварҳои ИДМ ва назари олимонро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки «зарур аст, ки «шахси ҳуқуқӣ» ҳамчун истеъмолкунанда дар мафҳуми истеъмолкунандагон нигоҳ дошта шавад» [149, с. 32]. Ин андешаи ӯ асоси худро дорад, зеро имрӯз дар ҶТ шахсони ҳуқуқие, ки ашёро барои эҳтиёҷоти шахсию манзилии шаҳрвандон харидорӣ карда истифода мебаранд, мақсади фаъолияти онҳо соҳибкорӣ намебошад. Барои мисол, ширкати соҳибмулкони манзил метавонад, ки ашёро харидорӣ намуда, барои истифодаи моликони манзили истиқоматӣ истифода баранд, фаъолияти онҳо ба соҳибкорӣ алоқамандӣ надорад.

Мо низ ҷонибдори ақидаи У.С. Болтуев мебошем, ки ба қонуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон асоснок буда, дар он андешаем, ки аз нигоҳи қонунгузории кишвар ба сифати истеъмолкунанда ҳамчун харидор шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ашёро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, харидорӣ намуда, истифода менамояд. Бо ин хусусият шартномаи хариду фурӯши чакана аз шартномаи маҳсулотсупорӣ тафовут дорад. Дар шартномаи маҳсулотсупорӣ харидор ба сифати истеъмолкунанда баромад накарда, балки ҳамчун соҳибкор, тарафи шартнома амал менамояд ва ашёро на барои мақсадҳои эҳтиёҷоти шахсӣ, балки барои фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ менамояд. Дар таҷриба муайян кардани мақсади харидани ашё аз

тарафи истеъмолкунанда тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана мушкил мебошад. Зеро як ашё метавонад бо мақсадҳои гуногун харидорӣ шавад.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадем, ки тарафҳои шартнома хариду фурӯши чакана, як тараф фурӯшанда, ки ба сифати фурӯшанда, соҳибкорӣ инфиродӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ- ҳуқуқии онҳо ва ба сифати харидор – истеъмолкунанда ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ баромад менамоянд, ки ашёро барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ ва манзилии худ, ки бо мақсадҳои истифодаи фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, харидорӣ мекунанд.

## 2.2. Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана

Унсури дигари шартномаи хариду фурӯши чакана, ин мавзуи он мебошад. Ҳангоми баррасии шартномаи хариду фурӯши чакана зарур аст, ки мо мавзуи шартномаи мазкурро, муайян намоем. Бояд қайд намоем, ки муайян кардани мавзуи шартнома барои тамоми намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана андешаҳои гуногун ҷой доранд. Масалан, А.Н. Обиденнов қайд менамояд, ки «мавзуи шартнома гуфта, мавҷудоти воқеии олами моддиро мефаҳманд, ки бевосита ба рафти иҷрои шартнома дахл доранд ва дар натиҷаи бастани шартнома инфиродӣ мегарданд» [137, с. 333].

Бе муайян кардани он ки мавзуи шартномаро чӣ ташкил медиҳад, ягон шартномаро бастан мумкин нест. Шартнома то он вақте басташуда эътироф намешавад, ки агар тарафҳо оид ба яке аз шартҳои муҳим ба созиш наомада бошанд.

Муҳаққиқони дигар дар он андешаанд, ки «мавзуи шартнома он муносибатҳои асосии тарафҳо мебошад, ки тибқи шартномаи мазкур ба танзим дароварда шуда, бахри ноил шудан ба он, тарафҳо ба ин муносибати шартномавӣ дохил мешаванд [90, с. 296].

Муаллифони дигар қайд менамояд, ки қонунгузор бо тариқи мушаххас

мафҳуми мавзуи шартномаи ҳуқуқи маданиро надодааст [127, с. 18-20].

Дар ин қисмати кори худ мо ки ба таҳқиқи мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шудааст, онро баррасӣ менамоем. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷудо намудани шартномаи хариду фурӯши чакана аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ маҳз дар мавзуи он ифода меёбад. Бинобар ҳамин, муқаррар гардидани мавзуи шартномаи мазкур аҳаммияти муҳим дорад. Барои муайян намудани мустақилияти шартномаи зикршуда, муайян намудани мавзуи он зарур ва ногузир аст.

Ҳангоми муайян кардани мавзуи ин шартнома ду масъаларо мо бояд баррасӣ намоем. Аввал муайян кардани мафҳуми мавзуи ин шартнома ва ҷудо намудани мавзуи шартномаи мазкур аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Мавзуи шартномаи мазкур метавонад ҳама ашёҳои истеъмолии манқуле бошанд, ки аз муомилот гирифта нашудаанд, ҳам бо аломатҳои умумӣ муайян карда мешаванд ва ҳам ба таври инфиродӣ муайян карда мешаванд. Ғайр аз он, ҳам ашёҳои нақд мавҷудбуда ва ҳам ашёҳое, ки оянда сохта шуданд метавонанд, мавзуи ин шартнома бошанд, гарчанде ки ҳолати охирин ҳамчун ғайримуқаррарӣ шинохта шудааст. Ин объектҳои моддии истеъмолӣ бояд хусусияти инфиродӣ, молӣ ва бегонашавӣ дошта, дар муомилоти танзими қонун эҳтиёҷоти истеъмолкунандаро қонеъ мегардонанд.

Мавзуи ин шартнома дар КМ ҶТ ҳамчун мол номбар карда шудааст. Аз муқаррароти қ. 1 м. 560 КМ ҶТ бармеояд, ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана моле шуда метавонад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд. Яъне мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана мол мебошад. Ҳамзамон мол дар шартномаи мазкур аз рӯйи таъинот ва истифодааш барои фаъолияти соҳибкорӣ бояд истифода нагардад.

Таҳлили қонунгузорӣ дар бобати мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана нишон медиҳад, ки ба таври аниқу возеҳ муқаррар накардааст, ки ба

мавзуи шартномаи мазкур чӣ гуна мол шуда метавонад. Бинобар ин сабаб баҳсҳоро дар адабиёти илмӣ ба миён овардааст. Дар қонун танҳо мақсали истифодаи молро дар шартнома тавсиф намудааст.

Мол аз рӯйи муқаррароти м. 137 ва 537 КМ ҶТ, ҳама чизҳое, ки аз муомилоти маданӣ гирифта нашудаанд, баромад мекунад. Ҳамин тариқ, қонунгузор истилоҳҳои «мол» ва «ашё»-ро ҳамчун муродиф истифода мебарад. Аз ҷумла, ба таври умумӣ м. 523 ва м. 560 КМ ҶТ молро ба сифати мавзуи (предмети) шартнома хариду фурӯши ном мебарад.

Мол, ки объекти ҳуқуқи маданӣ мебошад, бо фаъолияти касбии фурӯшанда, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои фурӯшандаи касбӣ ва харидори чакана нигаронида шудааст, алоқаманд аст. Дар ин ҳолат, он як чизи истеъмолшаванда аст. Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи мол маҳсулот») маънои «сарват, моликият, амвол, ашёи истеҳсолӣ (аз ҷумла ашёҳои саноатӣ), ки дар раванди хариду фурӯш истифода мешаванд» [107, с. 810] шарҳ дода шудааст.

Аз нуқтаи назари қонун, мавзуи шартномаи мазкур моле шуда метавонад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд.

Дар баробари ин ҳастанд молҳое, ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана шуда наметавонад, зеро ин молҳо барои истифодаи шахсӣ ғайриимкон мебошанд. Масалан, дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии ҳисоббарор, ки он барои мақсадҳои истифодаи шахсӣ истифода намешаванд.

Дар назарияи иқтисодӣ мол, одатан ашё фаҳмида мешавад, ки барои харидор арзиши зиёд дорад ва на танҳо арзиши истеъмолӣ, балки арзиши мубодила низ дорад.

Бояд қайд намуд, ки фаҳмиши иқтисодии мол бо маънои зерин ифода карда мешавад: мол – ҳама гуна амволи хуб, ҳама гуна ашёи моддӣ ё хизмате, ки бояд ба иштирокчиёни бозор фурӯш ё мубодила шавад. Муайян кардани маънои ҳуқуқии мафҳуми «мол» хеле мушкилтар мебошад.

Қонунгузории амалкунандаи миллӣ, якчанд мафҳуми молро дар бар мегирад. Дар м. 17 Кодекси андози ҶТ мол «ҳамчун моликияти дорои хусусияти моддӣ, аз ҷумла гармӣ, қувваи барқ, об ва газ, мол муайян карда мешавад» [5].

Ҳамчунин таърифи мафҳуми мол дар сархати 7 м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30.05.2017, №1417 ҳамчун «объекти ҳуқуқи граждании (кор, хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии молиявӣ), ки барои фурӯш, мубодила ё навъи дигари муомилоти граждании баровадани он пешбинӣ шудааст», фаҳмида мешавад [37].

Бояд қайд намуд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки меъёрҳои он ҳаҷми зиёди муносибатҳои хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, мафҳуми мол дода нашудааст.

Мол дар шартномаи хариду фурӯш бо риояи қоидаҳои м. 137 ҳама гуна ашё шуда метавонад (қ. 1 м. 523 КМ ҶТ). Аз мазмуни ин меъёр бармеояд, ки мол бояд, ки аз муомилоти маданӣ гирифта нашуда бошанд. Барои ба фурӯш баровардани баъзе номгӯйи молҳо, тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» [15] муқаррар шудааст. Масалан, маводи доруворӣ, молҳои аксизӣ ва ғайра.

Дар м. 904 КМ ҶТ мафҳуми дигари молҳоро низ додааст, ки ба қарзи молӣ бахшида шудаанд. Тибқи қоидаҳои ҳамин модда, шартномаи кредити молӣ созишномаест, ки тибқи он тарафҳои шартнома метавонанд шартномаеро ба имзо расонанд, ки уҳдадории як тарафро барои ба тарафи дигар тибқи шартҳои шартномаи кредит супоридани ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда, пешбинӣ намояд (шартномаи кредити молӣ).

Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чаканаро мол ҳамчун ашёи манқул ташкил медиҳад, ки барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ, оилавӣ баромад мекунад. Тибқи қоида, миқдори молҳои харидашуда ба хусусияти шартномаи фурӯши чакана таъсир намерасонанд. Аммо ҳолатҳое ба амал меоянд, ки молҳои барои истифодаи шахсӣ пешбини шуда дар ҳаҷмҳое оварда мешаванд, ки бо мақсадҳои шартномаи хариду фурӯши чакана истифода бурдан мумкин нест.

Дар ин робита, дар таҷрибаи судии ФР қоидаи ҳуқуқие таҳия карда шуд, ки мувофиқи он, агар бо назардошти хусусиятҳои мол, маълум гардад, ки мол бо он ҳаҷме интиқол дода мешавад, ки истифодаи онро барои мақсадҳои шахсӣ истисно мекунад. Ин нишон медиҳад, ки фурӯшанда хариди молро барои фурӯши минбаъдаи соҳибкорӣ харидорӣ кардааст [164, с. 52].

Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чаканаро на аз рӯйи хусусиятҳои мол, балки бо муайян кардани мақсадҳо, истифодаи мол аз тарафи харидор, яъне мол барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ва оилавӣ ва дигар навъи истифода, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, тавсиф карда мешаванд.

Баъзан дар таҷриба муайян кардани молҳое, ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад, хело мушкил аст. Сабаб дар он аст, ки як мол метавонад, аз тарафи харидор бо ҳадафҳои гуногун истифода гардад. Аксар молҳо метавонанд мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана ё маҳсулотсупорӣ бошанд. Бо вуҷуди ин, мавзуи охирин боз ҳам маҳдудтар аст, зеро мавзуи шартномаи фурӯши чакана наметавонад чизҳое бошад, ки бинобар хусусиятҳои истеъмолии онҳо танҳо бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода мешаванд. Масалан, молҳое, ки барои мақсадҳои саноатӣ таъин шудаанд, наметавонад мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана бошад, зеро онҳо барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо мақсади пешбурди фаъоияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ) пешбинӣ шудааст.Ба молҳои саноатӣ, масалан, таҷҳизоти технологӣ, таҷҳизоти роҳсозӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, машинаи назорати хазинавӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Дар фарқият аз дигар намуди шартномаи хариду фурӯш, мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана, ин ашёҳои истеъмолӣ бо арзиши начандон калон мебошад.

Дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун оид ба мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди ибрози назар шудааст.

К.Е. Янушвич қайд менамояд, ки «мушкилоти асосӣ муайян кардани мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана дар набудани маҳак ё меъёри

ягонае, ки он мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Дар асоси мафҳуми мавҷудаи м. 492 КГ ФР муайян карани мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана ғайриимкон аст, ки мақсади харидорро дар қонун пешбинишударо тавсиф мекунад: мувофиқати мол ба мақсадҳои дақиқ муайяншуда ё худ мақсади истифодаи харидор. Азбаски КГ ФР дар зербоби 2 боби 30 ба таври мушаххас муайян нишон надодааст, ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чаканаро чӣ гуна мол ташкил медиҳад» [68, с. 22].

Ба андешаи В.Н. Васин, В.И. Казанцев «дар ҳолатҳои алоҳида муайян кардан мушкил аст, ки харидор бо кадом мақсад молро тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана харидорӣ менамоянд. Дар бисёр ҳолатҳо молҳо тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана метавонанд, бо мақсади истифодаи шахсӣ, манзилӣ ва соҳибкорӣ харидорӣ карда шаванд. Масалан, соҳибкори инфиродӣ, ки молро тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана харидорӣ менамоянд, метавонанд атомашинаро бо мақсадҳои шахсӣ, мусофиркашонӣ ё боркашонӣ истифода барад» [119, с. 27-30].

Сабаб дар он аст, ки соҳибкор имконияти назорат кардани харидоронеро, ки бо кадом мақсад молро харидорӣ карда истифода мебаранд, надорад. Бисёри молҳое ҳаст, ки ҳамчун мавзуи шартномаи дар зербоби 2 боби 35 КМ ҶТ пешбини шуда таъиноти гуногун доранд, яъне аз рӯйи табиати худ онҳо матавонанд, барои мақсадҳои соҳибкорӣ ва ҳам барои мақсадҳои ба он марбут истифода намешаванд. Ғайр аз он, ҳатто ашёе, ки объекти истифодаи шахсӣ мебошад, харидорон метавонанд барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода намоянд. Харидани баъзе молҳо тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ ва манзилӣ хеле мушкил мебошад. Ба ин гурӯҳ ашёҳои зерин дохил мешаванд: таҷҳизоти мошинаи назоратӣ-хазинавӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва масолеҳи эҳтиётии он, тарозу, детекторҳои банкнот, таҷҳизоти савдо, таҷҳизоти офисӣ, маводи дандонпизишкӣ ва ғайра.

Моле, ки тибқи шартномаи фурӯши чакана фурӯхта мешаванд, ҳам аз ҷиҳати тавсифоти умумӣ: рақам, андоза, вазн ва ё алоҳида муайян карда

мешаванд. Ҳама гуна ашёе, ки аз муомилоти маданӣ гирифта нашудааст, метавонад мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана бошад. Аммо, фурӯши баъзе ашё танҳо бо шартҳои махсуси дар қоидаҳои дахлдор муқарраршуда иҷозат дода мешавад. Ба ин ашё силоҳ, моддаҳои заҳролуд ва ғайра дохил мешаванд. Мулоҳизаҳои тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарӣ зарурияти маҳдуд кардани муомилот бо ин ашёҳоро ба миён оварданд.

Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана он молҳое мебошад, ки бо тавсифоти умумӣ муайян карда мешавад ва тавре ки аллакай қайд шуда буд, барои мақсадҳои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хоҷагӣ ва дигар мақсадҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, таъин гардиданд. Ҳамаи молҳое, ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана мебошанд, ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: молҳои истеъмолӣ ва ғайристеъмолӣ. Вале чунин таснифот нисбӣ буда, мавзуи хариду фурӯши чакана танҳо ашёҳои истеъмолӣ буда метавонанд, вагарна ин шартнома ба худ унсурҳои шартномаи маҳсулотсупорӣ ва ё хариди махсулоти кишоварзиро мегирад.

Тибқи қ. 2 м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «молҳои истеъмолӣ – маҳсулоти дар шакли табиӣ ё коркардшудаи дар муомилотбуда, ки онро инсон ҳамчун хӯрок истифода мебарад (аз ҷумла, маҳсулоти хӯроки кӯдакон, маҳсулоти хӯроки парҳезӣ), оби нӯшокии дар зарфҳо ҷойкардашуда, маҳсулоти спиртдор, оби ҷав, нӯшобаҳо ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, ки дар асоси онҳо тайёр карда шудаанд, сақич, иловаҳои хӯрокворӣ ва фаъоли биологӣ» [14]. Ҳамчунин, қонуни мазкур, молҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро номбар мекунад. Ба онҳо маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ дохил мешаванд.

Дар м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 августи соли 2012, №890 омадааст, ки «маҳсулоти хӯрокворӣ – маҳсулоте, ки онро дар шакли табиӣ ё коркардшуда (консервшуда) инсон дар хӯрок истеъмол менамояд, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки кӯдакона, парҳезӣ, оби нӯшокии дар зарф ҷой кардашуда, маҳсулоти спиртдор, оби ҷав, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, сақич, инчунин ашёи хоми хӯрокворӣ, иловаҳои хӯрокворӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ» [24].

Ҷудокунии маҳсулоти хӯроки кӯдакон ва парҳезӣ ба талаботи физиологии организми кӯдакон ва барои пешгирии бемории муоличаи шахсони мушаххас алоқаманд аст.

Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ – собун ва шустушӯйҳои синтетикӣ, хамираи дандоншӯӣ, болишт, либоси таг, ҷуроб, китобҳо ва лавозимоти мактабӣ, сӯзанҳо ва риштаҳо, гугирд, шамъ, фонарҳо ва ғайра.

Дар мавриди маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ, дар қонунгузорӣ ду истилохро пайдо кардан мумкин аст – «молҳои ниёзи мардум» ва «маҳсулоти ғайриозуқаворӣ».

Ба молҳои ниёзи мардум маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дохил мешаванд, ки аҳолӣ, одатан, барои истеъмоли шахсӣ ва маишии оилавӣ, инчунин дар истеҳсолоти хурд истифода мебаранд.

Ба маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ молҳои саноати сабук дохил мешаванд: молҳои фарҳангӣ, маишӣ ва рӯзгор ва дигар молҳои истеъмолии ғайрихӯрокворӣ; маҳсулоти ғайриғизоӣ барои мақсадҳои истеҳсолӣ ва техникии истеҳсолоти худӣ; хӯроки ҳайвонот, паррандаи хонагӣ дар робита ба фурӯши онҳо ба аҳолӣ.

Фурӯши маҳсулоти алоҳидаи ғайриғизоӣ хусусиятҳои назаррас дорад, бинобар ин Ҳукумати ҶТ, қоидаҳои фурӯши намудҳои алоҳидаи молро таҳия ва тасдиқ кардааст. Давлат истеъмолкунандагонро бо муайян кардани самтҳои асосии сиёсати тиҷорати давлатӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва амнияти озуқавории давлат, кафолати амнияти озуқаворӣ ва маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ, муқаррар кардани воситаҳои қонуние, ки аз ҷониби фурӯшанда ва истеъмолкунанда барои ба даст овардани мақсадҳои худ истифода бурда мешавад ва ба ин васила ба тартиботи муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Бо назардошти он ки меъёрҳои КМ ҶТ фурӯши ашёи оянда, ҳам чизҳои мавҷуда ва ҳам ояндаро метавонанд тибқи шартномаи зикршуда фурӯшад, агар аз хусусияти мол тартиби дигаре барнаояд. Аммо, бояд эътироф кард, ки ҳолати охирин барои шартномаи мазкур хос нест, зеро аксарияти онҳо

қариб ҳамзамон баста мешаванд (фарқияти вақт байни додани расиди фурӯш ва пардохт ва гирифтани ашё хеле кам аст).

Дар адабиёти илмӣ ақидае пешниҳод карда шудааст, ки ба мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана дар баробари ашё, инчунин ҳуқуқҳои молумулкӣ метавонанд бошанд. Масалан, А.А. Матиташвили чунин андеша дорад:«Фурӯши кортҳои экспресс пардохтҳо, SIM-кортҳо, интернет-кортро ҳамчун фурӯши ҳуқуқҳои молумулкии тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана сурат мегирад» [132, с. 24].

Ба андешаи мо, бо чунин тарзи хариди ашё ҳамчун воситаи пардохти хизматрасонии алоқаи мобилӣ (аз ҷумла хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди пайвастшавӣ ва дастрасӣ бо шабакаҳои алоқаҳои мобилӣ) мебошад, бинобар ин онро ҳамчун ашё дар шартномаи хариду фурӯши чакана номидан баҳснок мебошад. Ба андешаи муҳаққиқони дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана намебошанд. Зеро ки мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси м. 592 КГ РФ (м. 560 КМ ҶТ) танҳо ҳомили моддӣ ва ё ашё бошад, ки тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана интиқол дода мешавад. Бинобар ин, ҳуқуқҳои молумулкӣ наметвонанд мавзуи шартномаи мазкур бошанд [104, с. 34-35].

Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана ашёи ғайриманқул шуда наметавонад, зеро сухан дар бораи ашёи манқули истеъмолӣ меравад, ки эҳтиёҷоти маишии истеъмолкунандаро қонеъ мегардонад.

Дар амалияи ҳуқуқӣ ҳолатҳое мавҷуданд, ки дар муомилоти маданӣ фурӯшандагони зиёд ба хариду фурӯши чакана машғул буда, шартномаи онҳо ҳамчун шартномаи хариду фурӯши чакана эътироф карда намешавад. Дуруст муайян накардани шартномаи хариду фурӯши чакана на танҳо ба оқибатҳои ҳуқуқии маданӣ, балки ба имконияти масалан, бо мақсад насупоридани андоз ё озод шудан аз дигар уҳадориҳо низ равона карда мешавад. Масалан, дар бозорҳо шахсони зиёде мунтазам ба хариду фурӯши мошинҳои сабкурави истеҳсоли давлатҳои хориҷии истифодашуда, ки ба Тоҷикистон оварда шуда, ба шаҳрвандон фурӯхта мешаванд, машғуланд.

Аммо ҳангоми ба расмият даровардан фурӯшандагон ин мошини сабукравро тавассути мағозаи комиссионӣ ба истеъмолкунанда ба фурӯш бароварда, ба расмият медароранд. Дар амал чунин ба назар мерасад, ки аз рӯйи ҳуҷҷатҳо ин мошинро охирон аз мағозаи комиссионӣ харидорӣ кардааст, аммо дар асл аз худи фурӯшанда ин ашёро харидорӣ мекунад, зеро комиссионер миёнарав мебошад.

Ҳангоми поймол шудани ҳуқуқи онҳо, истеъмолкунандагон наметавонанд, ки ҳуқуқҳояшонро ҳимоя намоянд, чунки онҳо мошини сабукравро аз мағозаи комиссионӣ харидорӣ карданд, на аз фурӯшандае, ки ба хариду фурӯши чакана ашё машғул ҳастанд. Аз тарафи дигар, мавзуи шартномаи комиссия – ин миёнаравии тиҷоратӣ мебошад.

Дар шароити рушди хизматрасониҳои маишӣ мавзуи фурӯши чакана аҳаммияти хосса пайдо кардааст. Дар корхонаҳои азими савдои чакана (гипермаркетҳо, супермаркетҳо ва ғайра) нонвойхона ва тарабхонаро дидан мумкин аст. Дар ин маврид саволе ба вуҷуд меояд, ки оё нонвойхона ва тарабхона ба фурӯши чакана машғул шуда метавонанд? Фурӯше ки корхонаҳои соҳаи хӯроки умумӣ ва ё ҳаммомхона анҷом медиҳанд, фурӯши чакана намебошанд. Дар фурӯши чакана (оффлайн, онлайн, оффлайн + онлайн) ба нархи чакана хизматрасониҳои иловагӣ, ба монанди тайёр намудани нони навъи интихобшуда, аз орди навъи интихобшуда, мӯҳлати тайёркунӣ ва ҷойи истеъмоли он, бо пахши мусиқӣ ё бе пахши он, дохил намешаванд. Тарабхона корхонаи савдои чакана набуда, таъиноти асосии он ба муштарӣ пешниҳод намудани баъзе хизматрасониҳои фарҳангӣ ва ё иҷрои корҳое мебошад (тайёр намудани хӯроки фармоиши махсус), ки ба низоми корхонаҳои хӯроки умумӣ иртибот доранд.Дар шартномаи таҳлилшуда бошад, ба нархи чакана арзиши истеъмолии ашёи донабайъ ё бо миқдори хурд дохил мешавад. Дар ин шартнома истеъмолкунанда ашёи истеъмолии харидаашро ба дигар иштирокчии бозори молӣ намефурӯшад.

Ҳамин тавр, мавзуи ин шартномаро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки мавзуи он ашёи манқули истеъмолӣ мебошад, ки одатан

барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд.

## 2.3. Мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана

Шартномаи ҳуқуқи маданӣ яке аз падидаҳои муҳимми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар қ. 2 м.7 КМ ҶТ шартномаи ҳуқуқи маданӣ, ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ номбар шудааст. Бинобар ин, нақш ва аҳаммияти шартномаи ҳуқуқи маданӣ дар бозори истеъмолӣ назаррас мебошад. Аз сабабе ки шартнома ҳамчун факти ба вуҷуд омадан, тағйир ва қатъ гаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ баромад мекунад, аҳаммияти омӯзиши ин падида меафзояд.

Ҳамчунин, муаллифони тафсири қисми якуми КГ ҶТ (М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағайназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов) қайд мекунанд: «Мафҳуми шартнома тавассути мазмуни он, яъне маҷмуи шартҳое, ки дар таркиби он мавҷуданд, муайян карда мешавад. Бидуни таҳқиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо оид ба шартҳо, шартнома функсияи худро гум мекунад» [81, с. 913].

Аз назари ин муаллифон тафсири мазкур дар зери мафҳуми мазмуни шартнома маҷмуи шартҳоеро мефаҳманд, ки оид ба онҳо тарафҳо ба созиш омадаанд. Бояд қайд намуд, ки шартномаи ҳуқуқи маданӣ ба маънои муносибати ҳуқуқӣ низ маънидод мешавад.

Шартномаи хуқуқи маданӣ ба сифати муносибати ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки байни тарафҳо онро ба расмият дароварда, арзи ҳастӣ намуда, бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзим мешаванд [90, с. 297]. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, мазмуни муносибатхои ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои хуқуқӣ маънидод шудааст [101, с. 558].

Метавон гуфт, ки мазмуни шартномаи ҳуқуқи маданиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, ки аз шартнома бармеоянд, ташкил медиҳад.Бинобар ин, мазмуни шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ ташкил медиҳанд. Шартномаи хариду фурӯши чакана мазмуни худро дорад.

Дар адабиёти илмӣ мазмуни шартномаи ҳуқуқи мадании ба таври гуногун арзёбӣ гардидааст. Масалан, Е.А. Суханов чунин қайд менамояд, ки «мазмуни шартнома ҳамчун аҳд мебошад, ки аз шартҳои мувофиқашудае, ки дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома дарҷ шуда, мазмуни шартномаро ташкил медиҳанд» [70, с. 172-174]. Ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, метавон чунин хулоса баровард, ки шартномаи таҳқиқшаванда ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ дар бозори ашёҳои истеъмолӣ мебошад.

Ба андешаи Ф.С. Сулаймонов ва П.З. Мирзоев «шартҳои шартнома дар маҷмуъ мазмуни шартномаро ташкил медиҳанд» [89, с. 298] .

Қ.Ш. Қурбонов ва И.Ғ. Ғафforзода ибораи «мазмуни шартнома»-ро истифода кардаанд. Аммо онҳо дар фаҳмиши мазмуни шартнома, на танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, балки шартҳоеро дар назар доранд, ки оид ба онҳо тарафҳо ба созиш омадаанд. Ба андешаи онҳо «возеҳӣ ва муайянии мазмуни шартнома хусусиятҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳо, имконияти иҷрои матлуби уҳдадорӣ ва оқибатҳои вайрон кардани онро, муайян мекунад» [78, с. 443] .

Ба андешаи М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский «шартҳои шартнома маҷмуи шартҳое мебошанд, ки тарафҳои шартнома аз рӯйи он ба созиш омадаанд ва дар онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо мустаҳкам шудаанд. Вобаста ба аҳаммияти шартҳои шартнома ҳамаи шартҳоро ба шартҳои муҳим, муқаррарӣ ва тасодуфӣ (иловагӣ) тақсим менамоянд [63, с. 14-20].

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ нишон медиҳад, ки одатан мазмуни шартнома аз се ҷиҳат баррасӣ карда мешавад. Якум, мазмуни шартномаи ҳуқуқи маданӣ ба маънои шартҳои шартномаро дар назар дорад; дувум, мазмуни шартнома ҳамчун маҷмуи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома ва сеюм, мазмуни шартнома ҳамчун маҷмуи шартҳои он ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои он фаҳмида мешавад.

Дар ин таҳқиқоти худ мо мазмуни шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба маънои ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои он мавриди баррасӣ қарор додаем.

Бояд қайд намуд, ки дақиқ муайян намудани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз масъалаҳои муҳим дар танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Мушкилоти дақиқ муайян кардани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳо на танҳо дар шартномаи хариду фурӯши чакана, балки дар тамоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ вомехӯрад. Аммо ин дар фарқият аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқ ва уҳдадориҳои фурӯшанда ва харидор бо санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим даровarda шудааст. Биноар ин, дақиқ муайян кардани онҳо хело мушкил мебошад.

Аз сабабе ки хариду фурӯши чакана доим рушд дорад, намудҳо ва усулҳои муосири фурӯши чаканаи ашёҳо пайдо шуда истодаанд, қонунгузор бо мақсади танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳуқуқу уҳдадориҳои иловагиро барои тарафҳои шартнома муқаррар кардааст. Дар асоси шартномаи хариду фурӯши чакана, ки тарафҳои шартнома соҳиби ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошанд ва ин ҳуқуқу уҳдадориҳо ё дар қонун ва ё санадҳои дигари меъёрӣ бояд муқаррар карда шаванд.

Шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз намудҳои асосии шартномаи хариду фурӯш мебошад. Ҳуқуқу уҳдадориҳои харидору фурӯшанда мазмуни шартномаи хариду фурӯшро ташкил медиҳанд [88, с. 33].

Шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати шартномаи дутарафа, яъне шартномаи синаллагматикӣ эътироф карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки дар шартномаи мазкур ҳар ду тараф дорои ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ мебошанд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана расман дар қ. 2 КМ ҶТ боби 35 ва бевосита дар зербоби шартномаи хариду фурӯши чакана, дар м. 560-572 КМ ҶТ мустаҳкам шудаанд.

Баъди таҳлили меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксар уҳдадориҳо дар ин шартнома ба зиммаи фурӯшанда гузошта шудааст ва мақсади ин меъёрҳо бошад, ин ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, тарафи заифи шартнома нигаронида шудааст.

Масалан, фурӯшанда вазифадор аст, ки ба ихтиёри харидор оид ба ашёи барои фурӯш пешниҳодгардида маълумоти зарурӣ ва саҳеҳро гузорад, ки ба талаботи дахлдори муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ё одатан дар савдои чакана пешниҳодшавандаи вобаста ба муҳтаво ва усули пешниҳоди он мувофиқ мебошад ва уҳдадор мебошад, ки ба харидор маълумоти зарурӣ пешниҳод намояд.

Дар адабиёти илмӣ қайд мешавад, ки «дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба истеъмолкунанда доираи васеи ҳуқуқҳо дода шудааст, ҳангоме ки ӯ моли сифатан номатлубро фурӯхта мешаванд» [59, с. 24].

Дар қонунгузории кишвар барои харидор – истеъмолкунанда доираи кафолатҳои зиёдеро ба мақсади ҳимояи ҳуқуқи онҳо муқаррарар намудааст. Масалан, мувофиқи қ. 1 м. 567 КМ ҶТ харидоре, ки ба ӯ ашёи дорои сифати номатлуб фурӯхта шудааст, агар норасоиҳои ашё бо фурӯшанда қайду шарт нагардида бошанд, ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ талаб кунад:

– иваз намудани ашёи дорои сифати номатлуб ба ашёи хушсифат;

– бе таъхир, ба таври ройгон бартараф намудани норасоиҳои ашё;

– ҷуброни хароҷот вобаста ба бартараф намудани норасоиҳои ашё;

– мутаносибан кам кардани нархи харид.

Дар адабиёти илмӣ мавҷудияти ин ҳуқуқҳои истеъмокундаро аз мавқеи ҳимоявӣ доштани истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ки ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон нигоронидааст, маънидод менамоянд [59, с. 24].

Манбаи пайдоиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: а) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, ки дар КМ ҶТ муқаррар гардидааст (мисол, шартҳо оид шартномаи оммавӣ, ашё ва ғайра); б) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, ки дар дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дарҷ ёфтааст (номгӯи ашёҳое, ки иваз ё баргардонида намешаванд, фоизи маблағи ноустуворона ва ғ.).

Санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ барои ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба сифати фурӯшандаи касбӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана

баромад мекунанд уҳдадориҳои иловагиро муқаррар мекунанд, ки аз доираи шартномаи мазкур берунанд. Ин меъёрҳо дорои хислати ҳатмӣ мебошанд.

Ба андешаи В.В. Витрянский меъёрҳое,ки «шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медарорад хусусияти ҳуқуқии оммавӣ доранд. Аз сабаби он, ки яке аз тарафҳои шартномаи баррасишаванда ҳамчун шахси касбие, ки аз фурӯши молҳои худ барои эҳтиёҷоти фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буда фоида ба даст меорад ва қонун нисбат ба фурӯшанда талаботи зиёдтар муқаррар менамояд» [65, с. 87].

Уҳдадории асосии фурӯшанда ба харидор супоридани ашёе мебошад, ки мазмуни асосиаш дар зербоби 2 боби 35 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Барои пурра ва дақиқ муайян намудани мазмуни шартномаи мазкур мебояд, ки дар алоҳидагӣ ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳо дар иртибот бо адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ, амалия ва шартнома таҳлил менамоем. Оғоз мекунем аз фурӯшанда, ки як тарафи шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Дар ин ҷо мо уҳдадориҳои фурӯшандаро баррасӣ мекунем.

Уҳдадориҳои фурӯшандаро дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем:

а). Уҳдадориҳои фурӯшанда , ки то бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меоянд;

б). Уҳдадориҳои фурӯшанда, ки ҳангоми бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меоянд.

Ба уҳдадориҳои фурӯшанда, ки то бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меоянд, инҳо дохил мешавад:

**– Уҳдадории фурӯшанда ба харидор пешниҳод намудани иттилоъ оид ба ашё.** Пешниҳод кардани иттилоъ оид ба ашё яке аз муҳимтарин уҳдадориҳои фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад, ки то бастани шартномаи мазкур ба миён меояд. Аз мазмуни қ. 1 м. 562 КМ ҶТ, бармеояд, ки фурӯшанда уҳдадор аст, ба харидор – истеъмолкунанда оид ба ашёи барои фурӯш пешниҳодгардида иттилои боэътимодро дастрас намояд.

Мувофиқи қ. 2 м. 562 КМ ҶТ «харидор ҳуқуқ дорад то бастани шартнома молро аз назар гузаронад ва агар ин вобаста ба хосияти мол истисно нагардида бошад ва хилофи қоидаҳои дар савдои чакана қабулгардида набошад, дар ҳузӯри он анҷом додани санҷиши хусусияти мол ё намоиши истифодаи молро талаб кунад» [2].

Аз таҳлили ин уҳдадории фурӯшанда оид ба пешниҳод кардани маълумот дар бораи ашё ва меъёри ҳуқуқӣ, ки ин муносибатҳоро ба танзим медарорад, метавон чунин хулоса баровард, ки қонунгузор муносибатҳои пеш аз бастани шартномаро низ ба танзим медарорад, зеро дар ин марҳила шартномаи хариду фурӯши чакана ҳанӯз баста нашудааст ва ашё бошад танҳо пешниҳод карда мешавад. Қонун барои вайрон кардани ин меъёр оид ба ҳуқуки истеъмолкунандагон ба гирифтани маълумот дар бораи ашё дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҷавобгарии ҳуқуқиро барои фурӯшанда муқаррар мекунад.

Ҳамзамон ҳуқуқи гирифтани маълумот оид ба ашё яке аз ҳуқуқҳои муҳимми истеъмолкунанда мебошад. Аз мазмуни м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бармеояд, ки уҳдадории фурӯшанда оид ба пешниҳоди маълумоти зарурӣ ва саҳеҳ дар бораи ашё ба истеъмолкунанда барои имконияти интихоби дурусти ашё таъмин карда мешавад.

Номгӯйи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад» [10].

Маълумотҳои дар номгӯйи мазкур пешбинишуда дар ҳуҷҷатҳои техникии бо ашёҳо замимашаванда, дар барномаҳо, тамғаҳо ё ба воситаҳои дигаре, ки барои навъҳои алоҳидаи ашёҳо қабул шудааст, ба маълумоти харидор расонида мешавад.

Дар баробари ин истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон уҳдадоранд дар бораи пешниҳоди маълумоти зарурӣ ва боэътимод оид ба номи фирмавии (номи) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва низоми кори он, рақами литсензия, муҳлати амали он, инчунин доир ба

мақоме, ки ин литсензияро додааст, маълумот пешниҳод намоянд. Ин уҳдадорӣ, навобаста аз бастан ва ё набастани аҳди мушаххас ҷой дорад. Яъне истеъмолкунанда бояд дорои имконияти гирифтани маълумоти дахлдор то бастани аҳд ва ё умуман то арзи бастани чунин аҳд дошта бошад. Ин маълумотҳо бояд дар шакли аёнӣ ва дастрас бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ба таври илова бо забони русӣ ва дигар забонҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон расонида мешаванд.

Уҳдадории фурӯшанда оид ба пешниҳоди маълумот дар бораи ашё имкон медиҳад, ки харидор ашёро дуруст интихоб намояд. Зеро яке аз ҳуқуқҳои истеъмолкундагон ин ҳуқуқ ба интихоби ашё мебошад. Фурӯшанда бояд ин уҳдадориро тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талабот ба мундариҷа ва усулҳои пешниҳоди харидор бо маълумот дар бораи ашёе, ки одатан дар савдои чакана пешниҳод мешавад, иҷро кунад. Иттилоот ба харидор новобаста аз он ки харидор молро харидорӣ мекунад ё не бояд пешниҳод намояд ва он аз лаҳзаи пешниҳоди дархост пешниҳод карда мешавад. Он бояд аз як тараф пурра бошад, то ки харидор дар бораи хосиятҳои мол, қоидаҳои истифода ва нигоҳдории он тасаввуроти равшан дошта бошад ва аз тарафи дигар, эътибори мувофиқ дошта бошад, то харидор интихоби дуруст карда тавонад.

Бояд зикр намуд, ки пеш аз ба намоиш гузоштани намудҳои алоҳидаи ашёҳо дар ҷойи фурӯш дар шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшанда вазифадор аст, ки омодагии пеш аз фурӯшро анҷом диҳад: аз ҷумла борфурорӣ, ҷобаҷокунӣ, санҷидани сифати маҳсулот, тамғагузорӣ, ҳуҷҷатҳои дахлдор ва иттилоъ, рад, таъмири майда, дар ҳолати зарурӣ ва ғайра. Моле, ки харида мешавад пеш истифода шуда бошад ё камбудиҳояш (камбудиҳо) бартараф карда шуда бошад, дар ин хусус бояд ба харидор иттилоъ дода шавад.

Ашёе, ки барои фурӯш пешниҳод карда мешавад, бояд аз рӯйи намуд, модел, андоза гурӯҳбандӣ карда шуда, дар ҷойи фурӯш намоиш дода шавад. Бо назардошти хусусиятҳои савдо, мумкин аст намунаҳои молҳо намоиш

дода шаванд, ки бояд нишонаҳои мувофиқи тарҳрезишуда дошта бошанд. Маълумот дар бораи моле, ки ба харидор ҳангоми харид пешниҳод карда мешавад, ҳатман бояд нархро бо сомонӣ дар бар гирад.

Ҳамзамон, барои иҷрои дурусти уҳдадории фурӯшанда ба истеъмолкунандагон пешниҳод намудани маълумот оид ба ашё талаботи ҳатмӣ мебошад.

Талаботҳои умумие, ки қонунгузор муқаррар кардааст, он бо мақсади дуруст иҷро намудани уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба пешниҳоди маълумот дар бораи ашё ва фурӯшанда мебошад.

Аввалан, маълумот бояд зарурӣ бошад (ин талаботи пурра бошад ). Яъне маълумотҳои ашёи лозима рӯшану возеҳ ва фаҳмо бошад. Маълумот бояд, ки бо назардошти он пешнҳод карда шавад, ки истеъмолкунанда ҳангоми харидани ашё ҳамчун шахси касбӣ баромад намекунад.

Дувум, барои қонеъ кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда иттилоот, маълумоти ба ӯ пешниҳод гардида бояд саҳеҳ бошад (талабот оид ба саҳеҳии маълумот). Калимаи «саҳеҳ» дар «Фарҳангӣ тафсири забони тоҷикӣ» ба маънои дуруст, рост, бе айбу нуқсон маънидод карда шудааст [108, с. 26].

Ҳамчунин, маълумоти саҳеҳ мувофиқати иттилоот ба воқеият маънидод карда мешавад, яъне иттилооте, ки ба истеъмолкунандагон аз тарафи фурӯшанда пешниҳод мешавад бояд ба ҳолати воқеӣ мувофиқат кунад ва истеъмолкунандаро ба иштибоҳ наандозад, вобаста ба хосиятҳои истеъмолӣ ва сифати он бошад. Ба истеъмолкунанда бояд на танҳо аз хусусиятҳои мусбат ашё, балки аз оқибатҳои эҳтимолии манфии истифодаи он низ огоҳ карда шавад. Масалан, агар ашёи харидаи истеъмолкунанда истифода шуда бошад ё нуқсони (нуқсонҳои) он бартараф шуда бошад, бояд дар ин хусус ба истеъмолкунанда маълумот дода шавад.

Сеюм, иттилоот бояд дар шакли аёнӣ (визуалӣ) ва дастрас ифода карда шавад. Иттилоот бояд дар шакле бошад, ки маънои он барои ҳар як истеъмолкунанда комилан аён (фаҳмо), ҳатто бидуни доштани дониши махсус дар соҳаи дахлдор бошад, зеро истеъмолкунанда, ҳамчун шахси одӣ эътироф карда мешавад. Ҳатто маълумот дар бораи фурӯшанда бояд дар

гӯшаи дастрас ба истеъмолкунанда пешниҳод карда шавад, то ин ки истеъмолкунанда оид ба фурӯшанда маълумоти зарурӣ пайдо намояд.

Чорум, маълумот ба истеъмолкунандагон бояд ба забони тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод гардад. Агар ҳуҷҷатҳои техникии ашё (шиносномаи техникӣ, дастурамали истифода ва ғ.) ба забони хориҷӣ тартиб дода шуда бошанд, тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ ё ба забони русӣ ҳатмист.

Ҳамзамон, қ. 2 м. 2 Конститутсияи ҶТ ва сархти 2 м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» имкон медиҳад, ки иттилоот дар бораи ашё бо забони русӣ низ ба истеъмолкунандагон расонида шавад.

Панҷум, ин талаби умумӣ ба усулҳои расонидани иттилоот ба истеъмолкунанда мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» роҳҳои ба истеъмолкунанда расонидани маълумотро муқаррар намекунад. Усули маъмултарини ба истеъмолкунанда расонидани иттилоот, ин дар гӯшаҳои иттилоотӣ гузоштани маълумот мебошад. Ин усули фаврии расонидани иттилоот ба истеъмолкунанда мебошад.

Истеъмолкунанда аз маълумоти пешбининамудаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои замимашавандаи техникии мол (кор, хизматрасонӣ) дар тамғакоғазҳо, нишонагузорӣ ё ба тарзи дигари барои намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) қабулгардида, огоҳонида мешавад.

Маълумот дар бораи сертификати мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) дар шакли нишонагузории мол (кор, хизматрасонӣ) бо тартиби муқаррарнамудаи аломатҳои мувофиқат ба қайди маълумот дар ҳуҷҷати техникӣ оид ба гузаштани сертификат, рақами сертификат, муҳлати амали он ва доир ба ташкилоте, ки онро додааст, иборат мебошад.

Агар ҳуҷҷатҳои техникии мол (шиносномаи техникӣ, дастурамали истифода ва ғайра) ба забони хориҷӣ тартиб дода шуда бошанд, тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ ё ба забони русӣ ҳатмист.

Ҳангоми фурӯши моле, ки бояд сертификатсияи ҳатмӣ дошта бошад, фурӯшанда харидорро дар бораи сертификатсияи мол огоҳ мекунад.

Ҳамин тариқ, ӯ кафолати боэътимоди манфиатҳои худро дар бозори истеъмолӣ таъмин менамояд. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи

истеъмолкунандагон», дар м. 9 мазмун ва усулҳои ба истеъмолкунанда расонидани маълумотро дар бораи сертификатсияи ҳатмии молҳои аз ҷониби истеҳсолкунанда пешниҳодшавандаро муайян мекунад. Аммо, ӯ ҳеҷ гуна уҳдадориҳои фурӯшандаро дар робита ба савдои чаканаи ашёҳо муқаррар намекунад.

Дар қоидаҳои фурӯши баъзе намудҳои ашёҳо пешбинӣ шудааст, ки фурӯшанда бояд барои тасдиқи далели сертификатсия яке аз ҳуҷҷатҳои зеринро дошта бошад: нусхаи аслии сертификат; нусхаи шаҳодатнома, ки аз ҷониби соҳиби сертификати аслӣ тасдиқ шудааст, нотариус ё мақоми сертификатсияи мол, ки сертификат додааст; ҳуҷҷатҳои интиқолие, ки истеҳсолкунанда ё молрасон (фурӯшанда) дар асоси шаҳодатномаи аслӣ ё нусхаи тасдиқшудаи он дода ва дорои маълумот дар бораи мавҷудияти сертификат барои ҳар як номи маҳсулот бо зикри рақам, мӯҳлати амали он ва мақомоте, ки сертификат додааст. Маълумот дар бораи сертификатсия дар ҳуҷҷатҳои боркашонӣ бояд бо имзо ва муҳри истеҳсолкунанда (молрасон) бо нишон додани суроға ва рақами телефони ӯ тасдиқ карда шавад. Фурӯшандае, ки маҳсулотро бидуни сертификати сифат мефурӯшад, ҳам дар назди мақомоти давлатӣ, ки сифати моли фурӯхташавандаро назорат мекунад ва ҳам аз ҷониби харидорон, дар ҳолатҳои хариди молҳои дорои сифати номатлуб, худро ба хавфи ҷиддӣ дучор мекунад.

– уҳдадорӣ дар хусуси ба фурӯшанда пешниҳод намудани иттилоъ. Фурӯшанда вазифадор аст, ки ба харидор дар бораи худ маълумоти зарурӣ ва боэътимод диҳад. Фурӯшанда бояд ин уҳдадориро тибқи талабот ва усулҳои муқаррарнамудаи қонунҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва одатан дар савдои чакана гузошташуда иҷро мекунад. Фурӯшанда маълумоти нишондодашударо дар лавҳа дар ҷойҳои барои харидор шинос шудан бо он мегузорад. Фурӯшанда – соҳибкори инфиродӣ бояд ба истеъмолкунанда маълумотро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва номи мақомоте, ки онро ба қайд гирифтааст, пешниҳод намояд. Агар фаъолияте, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) анҷом медиҳад иҷозатнома карда шавад, бояд ба истеъмолкунанда оид ба рақами иҷозатнома, мӯҳлати амали он, инчунин

доир ба мақоме, ки ин иҷозатномаро додааст, маълумот пешниҳод намояд.

Ғайр аз маълумот дар бораи номи шахси ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии он, уҳдадории иттилоотӣ оид ба пешниҳоди маълумот дар бораи контрагенти истеъмолкунанда, низоми кори ташкилот бояд нишон дода шавад. Доштани маълумоти зарурӣ ва боэътимод дар бораи номи фирмавии (номи) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва низоми кори онро ба ба истеъмолкунанда имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро сари вақт ҳимоя намояд.

– **уҳдадориҳои фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ки аз шартномаи оммавӣ бармеоянд**. Аз сабаби он ки яке аз тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, фурӯшандаи касбиест, ки аз фурӯши молҳои худ, барои эҳтиёҷоти ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандбуда фоида ба даст меорад, қонун нисбат ба фурӯшанда талаботи зиёдтар муқаррар кардааст.

Шартномаи хариду фурӯши чакана ҳамчун шакли шартномаи оммавӣ мебошад (қ. 2. м. 560 КМ ҶТ).Ҳадафи қонунгузор аз муқаррар кардани меъёрҳои шартномаи оммавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана фаҳмо буда, ин ҳам бошад нишон додани ҳама гуна табъиз, аз далелҳои радди беасоси хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дар соҳаи муомилоти маданӣ мебошад, ки ба манфиатҳои шумораи номаҳдуди шаҳрвандон дахл доранд. Вобаста ба шартномаҳои оммавӣ эътироф кардани шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, аз ҷумла доир ба шартномаи хариду фурӯши чакана андешаҳои гуногун ҷой доранд.

Л.В. Пашатская қайд менамояд, ки «дар робита бо маҳдудиятҳо, шартномаи хариду фурӯши чакана – ин шартномаи оммавӣ эътироф намудани он мебошад. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бештар ҳуқуқҳои фурӯшанда маҳдуд аст, зеро ҳангоми муайян кардани шартҳои шартномаи ҳуқуқҳои фурӯшанда маҳдуд мегардад» [159, с. 23]

Маҳдуд сохтани озодӣ ташкилоти тиҷоратӣ дар бастани шартнома ва интихоби контрагентро метавон чун ҳифзи манфиати дигар тараф аз нигоҳи иқтисодӣ камиқтидор тавзеҳ дод. Тартиби дигар метавонист маънои камтар

кардани аҳаммияти озодии конститутсионии шартнома дошта, нобаробариро ба миён овард, ки аз нигоҳи талаботи адолат иҷозат дода намешавад [81, с. 922].

**Гурӯҳи дуюми уҳдадории фурӯшанда, ин ҳангоми бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меоянд.** Ба ин уҳдадориҳои зерини фурӯшанда дар назди харидор дохил мешаванд:

– уҳдадории фурӯшанда оид ашёро бо сифати матлуб, комплект (маҷмуъ) агар чунин тартиб пешбинӣ шуда бошад, дар ҳолатҳои зарурӣ, лозима дар зарф борпеч бо ҳаммаи ҳуҷҷатҳои ба ӯ тааллуқдошта пешниҳод намудан.

Мувофиқи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмол-кунандагон», «фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда моле фурӯшад (кореро иҷро намояд, хизмате расонад), ки сифат ва миқдори он ба шартнома мувофиқ бошад». Пеш аз ҳама зарур аст, ки ба мафҳумҳои асосӣ рӯ овард. Барои дарки моҳияти сифати мо бояд калимаи «сифат»-ро маъниндод намоем. Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи «сифат» маънои хусусияти аз дигарҳо фарқкунандаи касе ё чизе, бартарӣ, дараҷаи бакороии чизе, чигунагӣ, ба сифат ҳамчун, ба монанд, хосият, хислат, кайфият, хусусият,чигунагӣ, хусусият ва мансубияти ашёро ифода мекунад.

Ҳамчунин, дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» омадааст: «Сифати мол (кор, хизматрасонӣ) – маҷмуи хусусиятҳои моле (коре, хизматрасоние) ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи иттилоотии завқӣ ва ғайра)-ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад» [10].

Мутаносибан сифати ашё аз мутобиқатии шартҳои шартнома вобаста аст. Маҳз дар марҳилаи бастани шартнома тарафҳо бояд мутобиқати шартҳои сифати ашё, инчунин шартҳои дигари шартномаро, ки ба таъмини сифати ашё ва кафолати бадастории онҳо мусоидат мекунанд, ҳаматарафа ҳал намоянд.

Ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш тарафҳои он бояд дар шартнома талаботи мушаххасро нисбати сифати мол ва шартҳое, ки ба таъмини он мусоидат мекунанд, муфассал ифода намоянд. Хусусан дар шартномаи хариду фурӯш бояд талаботҳои зерин пешбинӣ шаванд: сифати мол, нархи мол, қабули мол аз рӯйи сифат, тамғагузории мол.

Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои сифати ашё пешниҳод шудааст. П.З. Мирзозода истилоҳи сифати мол, кор ва хизматро таҳқиқ карда, чунин ақида пешниҳод менамояд, ки «сифат – ин маҷмуи хусусиятҳо, аломати мол ва хизмат мебошад, ки қобилияти онҳоро вобаста ба қонеъ намудани талаботҳо ва дархости истеъмолкунанда, ба таъиноти худ ва талаботҳои пешниҳодшуда мувофиқ намудан таносуб мекунад» [135, с. 257].

Ба андешаи А.М. Эрделевский сифати мол, маҷмуи хусусиятҳо, тарзҳои қонеъгардонии талаботи истеъмолии инсон дар соҳаи фаъолияти муайяни инсон мебошад [115, с. 27].

Дар КМ ҶТ, инчунин дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ талаботи муайян ба сифати ашё пешбинӣ шудаанд, ки онҳоро тарафҳо метавонанд ҳангоми бастани шартнома истифода баранд ва ба меъёри шартнома табдил диҳанд.

Аз ҷумла, талабот ба сифати ашё ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш дар м. 537 КМ ҶТ муқаррар шудааст ва фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор молеро супорад, ки сифати он ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш мувофиқат мекунад.

Ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш ба мувофиқ расии тарафҳо оид ба супориши техникӣ аҳаммияти калон дорад, ки дар он харидор тала-ботҳои барояш зарурии сифати ашёро нишон медиҳад.

Талабот ба сифати ашё унсури ҳатмии созишномаҳои басташаванда ба ҳисоб меравад, бе онҳо мавҷудияти уҳдадориҳо маъно надорад.

Аз муқаррароти қонуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бармеояд, ки ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ), фурӯшанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст барои мақсадҳое, ки чунин мол (кор, хизматрасонӣ) одатан истифода мешавад, ба

истеъмолкунанда мол фурӯшад (корро иҷро намояд, хизмат расонад).

Ҳангоми фурӯши ашё аз рӯйи намуна ва ё тавсиф фурӯшанда уҳдадор аст ба истеъмолкунанда ашёи ба намуна ва ё тавсиф мувофиқро фурӯшад.

Агар бо стандарт нисбати сифати мол (кор, хизматрасонӣ) талаботи ҳатмӣ пешбинӣ шуда бошад, фурӯшанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст ба истеъмолкунанда молеро супорад (коре, хизматеро ба ҷо оварад), ки он мувофиқи ин талабот бошад. Категорияи сифати молро дар шартномаи хариду фурӯши чакана таҳлил намуда, метавон дид, ки сифати мол метавонад ба матлуб ва номатлуб ҷудо шавад.

Сифати ашё – ин маҷмуи хусусиятҳои ашё, ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи иттилооти завқӣ ва ғайра)-ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад.

Ба андешаи Н.Ю. Хорошавина «сифати матлуби мол, ҳамчун мавзуи шартномаи хариду фурӯш чакана, ин категорияи субъективӣ мебошад, чунки як мол метвонад дар ҳолатҳои алоҳида, аз тарафи харидорони алоҳида сифати матлуби мол, хусусиятҳои гуногуни мол арзёбӣ гардад» [166, с. 132].

Ба андешаи мо сифати матлуби ашё, ин ҳамон мафҳуми сифати ашёе мебошад, ки қонунгузорӣ нисбати ашёи фурӯхташуда ҳангоми хариду фурӯши он муқаррар кардааст.

Дар қ. 1 м. 569 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки « харидоре, ки ба ӯ моли сифатан номатлуб фурӯхта шудааст ва агар норасоиҳои он бо фурӯшанда қайду шарт нагардида бошанд, ҳуқуқ дорад бо интихоби худ талаб кунад ки моли сифатан номатлубро бо моли хушсифат иваз намояд» [2].

Таҳлили қонунгузории кишвар нишон медиҳад, ки мафҳуми ибораҳои «моли хушсифат», «моли дорои сифати матлуб», «моли сифатан номатлуб» шарҳ дода нашудааст.

Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ», калимаи «хуш» чунин тафсир дода шудааст: «хуб, нек, некӯ, зебо, дилкаш, ширин, форам». Калимаи

«хушсифат» ба маънои «моли хуб, неку, зебо, дилкаш» маънидод шудааст. Моли хушсифат дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ба маънои ашёи дорои сифати матлубро дар назар дорад.

Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана уҳдадор аст ба истеъмолкунанда ашёе фурӯшад, ки сифат ва миқдори он ба шартнома мувофиқ бошад (қ. 1 м. 537 КМ ҶТ).

Азбаски шартномаи хариду фурӯши чакана ба гурӯҳи шартномаҳои ҳамроҳшавӣ дохил мешавад, харидор дар муайян кардани шарти шартнома оид ба сифати ашё иштирок намекунад, балки он шартҳоро қабул мекунад ва ин як тарафи шартнома эътироф мешавад. Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана уҳдадор мебошад, ки ашёи сифатан дахлдорро ба харидор пешниҳод намояд. Харидор аз фурӯшанда ҳамон сифати ашёро талаб карда метавонад, ки сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбати сифати он пешбинӣ намудаанд.

Дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, ки «истифодаи сифати ашё бо роҳи истинод ба стандарти дахлдор, усули нисбатан паҳнгардида дар муомилоти молӣ ба ҳисоб меравад. Стандартикунонии мол имкон медиҳад, ки сифати он дар сатҳи баланди касбӣ муайян карда шавад ва дар баробари ин ба тавсифи аз ҳад зиёд роҳ дода нашавад» [73, с. 23].

Стандарти давлатӣ санади танзими техникие мебошад, ки мақомоти ваколатдори давлатии ҶТ оид ба стандартонӣ таҳия ва тасдиқ намудааст. Мол аслан бояд ба стандартҳои давлатӣ ҷавобгӯ бошанд. Дар қ. 1 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартонӣ», муқаррар шудааст: «Стандарт – ҳуҷҷате мебошад, ки қоидаҳо, дастур ё тавсифҳои барои истифодаи умумӣ ё бисёркарата таъиншударо нисбати мол ё раванду усулҳои бо он алоқаманди истеҳсолро муайян мекунад, ки интихоби онҳо бо мақсади истифода ихтиёрист. Стандарт, инчунин метавонад талаботро ба истилоҳот, аломат, борпечкунӣ, тамғагузорӣ ва тамғакоғаз то дараҷае, ки нисбати мол, раванд ё усули истеҳсолот татбиқ мегарданд, дар худ дохил намояд ё дар бар гирад» [22].

Дар сархати 5 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» аз 19 майи соли 2009, №522 омадааст, ки «регламенти техникӣ санади меъёрии техникиест, ки дар ҷараёни бамеъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста ба бехатарии маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигаҳдошт, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар мекунад» [23].

Бар хилофи стандарти техникӣ, регламенти техникӣ асосан барои риояи талаботи техникӣ муқаррар карда мешавад, ки бо бехатарии ашё алоқаманд аст. Дар ин замина қайд намудан зарур аст, ки ашё бояд дорои хусусиятҳое бошад, ки барои ҳаёт, саломатӣ, моли харидор, инчунин барои муҳити зист хатарнок намебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи шартномаи хариду фурӯши чакана, мафҳуми «сифати мол» бо мафҳуми «бехатарии мол» зич алоқаманд аст.

Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи «бехатар» маънои «ғайрихатарнок, эмин аз хавфу хатар, бехатар мондан, бехатар шудан маънидод шудааст» [107, с. 253]. Бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист ҳангоми истифода, нигаҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии он, инчунин бехатарии ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобастагӣ дорад [10].

Дар баробари ин дар адабиёти илмӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки бехатарии мол ҳамчун хусусияти пурарзиш бояд баррасӣ карда шавад, ки ба ҳайати мафҳуми ҳуқуқии сифат дохил аст. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки бехатарии мол хусусияти ҷудонашавандаи ҳама гуна мол аст ва ҷузъи таркибии сифатро ташкил медиҳад. Набудани чунин хусусиятҳо, аз қабили бехатарӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мол бесифат аст [164, с. 78].

Дар баробари ин нуқтаи назарро оид ба он, ки ҳама гуна моли босифати аз ҷониби харидор харидоришаванда ҳамзамон бехатар аст ва дар баробари ин на ҳама моли бехатари харидоришуда босифат буда метавонад, дуруст меҳисобем [157, с. 14] .

Ҳамин тавр, бехатарии маҳсулот шарти маҳсулотест, ки истифодаи он дар шароити муқаррарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва ихтиёрдории он имконпазир аст ва дар он хавфи ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист зарар нарасидан вуҷуд дорад.

Талаботе, ки бехатарии маҳсулотро барои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда, муҳити зист, инчунин пешгирии зарар ба моликияти ӯро таъмин мекунад, ҳатмӣ мебошад ва бо қонун ё бо тартиби муқарраркардаи он муайян карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки КМ ҶТ мафҳуми бехатарии мол ва ҳам меъёри муайянкунии онро надодааст. Масъалаи мазкур бо Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии озуқаворӣ», ки аз 1 августи соли 2012 [24] қабул шудааст, танзим карда мешавад.

Масъалаи сифат ва микдори ашё асосӣ буда, зери назорати Ҳукумати ҶТ қарор дорад ва як қатор санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд. Ба монанди Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи номгӯйи молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, аз 18 июни соли 2012, №310 Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи ҳимояи бозори истеъмолии ҶТ аз воридшавии молҳои бесифат, ки аз 26.01.2008, №47 қабул карда шудааст.

Ҳуҷҷати тасдиққунадаи сифати мол ба стандарти дахлдор, ин сертифакати мол мебошад. Уҳдадории асосии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба харидор пешниҳод намудани моли дорои сифат, мукаммал, маҷмӯаи мувофиқ, агар бошад ва дар ҳолати зарурӣ дар контейнер ва бастабандӣ мувофиқ бо ҳама ҳуҷҷатҳо ва замимаҳои марбут ба мол иборат бошад, озод аз ҳуқуқҳои шахсони сеюм (яъне, бо риояи қоидаҳои умумии фурӯш ва харид).

Сифати молҳои додашуда ҳамчун мутобиқати хосиятҳои он ба сатҳи талаботҳои шартнома ё қонун, инчунин маҷмуи аломатҳое мебошанд, ки мувофиқати онро барои истифодаи таъиншуда муайян мекунанд. Сифати молро пеш аз ҳама шартнома муайян мекунад. Агар дар он ягон шароити сифат мавҷуд набошад, фурӯшанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда маҳсулоти барои мақсадҳои барои он истифода бурдани чунин маҳсулотро

мувофиқ супорад.

Агар тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба сифати моли фурӯхташаванда талаботи ҳатмӣ пешниҳод гардида бошад, дар ин сурат фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, вазифадор аст ба харидор моли ба ин талабот мувофиқро супорад.

Аксар вақт қонун талаботи ҳатмиро барои сифати мол дар шакли стандартҳои дахлдор муқаррар мекунад. Инҳо талаботеро дар бар мегиранд, ки ба таъмини бехатарӣ, ҳаёт, саломатӣ ва моликият, ҳифзи муҳити зист, мувофиқати техникӣ ва иттилоотӣ, ивазшавии мол, якрангии усулҳои назорат ва тамғагузории онҳо ва ғайра мебошанд. Стандартҳо шакли аз ҳама мувофиқи иттилоот мебошанд ва дар фаъолияти ҳаррӯзаи ҷомеа васеъ истифода мешаванд. Стандартикунонӣ ба он кумак мерасонад, ки натиҷаҳои кори як вақтҳо хуб анҷомдодашуда баъдан аз ҷониби ҳамаи онҳое, ки бо чунин вазъ рӯ ба рӯ мешаванд, ноил шаванд. Бо тасдиқи талаботи ҳатмӣ ба сифати мол ва фурӯшандаҳоро барои татбиқ ва риояи онҳо уҳдадор кардан, давлат ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагонро, ки ин молҳоро истифода мебаранд, муҳофизат мекунад.

Барои тасдиқи мутобиқати сифати ашё ба стандартҳои давлатӣ сертификатҳо мавҷуданд. Агар тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба сифати ашёи фурӯхташаванда талаботи ҳатмӣ пешниҳод гардида бошад, дар ин сурат фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, вазифадор аст, ба харидор ашёи ба ин талабот мувофиқро супорад.

Бо мувофиқаи тарафҳо, баланд бардоштани муттасили сифати мол дар давраи шартнома пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

Ҳамин тариқ, бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ таъсири фаъол мерасонад. Шартнома ҳамчун воситаи муайян кардани нишондиҳандаҳои сифатии баъзе намудҳои маҳсулот хизмат мекунад.

Тавре ки маълум аст, шартномаи хариду фурӯши чакана дар аксар ҳолатҳо шифоҳӣ баста мешавад. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои сифатии мол, вобаста аз хусусияти онҳо, бо роҳи нишон додани нишондиҳандаҳои

мушаххас ё бо ишора ба санади дахлдор дар худи мол, зарфҳо, бастабандӣ ё дар шиносномаҳои техникии ба мол замимашуда, дастурамалҳо ва дастурҳои истифода, тавсиф ва ғайра муайян карда мешаванд.

Масъалаи кафолати сифат барои моли фурӯхташуда мубрам мебошад. Мазмуни кафолат аз нуқсонҳои мол дар м. 538 КМ ҶТ муайян карда шудааст. Сифати кафолатдодашудаи фурӯшанда бояд ҳангоми супоридани мол дастрас бошад ва дар муддати муайян боқӣ монад.

Кафолатҳо оид ба камбудиҳои сифати мол дар адабиёт ба қонунӣ ва шартномавӣ тақсим карда мешаванд. Моҳияти кафолати ҳуқуқӣ дар он аст, ки мол бояд ҳангоми ба харидор супоридани талабот ба сифати он, агар лаҳзаи дигаре барои муайян кардани мутобиқати мол ба ин талабот дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад ва ин давра бояд барои мақсадҳое истифода шавад, ки одатан ин гуна молҳоро истифода мебаранд.

Харидор тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқ дорад ба фурӯшанда нисбати камбудиҳои мол талаботҳои зикршуда пешниҳод кунад, агар онҳо дар давоми муҳлати кафолат ё муҳлати истифодаашон ошкор карда шаванд.

Меъёри кафолати шартномавӣ пешбинӣ менамояд, ки кафолати сифати моле, ки дар шартнома муқаррар шудааст, фурӯшандаро вазифадор мекунад, ки молро ба харидор, ки бояд ба сифати он ҷавобгӯ бошад, дар муҳлати кафолати дар шартнома пешбинишуда супорад. Агар фурӯшанда ба харидор кафолати шартномавӣ диҳад, муҳлати кафолат бояд аз лаҳзаи ба харидор супурдани мол ҳисоб карда шавад, агар дар шартнома лаҳзаи гуногуни ибтидоии муҳлати кафолат пешбинӣ нашуда бошад.

Муҳлати кафолати маҳсулоти таркибӣ ба муҳлати кафолати маҳсулоти асосӣ баробарดониста мешавад ва ҳамзамон бо муҳлати кафолати маҳсулоти асосӣ ҷараён мегирад. Агар дар давоми муҳлати кафолат харидор камбудиҳои моли интиқолшударо ошкор кунад ва фурӯшанда бо дархости харидор онро иваз кунад, барои моли нав интиқолёфта муҳлати кафолат ба ҳамон муҳлат муқаррар карда мешавад. Қоидаҳои дигар метавонанд дар шартномаи фурӯши чакана пешбинӣ карда шаванд.

Нишонаҳои иҷрои дурусти шарт дар бораи пуррагии молҳо инҳоянд: мувофиқати мавзуи шартнома ба талабот барои пайвасткунӣ; супоридани ҳамзамони пурраи ашё, агар тартиби дигаре дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад; ниёзе ба пардохти махсуси иловагии қисмҳое надорад, ки қисми ашёи мукаммал мебошанд.

Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор молро, ба истисснои молҳое, ки мувофиқи хосияти худ зарф ва (ё) борпечро тақозо намекунанд, дар зарф ва (ё) таҳти борпеч диҳад. Барои ҳифзи моли фурӯхташаванда ҳангоми интиқол ва нигоҳдорӣ, нигоҳ доштани намуди эстетикии онҳо, мол аз ҷониби фурӯшандаи чакана дар контейнерҳо ва (ё) бастабандӣ дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳои фурӯши молҳое, ки табиати худ инро талаб намекунад. Дар акси ҳол, он метавонад дар шартномаи хариду фурӯши чакана пешбинӣ карда шавад ё аз моҳияти уҳдадорӣ муайян гардад.

Талабот барои борпечи мол ё бастабандии мол дар шартномаи фурӯши чакана муайян карда мешавад. Дар ҳолати мавҷуд набудани шароити дахлдори шартнома, мол бояд ба тарзи маъмулӣ барои чунин молҳо баста шавад ва ё дар ҳар сурат, тавре бошад, ки бехатарии онро дар шароити муқаррарии нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақл таъмин кунад. Одатан, мол аз ҷониби фурӯшанда ройгон бастабандӣ карда мешавад (истисно метавонад махсус бошад, масалан, печонидани туҳфаҳо бо сифати беҳтаршуда). Агар ҳангоми фурӯши ашёи калонҳаҷм харидор хоҳиш кунад, ки онҳоро дар зарфи махсус ҷой диҳад, пас фурӯшанда ҳуқуқ дорад пардохти онро барои алоҳида аз нархи муқарраршудаи мол талаб кунад. Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки бо мол супорида дода мешаванд, бо мол муайян карда мешавад. Ба он масалан, шаҳодатномаи сифат, дастур оид ба истифода, таъмир, нигоҳдорӣ, шиносномаи техникӣ, дастури васлкунии маҳсулот ва ғайра дохил мешаванд. Ин уҳдадорӣ ҳангоми фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати техникӣ мураккаб (асбобҳои рӯзгор, компютер ва ғ.), ки истифодаи онҳо бидуни маълумоти мувофиқ одатан мушкилот ба бор меорад. Лавозимот ҳамчун

чизҳое фаҳмида мешаванд, ки аҳаммияти мустақили иқтисодӣ надоранд ва барои истифодаи чизҳои асосӣ тарҳрезӣ шудаанд, вале бо онҳо алоқамандии конструктивӣ надоранд (масалан: ҷавононе, ки барои ҷамъоварии молҳо пешбинӣ шудаанд ва ғайра.).

Аз таҳлили меъёрҳои м. 560 КМ ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана уҳдадор аст ашёро ба харидор дар ҷой фурӯш супорад.

Дар шартнома, инчунин бояд муҳлати иҷрои ин уҳдадорӣ муқаррар карда шавад, вагарна мол бояд дар муҳлати оқилона пас аз гирифтани талаби харидор расонида шавад. Шартномаи хариду фурӯши чакана, ки бояд таҳвили молро пешбинӣ кунад, тибқи қоидаи умумӣ аз лаҳзаи ба харидор супурдани мол ва дар сурати набудани он ба ҳар шахсе, ки квитансия ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи бастани шартнома ё бақайдгирии таҳвили молро пешниҳод кардааст, иҷрошуда ҳисобида мешавад.

Фурӯшанда уҳдадор аст, ки бо харидор – истеъмолкунанда тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана ҳатман чеки мол ё чеки хазинадориро ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ супорад.

Ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) уҳдадор аст, ки ба истеъмолкунанда чеки мол ва чеки хазинадориро диҳад. Дар сурати пешниҳод накардани чеки мол ва чеки хазинадорӣ, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) тибқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Фурӯшандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана метавонанд ҳисоббаробаркуниро нақдӣ ва (ё) ҳисоббаробаркуниро ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ бидуни истифодаи мошинҳои назоратию хазинавӣ дар ҳолати хизматрасонӣ ба аҳолӣ анҷом диҳанд, ба шарте ки онҳо шаклҳои дахлдори ҳисоботи қатъиро пешниҳод кунанд**.**

Имрӯз усули фосилавии фурӯши чаканаи ашёҳо хеле паҳн шудааст. Ҳангоми фурӯш аз рӯйи намуна ё тавре, ки тавсиф шудааст, фурӯшанда

вазифадор аст ба харидор моли ба ин намуна ё тавсиф мувофиқро супорад. Намуна ҳамчун маҳсулоте мебошад, ки дар як толори фурӯш барои шиносоӣ бо харидорон ва фурӯши маҳсулоти ба онҳо якхела намоиш дода мешавад. Ҳамин мақсад тавсифи маҳсулот, тасвири он дар каталогҳо мебошад. Шартнома дар асоси шиносоӣ бо намунаҳои мол ё тавсифи онҳо, ки дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳои дар аксҳо пешниҳодшуда, тавассути васоити алоқа ва дигар маводҳои иттилоотӣ, инчунин дар таблиғоти фурӯши молҳо баста мешавад.

Дар баробари уҳдадори фурӯшанда, бояд баъзе аз ҳуқуқҳои фурӯшандаро дар шартномаи хариду фурӯши чакана қайд намояд, ки онро қонун ҳамчун тарафи шартнома ба ӯ додааст. Аз ҷумла, фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқ дорад:

– пеш аз бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, шакл ва усули шартномаи хариду фурӯши чаканаро интихоб намояд. Шакли фурӯши чакана дар назар дорад объектҳои доимии савдо ё объектҳои саёри савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии воситаҳои худкор ва дигар шаклҳои фурӯши мол).

– ҳуқуқ дорад, ки мол ва фаъолияти худро реклама намояд, ки он бояд ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» ҷавобгӯ бошад. Дар м. 2 қонуни мазкур омадааст: «Реклама – иттилооте, ки дар дар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, хислати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо дошта, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд» [34]. Реклама ба фурӯшанда кӯмак мекунад, ки харидоронро ба маҳалли тиҷорати худ ҷалб кунад, ба намудҳои молҳои пешниҳодкардаи ӯ таваҷҷуҳ зоҳир кунад. Реклама бояд номуносиб набошад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» фурӯшанда ҳуқуқ дорад мустақилона реҷаи кории ташкилоти савдоро муқаррар кунад.

– ҳуқуқ дорад бо назардошти шароити бозор, сифат ва хусусиятҳои истеъмолии молҳо ва хизматрасониҳо, нархҳо ва тарифҳои чаканаи молҳои пешниҳодшударо муқаррар кунад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки барои фароҳам овардани шароити баробари фаъолият барои ҳамаи соҳибкорон, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» фаъолияти иқтисодӣ, ки ба монополия ва рақобати беинсофона равона карда шудааст, иҷозат намедиҳад, аз ҷумла, муқаррар намудани нархҳои баланд (паст)-и монополистии молҳои фурӯхтаро манъ мекунад. Нархҳо барои баъзе намудҳои мол аз ҷониби давлат муқаррар ва танзим карда мешаванд ва аз ин рӯ, барои фурӯшанда ҳатмӣ мешавад.

– муҳлати кафолати молро муқаррар намояд, яъне муҳлате, ки дар давоми он ҳангоми норасоии мол фурӯшанда вазифадор аст талаботи истеъмолкунандаро, ки дар қонун ва ё шартнома муқаррар шудааст, иҷро кунад, агар муҳлати кафолат аз ҷониби истеҳсолкунанда пешбинӣ нашуда бошад. Агар муҳлати кафолат аз ҷониби истеҳсолкунанда муқаррар карда шуда бошад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад муҳлати кафолатро аз муҳлати муқарраркардаи истеҳсолкунанда зиёдтар таъин кунад. Шартномаи хариду фурӯши чакана бо усули ҳисоббаробаркунӣ ба категорияи шартномаҳои пайвастшавӣ тааллуқ дорад.

– ҳуқуқи муайян кардани шартҳои шартномаро дорад ва харидор аз имконияти иштирок дар таҳияи шартҳои шартнома маҳрум аст ва онҳоро танҳо бо пешниҳоди контрагент қабул карда метавонад.

– ҳуқуқи талаби иҷрои уҳдадори аз ҷониби харидор. Пас аз бастани шартнома, фурӯшанда ҳуқуқ дорад аз харидор иҷрои уҳдадориҳои худро талаб кунад ва номбар кунад: 1) қабули ашё, ба истиснои ҳолатҳое, ки харидор ҳуқуқ дорад иваз кардани молро талаб кунад ё аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад. Агар харидор аз қабули мол саркашӣ кунад, фурӯшанда, инчунин ҳуқуқ дорад шартномаи хариду фурӯши чаканаро бекор кунад; 2) пардохт барои ашёи додашуда ё баргардонидани моли пардохтнашуда. Аён аст, ки ин ҳуқуқ танҳо барои он шартномаҳое дахл дорад, ки дар онҳо лаҳзаи бастан ва лаҳзаи иҷро ба ҳам мувофиқат

намекунанд.

Ғайр аз он, шартномаи хариду фурӯши чакана бо қарз метавонад пешбинӣ кунад, ки фурӯшанда моликияти молро то пардохти пурра нигоҳ медорад. Ғайр аз ин, мо дар бораи уҳдадориҳои фурӯшанда вобаста ба иҷрои номатлуби шартнома суҳбат хоҳем кард.

Агар харидор талаботро оид ба огоҳ кардани фурӯшанда дар бораи иҷрои номатлуби шартномаи хариду фурӯши чакана иҷро накунад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад аз қонеъ кардани қариб ҳамаи талаботҳои харидор ба пуррагӣ ё қисман даст кашад, ба истисноии талабот оид ба паст кардани нархи мутаносиб. Барои ин фурӯшанда бояд исбот кунад, ки аз харидор нагирифтани маълумоти дахлдор дар бораи ба шартҳои шартнома мувофиқат накардани мол боиси ғайриимкон будани қонеъ гардонидани талаботи харидор мегардад ё боиси фурӯшанда нисбат ба хароҷоти номутаносиб мегардад, ки ӯ сари вақт дар бораи вайрон кардани шартнома огоҳ карда шудааст.

Харидор ҳуқуқ дорад қабули мол ё иваз кардани молро рад кунад, агар он ба харидор мувофиқат накунад (дар ҳаҷм, ранг ва ғайра.). Агар муҳлати мубодилаи мол тибқи қонун муқарраршуда (14 рӯз) гузашта бошад, агар он дар истифода буд, хосиятҳои истеъмолии худро нигоҳ надошт, савдоро гум кард ва агар ягон далели бастани шартномаи хариду фурӯши чакана мавҷуд набошад. Инчунин, қайд кардан муҳим аст, ки танҳо молҳои ғайриозуқа мавриди мубодила қарор мегиранд ва номгӯйи онҳо маҳдуд аст.

Номгӯйи молҳое ки талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз кардани онҳо бояд қонеъ гардонида шаванд дар Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истъмолкунандагон»« аз 6 июни соли 2005, №209 пешбинӣ шудааст.

Аз таҳқиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои фурӯшанда метавон хулоса баровард, ки дар қонунгузории ҶТ ҷиҳати муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо тарафҳо номукамал мебошад.

Ба назари мо, ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар як санади ягонаи меъёрӣ ба

низом дароварда нашудаанд, дар онҳо зиддиятҳо ва мушкилоти мухталиф ба миён меоянд дар татбиқи қонун душвории муайян ба бор меоранд.

Дар баробари фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ҳамчун тараф низ ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дорад. Харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана чунин уҳдадории субъективӣ дорад:

– огоҳ намудани фурӯшанда дар хусуси номатлуб иҷро кардани шартномаи хариду фурӯши чакана;

– ашёи ба ӯ додашударо қабул намояд;

– нархи (арзиши) ашёро ба фурӯшанда пардозад.

Ҳуқуқҳои харидор ҳамчун истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар баробари КМ ҶТ, бо тариқи муфассал дар м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» ба танзим даровара шудааст. Дар ин қонун ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ба умумӣ ва махсус тасниф намуда, қонунгузор дар маҷмуъ чунин ҳуқуқҳои онҳоро нишон додааст:

– ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;

– ба маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он;

– ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);

– ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ);

– ба сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ);

– ба товони пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст;

– ба суд ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ муроҷиат намояд;

– ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон;

– ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда) [10].

С.В. Алексеевич қайд менамояд, ки ҳуқуқи истеъмолкунандаро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) Ҳуқуқҳои умумии истеъмолкунанда;

2) Ҳуқуқҳои махсуси истеъмолкунанда.

Ба ҳуқуқҳои умумии истемолкунанда – ин ҳуқуқ ба маърифатнокӣ, сифат ва миқдори хизматрасонӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати муқаррар намудани муҳлатҳои хизмат, коршоямӣ ва кафолати мол (кор); ҳуқуқи истеъмолкунанда ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи ҳуқуқҳои махсуси истеъмолкунанда бошад, ҳуқуқ ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ); маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ); ҳуқуқи истеъмолкунанда ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро дохил мекунад [117, с. 13].

Инчунин харидор ҳуқуқи иваз кардани ашёи сифатан матлубро дорад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшанда ва харидор дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд.

## 2.4. Хусусиятҳои тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана

Бояд гуфт, ки нисбати тартиби бастани ин шартнома қоидаҳои умумӣ оид ба тартиби бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ паҳн мегардад. Мутобиқи КМ ҶТ шартнома бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома), аз ҷониби як тараф ва аксепти он (қабули пешниҳод), аз ҷониби тарафи дигар, баста мешавад.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ – ин натиҷаи созиши тарафҳо аз рӯйи ҳамаи шартҳои шартнома мебошад, ки тибқи шакли дахлдор тартиб дода шуда, ба қонунгузории маданӣ асос меёбад» [156, с. 67].

Аз муқаррароти қ. 2 м. 498 КМ ҶТ бармеояд, ки «шартнома басташуда дониста мешавад, агар байни тарафҳо мувофиқи шакле, ки дар ҳолатҳои дахлдор талаб карда мешавад, аз рӯйи ҳамаи шартҳои муҳимми шартнома созиш ба вуҷуд омада бошад» [2]. Аз таҳлили ин меъёр бармеояд, ки барои бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ риояи ду шарти ҳатмӣ пешбинӣ шудааст: 1) риояи шакли шартнома; 2) ба созиш омадани тарафҳо оид ба ҳама шартҳои муҳимми шартнома.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегарадад, ки шартномаи ҳуқуқи маданӣ ҳамон вақт басташуда дониста мешавад, ки агар байни тарафҳо оид ба ҳамаи шартҳои муҳимми он созиш ба даст омада бошанд [100, с. 43].

Вобаста ба тартиби бастани шартномаи хариду фурӯш чакана бояд, ки фарқияти байни истилоҳҳои «лаҳзаи бастани шартнома», «шакли бастани шартнома» ва «иҷрои шартнома»-ро ҷудо намудан зарур мебошад.

Лаҳзаи бастани шартнома аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки мувофиқи қонунгузорӣ эътибори қонунӣ пайдо намудани шартнома, ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо бо он алоқаманд мебошад. Тартиби бастани ҳар гуна шартномаи ҳуқуқи маданӣ аз ду марҳила иборат мебошад, аввал ин пешниҳоди оферта ва дувум бошад, ин аксепт – қабули пешниҳод мебошад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана ба гурӯҳи шартномаҳои консенсуалӣ дохил мешавад, чунки шартнома аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳои шартнома оид ба шартҳои муҳимми шартнома басташуда ба ҳисоб меравад. Тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана дорои хусусиятҳои хос буда, бо ин хусусиятҳои фарқкунанда аз дигар шартномаҳои хариду фурӯш фарқ мекунад.

Аввалан хусусияти бастани шартномаи хариду фурӯши чакана дар усули бастани ин шартнома, ин ҳам бошад бо роҳи ҳамроҳшавӣ ва таҳияи шартҳои он ифода меёбад. Дар шартномаи ҳамроҳшавӣ шартҳои онро як тараф дар шакли муайян ё дигар шакли стандартӣ пешниҳод намудааст ва онро тарафи дигар танҳо бо роҳи пурра ҳамроҳ шудан ба шартномаи пешниҳодгардида қабул мекунад. (қ. 1 м. 490 КМ ҶТ).

Бинобар ин, ҳангоми бастани шартномаи ҳамроҳшавӣ шартҳои шартнома муқаррар карда мешавад, ки танҳо як тараф, огоҳ кунад, тарафи дигар метавонад, барои бастани чунин шартнома, танҳо бо ин шартҳо розӣ шуда, онро қабул намояд ва ӯ аз имконияти тағйир додани ин шартҳои шартнома маҳрум мебошад. Дар шартномаи мазкур фурӯшанда ҳамеша ташаббус гирифта, ба харидор ашёро пешниҳод мекунад ва харидор бошад, шартҳои пешниҳодкардаи фурӯшандаро қабул карда, бо ин ба шартнома ҳамроҳ мешавад.

Аз мазмуни қ. 1 м. 490 КМ ҶТ бармеояд, ки ҳангоми бастани шартномаи ҳамроҳшвӣ шакли муайян ё дигар шакли стандартӣ истифода мешавад. Дар ин ҷо сухан танҳо дар бораи шакли хаттии бастани шартномаи хариду фурӯши чакана меравад.

Ҳангоме ки ҳамин шартнома шифоҳӣ баста шавад, бо шарти он муайян кардан мумкин аст, ки: таҳияи нархномаро таъмин намояд, иттилоот оид ба пешниҳод намояд, дар маҷмуъ, ҳуҷҷатҳои ба ашё тааллуқдоштаро пешниҳод намояд ва ғайра. Дар сурати хаттӣ бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, харидор тартиби хаттии бастани аҳдро, ки дар КМ ҶТ оварда шудааст бояд риоя намояд.

Бояд таъкид намуд, ки истифодаи васеи шакли стандартӣ, тавсия (намунаҳо) ёфтани хариду фурӯши чакана ба воситаи интернет ба роҳ монда шудааст. Одатан, дар ин ҳолат ашё ба харидор тавассути пур кардани нусхаи электронии стандартӣ (формуляр), ки пас аз бастани шартнома ба фурӯшанда бо роҳи пахш кардани он тавассути компютер, дар экрани он пайдо шуда, баста мешавад.

Дувум, хусусиятҳои тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бо он, алоқаманд аст, ки ин шартномаи оммавӣ мебошад. (қ. 2 м. 560 КМ ҶТ).

Дар қ. 1 м. 488 КМ ҶТ мафҳуми шартномаи оммавӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дода шудааст. Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, бинобар паҳн шудани талаботҳои шартномаи оммавӣ нисбати ин шартнома, ҳуқуқ надорад бо салоҳдиди хеш харидорро интихоб карда, масъалаи бо он бастан ё набастани шартномаро ҳал намояд. Ҳамчунин, ташкилоти тиҷоратӣ, ки яке аз ҷониби шартномаи оммавӣ мебошад.

Шартҳои шартномаи оммавӣ бояд барои ҳама, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ додани имтиёзҳоро барои теъдоди алоҳидаи харидорон муқаррар кардааст, дастрас бошад.

Хусусияти танзими шартномаи оммавӣ дар он аст, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба Ҳукумати ҶТ ваколат дода шудааст, ки қоидаҳои

ҳатмии барои тарафҳои ин шартнома, ҳангоми бастан ва иҷрои онро қабул намояд. Масалан, тибқи қонунгузорӣ Ҳукумати ҶТ ҳуқуқ дорад, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон меъёрҳои алоҳида қабул намояд.

Эътирофи шартномаи оммавӣ, шартномаи хариду фурӯши чакана аст, ки одатан бо истифода аз офертаҳои оммавӣ сурат мегирад.

Ба тамошо гузоштан, намоиши намунаҳои ашё ё додани маълумот оид ба ашёҳои фурӯшӣ (тасвир, феҳрастҳо, аксҳо ва ғайра) дар маҳалли фурӯши он, сарфи назар аз он, ки оё нарх ва дигар шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯш зикр гардидааст ё не ба истиснои ҳолатҳое ки фурӯшанда ашёҳое, ки барои фурӯш таъин нагардидани ашёҳои дахлдорро дақиқ муайян кардааст, офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад. Талабот ба офертаи оммавӣ тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана вобаста ба ҷойи пешниҳоди ашё нисбат ба ин ашё мешавад: берун аз ҷойи фурӯш ва дар ҷойи фурӯш.

Пешниҳоди ашё дар ҷойи фурӯш (дар пештахтаи дукон, дар витринаҳо ва ғайра, намунаҳои онҳо ё додани маълумот оид ба ашё (тавсифи, каталогҳо, расмҳои ашё ва ғайра) дар маҳалли фурӯши онҳо, офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад .

Дар ин ҳолат худи шакли оферта (намоиш дар витрина гузоштани ашё, дар реклама, каталогаҳо) бояд мавриди зикри мавҷудияти чунин ният бошад. Ин қоида баҳри ҳифзи ҳуқуқи харидорон дар шартномаи хариду фурӯши чакана равона шудааст. Ҳамин тавр, тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана аз ягон хусусияти махсус нисбат ба дигар шартнома, вобаста аз ҷорӣ намудани қоидаҳои мазкур танҳо дар шартномаи хариду фурӯши чакана аст.

Бояд қайд намуд, ки офертаи оммавӣ ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли шифоҳӣ (дар радио, телевизион ва ғайра) бастанаш имконпазир мебошад.

Яке аз шаклҳои зуҳури озодии шартнома ҳуқуқи интихоби шартҳо, тағйирёбӣ ва (ё) қатъи шартнома ҳангоми бастани шартнома, уҳдадории сеюм, яъне дар шартнома пешбинӣ шуданаш мумкин аст. Муҳлати амали он

боиси қатъи уҳдадориҳои тарафҳо мегардад. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар баъзе ҳолатҳо дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ, дар бастани шартнома озод мебошанд, агар:

а) манфиат аниқ бошад ва мақсади шахсро оид ба бастани шартнома ифода намояд;

б) ҳамаи шартҳои муҳимро дар бар гирад;

в) ба якчанд шахси мушаххас пешниҳод шуда бошад.

Ҳангоми набудани ҳатто яке аз нишонаҳои дар боло зикршуда, пешниҳод танҳо ҳамчун даъват барои пешниҳоди оферта эътироф карда мешавад. Масалан, реклама ва дигар пешниҳодоте, ки ба гурӯҳи шахсони номуайян манзур шудааст. Пешниҳоди ашё, ки тамоми шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши чакана, пешниҳод дар реклама, феҳраст (каталог) зикргардидаро дар бар гирифтааст, инчунин дигар навъи тасвири ашё, ки ба доираи номуайяни ашхос нигаронида шудааст, офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад.

Масъалаи дигаре, ки барои шартномаи хариду фурӯши чакана муҳим аст, ин ҳам бошад муайян кардани шакли бастани шартномаи мазкур мебошад.

Муайян кардани шакли бастани шартнома на танҳо барои шартномаи хариду фурӯши чакана, балки барои тамоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар қонун шакли бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба монади дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ нашудааст. Барои мисол, м. 607 КМ ҶТ шакли шартномаи хариду фурӯши молумулки ғайриманқулро пешбинӣ менамояд. Аммо, чи тавре ки дар боло қайд кардем, нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана муқаррароти умумии шартномаи хариду фурӯши чакана татбиқ карда мешавад. Мувофиқи м.607 КМ ҶТ шакли шартномаи хариду фурӯшро ҳамин Кодекс ва қонун муайян менамоянд. Аз мазмуни талаботи қ. 1 м. 500 КМ ҶТ метавон хулоса баровард, ки шартнома дар ҳама гуна шакле, ки

барои бастани аҳд дар қонун пешбинӣ шудааст, бастан мумкин аст.

Агар тарафҳо барои дар шакли муайян бастани шартнома ба созиш омада бошанд, ҳарчанд тибқи қонун барои чунин намуди шартнома ин шакл талаб карда нашавад, баъди дар шакли мувофиқашуда пешниҳод карда шуданаш, шартнома басташуда ба ҳисоб меравад. Аз ин ба хулоса омада мумкин аст, ки қонунгузорӣ аз рӯйи принсипи озодана бастани шартнома, ба тарафҳои он имконият медиҳад, ки шакли бастани шартномаро худ интихоб намоянд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки шакли шартнома барои эътибори он, аз ҷумла ҳангоми ба миён омадани ихтилоф байни тарафҳои шартнома дорои аҳаммияти муҳимми ҳуқуқӣ мебошад. Нисбати шакли бастани шартнома талаботи қонунгузорӣ оид ба шакли бастани аҳдҳо паҳн мегардад. Шакли шартномаи хариду фурӯши чаканаро дар иртибот бо шакли аҳд баррасӣ менамоем.

Аз мазмуни м. 267 КМ ҶТ бармеояд, ки аҳд амали иродавии субъектони ҳуқуқи маданӣ мебошад. Иродаи субъектон барои ноил шудан ба оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ равона шудааст. Ирода ва изҳори бастани аҳд як шарти бастани аҳд мебошад. Ирода худ ҳамеша хусусияти субективӣ-равонӣ дошта, баҳри қонеъ гардонидани манфиатҳои субъект равона карда мешавад ва чунин қонеъномоӣ дар шакли зоҳирӣ ифодаёфта он ба изҳори ирода мубаддал мегардад. Изҳори ирода ҳангоми анҷом додани аҳд бо тарзҳои гуногун ифода карда мешавад. Барои он ки иродаи субъектони ҳуқуқи маданӣ дар муомилоти маданӣ мазмуни ҳуқуқӣ пайдо намояд ва оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд оварад, ирода бояд ҳатман изҳор карда шавад. Тарзи ифода ё усуле, ки тарафҳои аҳдкунанда иродаи худро изҳор менамояд, шакли аҳд номида мешаванд.

Дар асоси қ. 1 м. 172 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки «аҳдҳо дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ баста мешаванд» [2]. Ҳамин тариқ, вобаста ба тарзи изҳори иродаи шахсоне, ки аҳд баста, чунин шаклҳои аҳд фарқ карда мешаванд: 1) аҳдҳои шифоҳӣ (даҳонӣ); 2) хаттӣ (одӣ ё нотариалӣ).

Шартномаи хариду фурӯши чакана ҳамчун анъана дар шакли шифоҳӣ баста мешавад. Ҳамчунин аз талаботи қ. 2 ва 3 м. 172 КМ ҶТ бармеояд, ки қонунгузор, инчунин рафтори шахс (амали конклюдентӣ)-ро ва ё сукут (беҳаракати)-ро ҳамчун изҳори ирода муайян намудааст.

Масалан, вақти харидор дар мағоза ҳангоми хариди ашё хомӯшона онро интихоб карда, ба хазина рафта нархи онро пардохт намуда, харидорӣ карда аз мағоза меравад, изҳори ирода оид ба бастани шартнома дар ин ҷо ифодаи шифоҳиро намеёбад, балки аз рафтори харидор бармеояд. Хомӯшӣ, инчунин метавонад воситаи изҳори ирода бошад [103, с. 64].

Тартиби махсуси фурӯши ашё дар асоси намунаҳо дар шартномаи хариду фурӯши чакана мавҷуд аст. Дар ин ҳолат, шартномаи фурӯши чакана метавонад дар асоси шиносоии харидор бо намунаҳои ашёе, ки фурӯшанда пешниҳод кардааст ва дар нуқтаи фурӯши ашё нишон дода шудааст, баста шавад. Шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи ашёҳои аз ҷониби фурӯшанда тавассути каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо, аксҳо, алоқа (телевизион, почта, алоқаи радио ва ғайра) ё бо дигар роҳҳое, ки имконияти бевосита шинос намудани истеъмолкунандаро бо ашё пешниҳод намекунад, баста шуданаш мумкин аст. Шартнома аз лаҳзаи таҳвили ашё ба маҳалли дар шартнома нишондодашуда басташуда ба ҳисоб меравад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин шарт, аз лаҳзаи ба харидор расонидани ашё.

Дар ҳолате, ки дар лаҳзаи пайдо шудан ва қатъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо фарқият вуҷуд надошта бошад, шартномаи хариду фурӯши чакана бояд ҳамеша ба таври шифоҳӣ баста шавад, ба истисноиҳолатҳое ки қонунгузор пешбинӣ кардааст, ки риоя накардани шакли хаттии оддии шартнома боиси беэътибор донистани он мегардад. Аммо, чунин оқибат бояд бевосита дар қонун ё тибқи созишномаи тарафҳо муқаррар карда шавад. Оид ба шартномаи хариду фурӯши чакана айни замон дар қонун чунин нишон дода нашудааст.

Шартнома дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як санади имзокардаи тарафҳо, инчунин бо роҳи мубодилаи аснод аз тариқи почта,

телеграф, телетайп, телефон, алоқаи электронӣ ё дигар навъи алоқае, ки имконияти аз ҷониби тарафи шартнома фиристода шуданашро муътамад тасдиқ менамояд, баста шуданаш мумкин аст (м. 174 КМ ҶТ).

Дар амалия ду шакли хаттии одӣ бастан аҳд бартарӣ доранд: аввал шалки классикӣ, бо роҳи тартиб додани як санади имзокардаи тарафҳои шартнома ва дувум ба воситаи истифодаи алоқаи факсимилӣ.

Аз сабабе ки лаҳзаи бастан ва ҳам лаҳзаи иҷро дар шартномаи хариду фурӯши чакана бо ҳам мувофиқат мекунад, пас тибқи қ. 2 м. 173 КМ ҶТ ҳангоми иҷрои онҳо шартномаи хариду фурӯши чакана шифоҳӣ баста мешавад. Ҳамин тариқ, қонун қоидаҳои махсусро нисбати шакли шартномаи хариду фурӯши чакана муқаррар намекунад, бинобар ин одатан бастани шартномаи хариду фурӯши чакана дар амалия ба таври шифоҳӣ сурат мегирад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана аз лаҳзаи аз ҷониби фурӯшанда додани чек ё расид ё ҳуҷҷати дигаре, ки ба харидор пардохти ашёро тасдиқ мекунад, дар шакли дахлдор басташуда ба ҳисоб меравад.

Набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти ашё харидорро аз ҳуқуқи истинод ба шаҳодат дар тасдиқи далели бастани шартнома ва хизматрасониҳои он маҳрум намекунад.

Хусусияти шартномаи хариду фурӯши чакана дар он аст, ки ҳангоми бастани шартнома риояи шакли махсуси бастани аҳдро, аз қабили бланкаҳо, мухрҳо, имзоҳо ва дигар унсурҳо, ки барои шартномахои дигари ҳуқуқи маданӣ заруранд, талаб намекунад.

Дар шартнома шарти муҳиммро ба созиш омадани тарафҳо оид ба нарх мебошад. Аз ин рӯ, шартномаи хариду фурӯши чакана аз лаҳзаи аз тарафи фурӯшанда ба харидор супоридани пули накд ё гирифтан расиди фурӯш ё дигар ҳуҷҷате, ки пардохти ашёро тасдиқ мекунад басташуда ҳисоб мешавад.

Дар адабиёти илмӣ дар бораи шакли бастани шартномаи хариду фурӯши чакана нуқтаи назари гуногун мавҷуданд.

Одатан дар амалия мушоҳида менамоем, ки шартномаи хариду фурӯши чакана, ба таври шифоҳӣ баста мешавад, зеро иҷрои он ҳамзамон бо бастани он ба анҷом мерасад.

Бо андешаи М.И. Брагинский, В.В. Витрянский «шакли шифоҳии шартномаи фурӯши чакана нисбат ба қоидаҳои умумӣ дар бораи шакли хаттии шартнома истисно мебошад. Зеро бо дарназардошти он ки оферта дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар бисёр ҳолатҳо хаттӣ пешниҳод мегардад (андешаи мазкур дар назар дорад нархномаи ашё, ҳуҷҷатҳои техникии ашёро), пас шартномаи мазкур дар шакли хаттӣ баста мешавад. Шакли хаттии бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, ин истисно дар қоидаҳои ин шартнома мебошад» [63, с. 84].

Н.Ю. Хорошавина дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «ба ақидаи В.В. Витрианский розӣ шудан душвор аст, зеро ба назар гирифтани нархномаи мол, ҳуҷҷатҳои техникии он ва ғайра пешниҳоди шартномаи хариду фурӯши чакана, ҳамчун шакли хаттии бастани шартномаи хариду фурӯш розӣ шудан мушкил аст» [166, с. 157].

Ба андешаи Т.Ё. Абовой чеки хазинадорӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки пардохти маблағи пулии молро тасдиқ мекунад, шакли хаттии шартномаи хариду фурӯши чакана намебошад, аммо дар ҳолате ки, агар лаҳзаи бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯши чакана мувофиқ наоянд, шакли хаттии бастани шартномаи хариду фурӯши чакана риояшуда ҳисоб мегардад, аз лаҳзаи ба харидор додани чеки хазинадорӣ ё ин ки дигар ҳуҷҷате, ки додани маблағӣ молро тасдиқ мекунад [77, с. 32]. Аз муқаррароти КМ ҶТ бармеояд, ки агар дар шартнома ба сифати харидор шаҳрванд баромад кунад, ин талабот паҳн мегардад. Агар ба сифати харидор соҳибкори инфиродӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана баромад кунад, нисбати ӯ талаботи шакли хаттии шартнома паҳн мегардад .

Ҳамзамон манъи истифодаи нишондоди шоҳидон, сабти видео, танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки факти ҳолати бастани шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди баҳс қарор дода шавад. Агар баҳси тарафҳо ба иҷрои шартномаи хариду фурӯши чакана дахл дошта бошад, шартнома

бо пешниҳод кардани баёноти шоҳидон аз тарафи фурӯшанда манъ намегардад. Оид ба шакли ҳаттии нотариалии шартномаи хариду фурӯши чакана дар таҷриба вонамехӯрад, аммо қонунгузор бастани онро дар шартномаи хариду фурӯши чакана манъ накардааст.

Тибқи м. 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи истеъмолкунандагон» истеъмолкунанда ҳангоми хариди ашё ва иҷрои кор ҳуқуқ дорад, ки чеки хазинадорӣ, чеки мол ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти ашёро аз истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда), ба истисnoи соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият мекунанд, талаб намуда гирад. Ин муқаррарот дар Кодекси андози ҶТ низ омадааст.

Ҳангоми фурӯши ашё, дар шартномаи хариду фурӯши чакана, фурӯшанда уҳдадор аст, ки ба истеъмолкунанда чеки ашё ва чеки хазинадориро диҳад. Дар сурати пешниҳод накардани чеки ашё ва чеки хазинадорӣ, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) тибқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Аз ин рӯ шартномаи хариду фурӯши чакана аз лаҳзаи аз тарафи фурӯшанда ба харидор додани чеки ашё ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти ашё, ба истисnoи соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият мекунанд, дар шакли дахлдор басташуда ба ҳисоб меравад.

Набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти ашё, харидорро аз ҳуқуқи истинод ба баёноти шаҳидон маҳрум намекунад. Барои тасдиқи харидории ашё шаҳодат, нишонаҳои унсурҳои маводи борпечонӣ (зарф), ки аз ҳамин фурӯшанда харида шудани ашёро тасдиқ менамоянд ва ҳамчунин ҳуҷҷатҳо ва дигар воситаҳои исботкунандае, ки аз ҳамин фурӯшанда харидорӣ шудани ашёро нишон медиҳанд, истифода шуда метавонанд.

Ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохт (расид ё чеки хазинадорӣ), ки ба шакли хаттии шартнома баробар карда намешавад, аммо метавонад ҳамчун далели ӯ хизмат кунад.

Масъалаи дигар, ин ки оё чеки хазинадорӣ, ки ҳангоми хариди ашё ба харидор дода мешавад, ба талаботи шакли хаттии аҳд ҷавобгӯ мебошад. Тибқи қ. 1 м. 174 КМ ҶТ аҳди хаттӣ бояд бо тартиби додани ҳуҷҷате баста

шавад, ки мазмуни онро ифода карда, аз ҷониби шахс ё шахсони анҷомдодаи аҳд ё шахси ба тариқи дахлдор ваколатдорнамудаи онҳо имзо шудааст.

Дар қонунҳо ва созишномаи тарафҳо мумкин аст талаботи иловагие, ки шакли аҳд бояд ба он мутобиқат намояд (дар бланкаи дорои шакли муайян ба имзо расонидан, мухр гузоштан ва ғайра) муқаррар гардида, оқибати риоя накардани ин талабот пешбинӣ карда шавад. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо чунин оқибат пешбинӣ нагардида бошад, пас оқибати риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ истифода мешавад.

Аз нуқтаи назари КМ ҶТ чеки ашё ва ё чеки хазинадорӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти ашё наметавонад ба шакли хаттии аҳд баробар карда шавад, зеро он ба талаботи шаклии хатти аҳд, ки дар қонун муқарар шудааст, ҷавобгӯ намебошад. Дар ин ҳуҷҷатҳо имзо ё муҳри танҳо фурӯшанда гузошта шуда, имзо харидор дида намешавад. Дар чеки хазинавӣ, имзои ё муҳри фурӯшанда гузошта намешавад, шартномаи хариду фурӯши чакана ба имзои як нафар баста намешавад.

Чеки хазинавӣ – ҳуҷҷати аввалияи ҳисоботии бо тариқи электронӣ ташкилшуда ва (ё) тариқи хаттӣ чопшудаи мошинаи назоратии хазинавӣ, ки ҳисоббаробаркуниро бо пули накд миёни фурӯшанда (ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ва харидор (мизоҷ) тасдиқ менамояд [42].

Мувофиқи м. 38 Кодекси андози ҶТ «Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули накд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ анҷом дода мешаванд» [5].

Аммо на ҳама соҳибкорон дорои мошинаи назоратӣ-хазинавӣ мебошанд. Бинобар ин қ. 2 м. 38 Кодекси андози ҶТ як қатор субъектонро номбар кардааст, ки доштани мошинаи назорати хазинавиро озод менамояд. Ба монанди:

1) Соҳибкорони инфиродӣ (ба истисноӣ фурӯшандагони молҳои зераксизӣ), ки: а) тибқи патент фаъолият мекунанд; б) агар аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии андозсупоранда ба сифати соҳибкори инфиродӣ (ба

истисnoи онҳое, ки тибқи патент фаъолият мекунанд) се моҳ нагузашта бошад.

2) Андозсупорандагон дар ки хизматрасониҳо ба аҳолӣ бо додани расидҳо (квитансияҳо), чиптаҳо, талонҳо, тамғаҳои пардохти почтавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба чекҳо баробаркардашудаи ҳисоботи қатъӣ тибқи шаклҳои тасдиқнамудаи Вазорати молияи ҶТ.

3) Шахсони воқеие, ки маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли худашонро дар бозор ва дигар ҷойҳои махсус ҷудошуда, берун аз биноҳо мефурӯшанд [5].

Дар баробари ин, бо рушди техникаи иттилоотии муосир дар бисёр давлатҳои дунё, аз ҷумла дар ҷумҳурӣ савдои чаканаи электронӣ ривоҷ ёфта истодааст, ки усули хело осони харидани мол мебошад. Акнун харидорро ба воситаи компютер ё телефон ашёи дилхохи худро аз сомонаи интернетии мағозаи электронӣ ба воситаи низоми пардохти электронӣ ҳисоббаробаркунӣ анҷом дода мешавад. Масалан, дар ҶТ мағозаҳои маъруф: «Атлант», «Авранг», «Волна» ва ғайра молҳоро бо ин тарз ба мизоҷонашон пешниҳод менамоянд. Аммо саволе ба миён меояд, ки оё ин шартномаи хариду фурӯши чаканаи ашё, ки тавасути интернет баста мешаванд дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ баста мешавад? Вобаста ба шакли бастани шартнома дар шабакаи ҷаҳонии интернет (аҳдҳои электронӣ) назарҳои гуногун ҷой доранд.

Е.А. Казантсев қайд мекунад: «Ҳар як табодули маълумот дар интернет маҳз ин мубодилаи маҷмуи маълумот, на садо, на тасвир, балки маълумоти рақамӣ, ки дар сатҳи мантиқӣ, маҷмуи рақамҳо мебошанд (ба истилоҳи «коди мошин») ва аз рӯйи физикӣ – маҷмуи импулсҳои электрикӣ (ҳангоми интиқоли тавассути каналҳои алоқа), заряди гуногун минтақаҳои диски магнитӣ (вақте ки дар диски сахти компютер нигоҳ дошта мешаванд), маҷмуи депрессияҳое, ки тавассути лазер дар сатҳи диски оптикӣ сӯзонда шудаанд (CD, DVD). Табдил додани ин маълумотҳои рақамӣ ба матн, тасвир ё садо аллакай дар компютери ниҳоии корбар тавассути дастгоҳи махсус анҷом дода мешавад» [152, с. 113].

Ба андешаи А. Пулатов «аҳдҳои электронӣ дар шакли хаттӣ баста мешаванд, чунки тавассути хатти муайян – рамзҳо ифода карда мешаванд» [141, с. 45-52].

Ш.Қ. Қодиров хусусиятҳои ҳуқуқи мадании тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чаканаро дар шабакаи интернет таҳқиқ намуда, таъкид менамояд : «аҳдҳое, ки дар шабакаи интернет баста мешаванд, бо аҳдҳои шаклашон хаттии одӣ басташуда, баробар мебошанд» [154, с. 169].

Ин андешаи Ш.Қ. Қодировро дастгирӣ намуда, мо низ ҷонибдори он мебошем, ки шартномаи хариду фурӯше, ки тавассути интернет басташуда, дар шаклии хаттии оддӣ баста мешавад. Бояд таъкид намуд, ки муносибатҳо вобаста ба аҳдҳое, ки тавассути интернет ё дигар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ анҷом дода мешавад, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин ба монанди Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» ки аз 24 декабри соли 2022, №1921 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзои электронӣ», ки аз 15 марти соли 2023, №1965 қабул шудааст, ба танзим дароварда мешаванд.

Мутобиқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», ҳуҷҷати электронӣ – маълумоте, ки дар шакли электронӣ пешниҳод шудааст. Шакли электронӣ – маҷмуи технологияҳое, ки барои омода кардан, қабул намудан ва табодули маълумот бо истифода аз имзои электронӣ имкон медиҳанд. Имзои электронии одӣ – маълумоте, ки барои муайян намудани иштирокчии муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ ва иродаи ӯ дар амал ва аҳдҳо (шартномаҳо) имкон медиҳад. Имзои электронии мукаммал – реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки бо истифода аз калиди имзои электронии мукаммал ташаккул меёбад ва барои ҳифзи ҳуҷҷати электронӣ аз қалбакӣ сохтани он равона карда мешавад [28].

Қонун талаботи муайянро нисбати тартиби бастани аҳдҳои электронӣ ва маълумотҳо оид ба иштирокчиёни муомилотро пешбинӣ менамояд. Ин чунин ҳолатро тасдиқ мекунад, ки хариду фурӯши чакана тавассути интернет дар шакли хаттӣ бо воситаи ҳуҷҷатҳои электронӣ баста мешавад.

Аз таҳлили шакли бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба хулоса омадан мумкин аст, ки шартномаи мазкур дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ баста мешавад. Аз он ки шартномаи хариду фурӯши чакана аз кадом лаҳза басташуда эътироф мегардад, ба он вобастагӣ дорад, ки шартномаи хариду фурӯши чакана консенсуалӣ ё реалӣ аст. Шартномаи мазкур аз рӯйи табиати худ музднок, истеъмолӣ, оммавӣ ва консенсуалӣ мебошад, бинобар ин аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафаҳо оид ба шартҳои шартнома басташуда эътироф мешавад.

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меояд, ин ҷой ва лаҳзаи иҷрои уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани ашё аз рӯйи ин шартнома мебошад. Супоридании молҳое, ки мавзуи шартнома мебошанд ва ҳамаи талаботи дар он мавҷудбударо иҷро мекунанд, вазифаи асосии фурӯшанда оид ба шартномаи фурӯши чакана мебошад. Зеро, ки ҳуқуқи моликияти бадасторандаи ашё тибқи шартнома аз лаҳзаи додани он пайдо мешавад. Аз муқаррароти қ. 1 м. 525 КМ ҶТ бармеояд, ки фурӯшанда уҳдадор аст ашё дар шартномаи хариду фурӯш пешбинишударо ба харидор супорад.

Аз муқаррароти қ. 1 м. 295 КМ ҶТ бармеояд, ки супоридани ашё, ба бадастдароранда додани ашё эътироф карда мешавад. Ҳангоми бегонакунии ашё бе уҳдадории расонидан ба бадасторанда он аз лаҳзаҳои зерин додашуда ҳисоб мешавад:

– ба боркашон супоридани ашё барои фиристодан ба бадасторанда;

– ба ташкилоти алоқа супоридани ашё барои ба бадасторанда ирсол намудан.

Ашё аз лаҳзаи воқеан ворид шудан ба соҳибии бадасторанда ё шахси таъинкардаи он ба бадасторанда супоридашуда ҳисоб меёбад.

Оид ба масъалаи лаҳзаи супоридани ашё, муҳлати он ва лаҳзаи супоридани ашё дар шартномаи хариду фурӯши чакана талаботи м. 524, 525, 526 КМ ҶТ паҳн мегардад.

Аксарияти намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана дар як вақт баста ва иҷро карда мешаванд, бинобар ин шартномаҳо дар шакли шифоҳӣ

баста мешаванд. Дар ҳолатҳое ки лаҳзаи бастани шартномаи фурӯши чакана ва лаҳзаи иҷрои он мувофиқ наояд (пардохти муқарраршуда, фурӯши ашё бо қарз, фурӯш бо намуна, тавассути интернет, фурӯш бо шартхои таҳвил ва ғайра), шартнома бояд хаттӣ, аз ҷумла бо истифода аз шаклҳо ё дигар шаклхои стандартие, ки харидор ба онҳо хамроҳ мешавад, баста мешавад. Барои тасдиқи бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ва шартҳои он, фурӯшанда ба харидор чеки ашё ё чеки хазинадор медиҳад, дар ҳоле ки аз ҷониби харидор мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои зикршуда ӯро аз имконияти истинод ба шаҳодати шоҳидон барои тасдиқи бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, маҳрум намекунад.

# БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИИ ФУРӮШАНДА ТИБҚИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА

## 3.1. Рӯёнидани зарари молумулкӣ дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадориҳои фурӯшанда

Дар сурати аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани уҳдадории субъективӣ, нисбаташ ҷавобагарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин шартнома, қонунгузор бо тариқи императивӣ дар нисбати фурӯшанда уҳдадориҳоро муқаррар мекунад, ки ба истеъмолкунанда бояд ашёи сифатан матлубро пешниҳод намояд. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана нисбати фурӯшандагон барои вайрон кардани уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун, ки боиси вайрон шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон мегардад, вобаста дараҷаи хавфнокии кирдори манъшуда ва зарари расонидашуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданиро пешбинӣ менамояд. Чунончи, фиреби истеъмолкунандагон дар м. 294 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷиноят эътироф гардида, фурӯш ва истеҳсоли ашё, ки сертификатсияи ҳатмӣ надоранд дар м. 626 ва фиреби истеъмолкунандагон дар м. 627 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ҷавобгарии маъмурӣ дорад.

Нақши муҳимро дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши ашё, маҳз ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ иҷро менамояд, ки ин воситаи самараноки таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ мебошад. Зеро татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ин омили муҳимми барҳам додани оқибати манфии вайронкунии уҳдадорӣ мебошад.

Ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар таъмини ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон функсияи асосиро иҷро менамояд.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ пешниҳод шудааст.

Ба андешаи Ҳ.Н. Ҳиматов «ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ яке аз институтҳои серпаҳлу ва мураккабтарини ҳуқуқи маданӣ мебошад, бинобар

ин таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёд ба ин мавзуъ, исботи ин гуфтаҳо мебошад [147, с. 86].

Таълимот оид ба ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ва тавсифи он нишон медиҳад, ки мавқеи ягона оид ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ вуҷуд надорад. Инро танҳо бо он нуқтаи назар метавон фаҳмонид, ки масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ яке аз масъалаҳои мураккаби илмӣ мебошад. Ҳамчунин боз бо он ки мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро, олимон аз кадом нуқтаи назар ё паҳлу ин мафҳуми онро пешниҳод менамоянд.

Ф.С. Сулаймонов зикр менамояд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ оқибатҳои ногувори хусусияти молумулкӣ дошта мебошад, ки аз ҷониби давлат ба зиммаи субъекти дахлдор вогузошта мешавад» [90, с. 313].

Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҳуқуқи мадании фурӯшанда, ин оқибатҳои ногуворӣ хусусияти молумулкӣ дошта мебошад, ки аз ҷониби давлат дар сурат иҷро накардани уҳдадории шартномавӣ дар нисбати фурӯшанда вогузошта мешавад.

Таҳлили тафовути ҷавобгарии ҳуқуқи мадании фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана аз дигар намудҳои шартномаҳои маданӣ дар он аст, ки асосҳои ҳуқуқии онро дар баробари меъёрҳои умумӣ ва махсуси КМ ҶТ, шартҳои шартнома, инчунин қонуни соҳавӣ дар ин самт қабул шудааст, пешбинӣ менамояд.

Аксарияти муаллифон эътироф менамоянд, ки ҷавобгарӣ ин чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, аз татбиқ намудани чораҳои манфӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда дар намуди маҳдудияти характери шахсӣ, молумулкӣ ё дигар иборат мебошад ва ҳамзамон ба ҳуқуқвайронкунанда маҳдудиятҳои иловагӣ низ татбиқ карда мешаванд.

Тибқи м. 571 КМ ҶТ ҳангоми аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани уҳдадории шартномаи хариду фурӯши чакана ҷуброни зиён ва пардохти ноустуворона фурӯшандаро аз уҳдадории дар шакли асл иҷро намудани он озод намекунад.

Қонунгузор шаклҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро нисбат ба фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳангоми иҷро накардани

уҳдадориҳояш ва вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунанда пешбинӣ менамояд: ҷуброни зиён, пардохти ноустуворона ва рӯёнидан зарари маънавӣ ва ғайра. Дар ин қисмати таҳқиқоти худ мо ҷавобгарии молумулкии фурӯшандаро баррасӣ менамоем.

Барои таъмини ҳадафҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана нақши ҷавобгарии молумулкии тарафҳои шартнома муҳим мебошад. Ҷавобгарии молумулкии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз намудҳои ҷавобгарии шартномавӣ буда, маънои оқибати ногувори молумулкиро дорад, ки ҳамчун муҷозот дар нисбати ҳуқуқвайронкунанда, яъне фурӯшанда татбиқ карда мешавад. Вай дар шакли товони зиён ва рӯёнидани ноусторона амалӣ мешавад, ки бояд тибқи принсипи «мутобиқати андозаи ҷавобгарӣ ба андозаи зиёни расонида» ҳисоб карда шавад.

Дар асоси қ. 2 м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» фурӯшанда барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) тибқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ё шартнома ҷавобгар мебошад. Агар тибқи қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, зарари ба истеъмолкунанда расида дар ҳаҷми пурра, бо замми ноустуворонаи муқаррарнамудаи қонун ё шартнома ҷуброн карда мешавад. Истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқи товони зарар ва маблағи ноустуворонаро на танҳо аз фурӯшанда, ҳамчунин метавонад аз истеҳсолкунанда низ талаб намояд. Яъне дар ин ҷо то андозае ҷавобгарии муштараки маданӣ дида мешавад.

Рӯёнидани зиён яке аз шаклҳои мустақил ва самароноки ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад, ки дар таҷриба васеъ аз тарафи субъектони ҳуқуқи маданӣ ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояшон истифода мешавад.

Бо андешаи В.В. Богдан «Ҷуброни зиён намуди умумӣ ва асосии ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар гардиши тиҷоратӣ ва муомилоти маданӣ мебошад. Умумӣ аз он сабаб, ки қарздор вазифадор аст ба кредитор зарари дар натиҷаи ҳама гуна иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо

расонидашударо ҷуброн кунад (агар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад). Асосӣ будани ҷуброни зиён дар он ифода меёбад, ки имкон медиҳад бо ин восита тамоми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла функсияҳои ҷуброн намудан, ҳавасмандгардонӣ ва пешгирӣ кардан, пурра иҷро карда шаванд» [148, с. 165].

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҷуброни зиён дар ҳолате ҷой дорад, ки агар зарар дар муҳлати муқарраршудаи хизмат ё коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ) ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда расида бошад, он ҷуброн карда мешавад.

Барои ҷуброни зиён дар шартномаи хариду фурӯши чакана мавҷудияти шартҳои умуми ҷавогарии ҳуқуқи маданӣ, низ ҳатмӣ мебошад. Ба ин шартҳо, (1) амали зиддиҳуқуқӣ, (2) зарари расонидашуда, (3) робитаи сабабии байни кирдор ва оқибати кирдор ва шарти субъективии (4) гуноҳ дохил мешаванд.

Ҷавобгарӣ дар шакли ҷуброни зиён дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар он ҳолат ҷой дорад, ки аз амали зиддиҳуқуқии содиркардаи фурӯшанда ба ҷабрдида воқеан зиён расонида бошад. Зери мафҳуми зиён мувофиқи қ. 2 м. 14 КМ ҶТ «зиён хароҷотест, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида сарф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида сарф намояд, талаф ёфтан ё осеб дидани молумулки он (хисороти воқеӣ), инчунин даромади гирифтанашудае, ки шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии муомилоти маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аздастрафта)» [2].

Аз таҳлили меъёри қонун чунин бармеояд, ки мафҳуми зиён аз ду қисм иборат аст: 1) ҳисороти воқеӣ; 2) фоидаи аз дастрафта. Дар зери мафҳуми ҳисороти воқеӣ хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, инчунин аз даст рафтан ё хароб гардидани молумулки ӯ. Фоидаи аздастрафта бошад, ин даромади бадастнаомадае, ки шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад. Масалан, агар бо гуноҳи фурӯшанда дар

натиҷаи нуқсони моли фурӯхташуда расидааст, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад барқарор намудани харобии расонидашуда (зиёни воқеӣ) ва ҳамчунин талаби пардохти хароҷоти кардаашро, дар вақти барқарор намудани харобии расонидашуда (фоидаи аздастрафта) талаб намояд.

Истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ба товони пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст, ҳуқуқ дорад.

Таҳлили қонунгузорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки истилоҳи зарар ва зиён дар як маъно омадааст. Масалан, дар қонун товони зарари молумулкӣ ва зарари маънавӣ оварда шудаст. Бояд зикр намуд, ки дар КМ ҶТ мафҳуми зарар пешбинӣ нашудааст. Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» истилоҳи зарар чунин омадааст: «Зарар – ин зиён, ҳисорат; газанд, осеб; зарар дидан (кашидан) зиён бурдан» [107, с. 510].

Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки «зарар маънои, кам камкунӣ, ба нести расонидани ҳуқуқи субъективӣ ё нафъи ашхоси алоҳидаро дар назар дорад. Зарар оқибати молумулкӣ ё ғайримолумулкие, ки дар натиҷаи расонидани осеб ё нобуд шудани молумулк, инчунин дар мавриди осеб дидани саломатӣ ё ҳаёти шаҳрванд ба миён меояд, фаҳмида мешавад. Зарар ба молумулк дар шакли осеб дидан, кам шудан, паст гардидани арзиш, нуқсондор шудани шакл ва намуди мол ё нобуд шудани молумулк, расонида мешавад. Зарар ба неъматҳои ғайримолумулкӣ – ин зарар ба саломатӣ ва ё ҳаёти шаҳрванд аст. Зарари маънавӣ – ин зарар ба неъматҳои ғайримолумулкии шахс мебошад» [106, с. 19].

Ба андешаи Н.В. Платов «мафҳуми зарар якранг нест, қатъиян маҳдуд аст ва то ба имрӯз дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифи дақиқи худро наёфтааст. Зарар мафҳуми умумии оқибатҳои манфии амволии ҳуқуқвайронкунанда мебошад» [160, с. 19]. Аз ин ҷиҳат М.М. Агарков зарарро ҳамчун «ҳама гуна кам кардани ин ё он манфиати шахсӣ ё амволӣ» таъриф медиҳад [66, с. 328]. Н.С. Малеин қайд менамояд, ки «таҳти мафҳуми зарар, на танҳо зиён,

ҳамчунин маҷмумуи оқибатҳои номусоиди манфии ҳуқуқвайронкуниро мефаҳманд» [79, с. 88-90].

Дар адабиёти илмӣ одатан зарар ва зиён ҳамчун муродиф истифода мешавад [67, с. 341-342].

Раҳимзода М.З. қайд менамояд, ки «зарар аз рӯйи моҳияти худ метавонад моддӣ ва маънавӣ шавад. Зарари моддӣ (молумулкӣ) дар пурра ё қисман несту нобуд шудани молумулк, шикастан, вайрон шудан ва ғайра ифода меёбад. Зарари маънавӣ дар паҳн намудани маълумоти шаъну шарафи шаҳрванд ё ташкилотро бадномкунанда, инчунин дар расонидани осеби ҷисмонӣ ё маънавӣ ба шаҳрванд, зараррасонӣ ба ҳаёт ва саломатӣ ифода меёбад» [96, с. 20].

Ш.М. Минглиев мафҳуми зарарро, «ҳамчун натиҷаи амалҳои зиддиҳуқуқии шахси зарарасон маънидод менамояд» [134, с. 76-80].

Муҳаққиқони дигар қайд менамоянд, ки «зарар мафҳуми васеъ буда, ба молумулкӣ (амволӣ) ва ғайримолумулкӣ ҷудо мешавад. Зарари молумулкӣ ин оқибатҳои моддии ҳуқуқвайронкунӣ буда, дорои шакли арзишӣ мебошад. Арзиши пулии зарари молумулкиро зиён меноманд» [78, с. 297].

Ба андешаи У.С. Болтуев «бидуни ҷудошавии возеҳи мафҳуми зарар, аз мафҳуми зиён муайян кардан ва арзёбӣ кардани кадом талафот ё зарар ба истеъмолкунанда расонида шудааст, ғайриимкон мебошад. Мафҳумҳои «зарар» ва «зиён»-ро ба ҳам баробар кардан мумкин нест. Зеро ин категорияҳои гуногун ва дорои мақсадҳои мухталиф мебошанд. Дар бисёр ҳолатҳо, ҳангоме, ки ба истеъмолкунанда зарар расонида мешавад, ӯ дарк намекунад, ки ба ӯ зарар расонида шудааст. Инчунин, дар амалияи таҷрибаи судӣ оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, бисёр судяҳо зиёни расонидашударо нодуруст муайян мекунанд, андозаи онро кам менамоянд. Бояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мафҳуми зарар муқаррар шавад» [149, с. 106-108].

Барои истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ҳангоме ба онҳо моли нуқсондор фурӯхта шуда, онҳо зиён мебинанд, агар мол арзиши калон надошта бошанд, кам ҳолатҳо мешаванд, ки ба суд бо

давъво оид ба ҷуброни зиён муроҷиат кунанд.

Бинобар ин, ҳангоми аз тарафи истеъмолкунандагон ба суд пешниҳод кардани даъво пурра талаби товони зиёнро талаб накарда, бештар товони калони зарари маънавӣ талаб менамоянд. Сабаб дар он аст, ки исбот кардани андозаи зиёни расонидашуда ба зиммаи истеъмолкунанда гузошта шудааст. Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Бо ин сабаб истеъмолкунандагон ҳатман ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояшон ду талаби даъвогӣ ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ пешниҳод карда, маблағи калонро талаб менамоянд.

Аз чӣ бошад, ки ин хароҷотҳои кардаашро аз истеҳсолкунанда талаб намекунад. Аз қабили хароҷоти маблағи ташхис, хароҷоти роҳ, вақт ва ғайра. Маҳз ин гаронии исботкунии ҷуброни зиён сабаб мегардад, ки ҳангоми харидани ашёи нуқсондор, ҷуброни зиёнро ба тариқи пурра ба суд муроҷаит карда талаб карда намегиранд. Ин ҳолат сабаби он шудааст, ки дар таҷрибаи истеъмолкунандагон кам ҳолатҳо ёфт мешаванд, ки ҳангоми харидани моли арзишаш кам умуман вайрон шудани ҳуқуқашон товони зиёнро бо тариқи судӣ талаб намекунанд. Бояд зикр намуд, ки дар савдои чакана ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳимояи судро талаб менамояд.

Маълум аст, ки яке аз масъалаҳои мураккаб дар парвандаҳо оид ба ҷуброни зиён дар судҳо, ин исбот кардани андозаи зиёни расонида аз ҷониби тарафҳо мебошад.

Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба зиммаи суд гузошта шуда, як қатор сабукиҳои мурофиавиро ба истеъмолкунанда, дар масъалаи исботкунӣ низ пешибинӣ менамояд. Аз ҷумла, дар м. 18 Қонуни ҳимояи истеъмолкунандагон омадааст, ки фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) -ро ба ҷо меоварад, дар асоси шартномаи байни худ уҳдадоранд ашёи сифати номатлубро аз истеъмолкунанда қабул карда гирад ва дар мавриди зарурӣ сифати ашёро

бисанҷад.

Дар сурати сар задани баҳс доир ба ошкор гардидани нуқсони мол фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшандаро (истеҳсолкунанда)-ро иҷро менамояд, дар асоси шартномаи байни худ уҳдадоранд молро аз ҳисоби худ экспертиза кунанд. Истеъмолкунанда вазифадор намебошад, ки моли сифатан номатлуб харидашро худ аз ташхис гузаронида, боз гунаҳгории фурӯшандаро исбот намояд.

Судҳои салоҳияти умумӣ, ки тибқи м. 24 ва б. 7 м. 31 КММ ҶТ аз рӯйи тобеияти идоравӣ даъвоҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро қабул намуда, суд тибқи талаботи м. 58 Кодекси мазкур онро асос намуда, даъвогар уҳдадор мегардад, ки он ҳолатҳоеро исбот кунад, ки ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ ҳангоми аз ҷониби тарафи дигар мавриди баҳс қарор гирифтани ин ҳолат, ба он истинод менамояд. Ҳол он ки Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» гаронӣ ё бори калони исботкуниро ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба зиммаи фурӯшанда гузоштааст. Аммо дар амалияи судӣ чунин ба назар намерасад. Дар бисёр судҳои шаҳру ноҳияҳо аз сабаби мушкил будани исботкунӣ дар судҳо, истеъмолкунандагон бо даъво ба суд муроҷиат намекунанд.

Барои ҳалли ин мушкилотҳо, равшани андохтан ба қонунҳо ва бартараф намудани ихтилофҳои мавҷуда Суди Олии ҶТ бояд , ки ҷамъбасти амалияи судиро оиди баррасии парвандаҳои оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти санадҳои қонунгузорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон бояд, ки Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи баррасии парвандаҳои маданӣ оид ба ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»-ро қабул намояд. Бояд иқрор шуд, ки амалияи судӣ дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар робита ба бозори босуръат тағйирёбандаи ашёҳои истеъмолӣ, қонунгузорӣ барои зуд ворид намудани тағйиру иловаҳо имкон

надорад, ки дар натиҷа ихтилофи назар дар фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва ҳолатҳои воқеӣ, чораи фавриро талаб мекунанд.

Дигар шакли ҷавобгарии маданӣ, ки хусусияти молумулкӣ дорад, ин пардохти ноустуворона мебошад. Моҳияти ноустуворона – ин ба зиммаи қарздоре, ки уҳдадориро ба таври дахлдор иҷро накарда, онро вайрон мекунад, гузоштани гаронии иловагии амволӣ мебошад. Хусусияти ноустуворона дар он аст, ки хислати ҷаримавӣ дорад. Қонунгузорӣ барои он ки фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана уҳдадориҳояшро ба таври дахлдор иҷро намояд, барои риоя накардани муҳлати талаботи истеъмолкунанда, дар ҳолатҳои муайян пардохти ноустуворонаро пешбинӣ менамояд.

Дар асоси м. 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, барои риоя накардани муҳлати пешбининамудаи м.м. 20, 21 ва 22 Қонуни мазкур, инчунин барои иҷро накардани (боздоштани иҷрои) талаботи истеъмолкунанда, ки бояд моли ҳаммонандро дар давраи таъмир (иваз) кардан ба ӯ пешниҳод намоянд, барои ҳар рӯзи таъхир ба андозаи як фоизи нархи мол ноустуворона пардозад [10].

Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки судҳо парвандаҳои марбут ба талаботҳои даъвогиро оид ба рӯёнидани маблағи зиён ва ноустуворона кам менамоянд ё рад мекунанд. Масалан, шаҳрванд С.М. рӯзи 17 июли соли 2014 аз мағозаи «Плаза» воқеъ дар шаҳри Душанбе як адад телефони мобилии тамғаи «Sony T2»-ро ба маблағи 1849 сомонӣ харидорӣ кардааст. Пас аз як ҳафта телефони мобилиаш вайрон шудааст, яъне худ ба худ хомӯш шуда боз ба кор медаромадааст. Шаҳрванд С.М. маротибаи дуюм телефони харидаашро баргардонидааст. Дар мағозаи ҷавобгар ба шаҳрванд С.М. ваъда доданд, ки телефонашро иваз мекунад.

Шаҳрванд С.М., пас аз як ҳафта барои телефонаш рафтааст, гарчанде ба ӯ ваъда карданд, ки худашон дар тамос мешаванд. Лекин боз мағоза телефони ӯро иваз накарда, ваъда доданд, ки онро таъмир карданд.

Шаҳрванд С.М., ба онҳо бовар карда маротибаи сеюм телефонашро, гирифтааст. Бори дигар нуқсонҳои телефон такрор ёфта, иловатан овозаш гум шудааст. Истеъмолкунанда боз ба мағозаи муроҷиат кардааст. Ба ӯ кормандон гуфтанд, ки раисашон ояд пас телефони ӯро иваз карда, ба хонаш меоваранд. Шаҳрванд С.М. маротибаи чаҳорум баъди занги кормандони ҷавобгар ба мағоза рафтааст.Телефонашро дигар намуда, ба фарсудашуда монанд будааст. Аз ин ҳолат ӯ ғамгин шуда талаб кардааст, ки телефонашро гирифта, ба ӯ телефони нав диҳанд. Кормандони мағоза ба ӯ ба садои баланд ва беэҳтиромона посух доданд, ки «ё ҳамин телефонро мегирӣ ё ҳеҷ чиз».

Барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳояш харидори телефон шаҳрванд С.М. ба ташкилоти Иттифоқи истеъмолкунандагони ҶТ муроҷиат мекунад. Иттифоқи истеъмолкунандагони ҶТ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда С.М. дар марҳилаи тосудӣ бо иддао ба суроғаи ҷавобгар, яъне мағозаи фурӯши телефон муроҷиат кардааст. Аммо ҷавобгар ба иддаои даъвогар ҷавоб нагардонистааст.

Суд қайд мекунад, ки ҳуҷҷати тасдиққунадаи харидории молро надоштани истеъмолкунанда С.М., барои қонеъ нагардонидани талаботи ӯ асос шуда наметавонад.

Суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе санаи 4-уми декабри соли 2015 дар маҷлиси ошкорои суди ноҳия даъворо баррасӣ намуда, ҳалнома қабул мекунад, ки мувофиқи он даъвои Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон ба манфиати истеъмолкунанда Д.Ш. нисбати ҷавобгар ҶДММ «Ренсанс Телеком» дар бораи баргардонидани ашёи дорои сифати номатлуб, маблағи ситонидани зарарӣ маънавӣ ва ҷарима карданд қисман, қонеъ карда шавад.

ҶДММ «Ренесанс Телеком» уҳдадор карда мешавад, ки ашёи сифати номатлуб «Sony T2»-ро гирифта, маблағи 1849 сомонӣ ба манфиати истеъмолкунанда С.М., пурра баргардонад.

Аз ҳисоби ҶДММ «Ренесанс Телеком» истеъмолкунанда зарари маънавӣ ба андозаи 500 сомонӣ руёнида шавад. Даъвои Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон ба манфиати истеъмолкунанда С.М., бо

ҷавобгарии ҶДММ «Ренесанс Телеком» дар бораи рӯёнидани ҷарима рад карда шуд [171].

Таҳлили ҳалномаҳо судӣ ва омӯзиши таҷрибаи мурочиатҳои Иттифоқи истеъмолкунандагон ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба судҳои салоҳияти умумӣ бо даъво оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки дар судҳо зиён ба тариқи пурра ҳамчун дар шакли зиёни воқеӣ ва ҳам фоидаи аздастарафта ба пуррагӣ рӯёнида намешавад.

Дар ҳоле, ки сухан дар бораи ҷуброни зиёни тибқи шартномаи фурӯши чакана дахлдошта меравад, бояд баъзе масъалаҳои мубрамро қайд кард. Аз мушкилоти марбут ба ҷуброни зиён дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ин исботи намудани андозаи зиёни ба истеъмолкунанда расонидашуда мебошад. Аммо шубҳае нест, ки қонунгузор наметавонад намудҳои мушаххаси андозаи ҷуброни зиёнро барои намудҳои мушаххаси ҳуқуқвайронкунии маданӣ муқаррар намояд. Табиист, ки рӯёнидани зиён ба истеъмолкунанда ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳояш дар амал душвориҳоро ба миён меорад. Чун ҳангоми рад намудани талаби пардохти маблағи ноустуворона, истеъмолкунанда бояд, ки ба суд тибқи тартиби қонунгузории мурофиавии маданӣ даъво пешниҳод намояд. Бинобар ин, кам шаҳрвандон, ки ҳангоми харидани ашёи нуқсондор манфиатҳои қонуниашон вайрон шудааст, ба суд даъвои ҷуброни зиёнро менамоянд.

Шакли дигари ҷавогарии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ин ситонидани ноустуворона мебошад. Ноустуврона (ҷарима, пения) маблағи пулии муқаррарнамудаи қонун ё шартнома мебошад, ки қарздор дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, аз ҷумла ҳангоми таъхири иҷрои он, уҳдадор аст ба кредитор пардохт кунад. Ҳангоми таҳлили маблағи ноустуворона дар шартномаи хариду фурӯши чакана, қонунгузор мустақиман муқаррар менамоянд, ки дар кадом ҳолатҳо ин ноустуворона ситонида мешавад.

Яке аз масъалаи асосии руёнидани маблағи ноустуворона, ин ба муайян кардани андозаи он марбут аст. Қонун ҳадди ниҳоии маблағи

ноустуворонаро дар нисбати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана пешбинӣ намекунад. Ин бошад метавонад таъсири худро дар баланд бардоштани нархи мол мегузорад.

Ба ақидаи У.С. Болтуев «набояд аз он ҷиҳат баҳо дод, ки андозаи маблағи ноустуворонаро кам ё зиёд бояд карда шавад, чунки ин тағйиротҳо метавонад, ба тариқи манфӣ ба муносибати амволӣ дар нисбати соҳибкор таъсири худро расонад» [149, с. 115].

Ба андешаи Ш.К. Ғаюрзода ҳама гуна ҷаримаи иловагӣ ба соҳибкор ба хароҷоти ғайриистеҳсолӣ дахл дорад. Дар натиҷа соҳибкорон хароҷоти худро аз ҳисоби истеъмолкунандагон ҷуброн мекунанд. Аз ин рӯ, бо мақсади пешгирии болоравии нархи молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, муайян кардани ҳадди ниҳоии ҷарима мувофиқи мақсад мебошад. Барои ҳамин, мо пешниҳод менамоем, ки вобаста ба ин, «дар қонун ҳадди ниҳоии чунин ҷарима ноустуворона на бештар аз 5 фоизи арзиши молҳо пешбинӣ карда шавад» [122, с. 36-39].

Азбаски ҷарима тибқи қонун муқаррар карда шудааст, шартҳои шартнома, ки маблағи онро кам мекунанд, беэътибор мебошанд (қ. 1 м. 16 Қонун).

Рӯёнидани зиён ва маблағи ноустуворона тибқи қонунгузории ҶТ аз тарафи истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана бе муроҷиат кардан ба суд ва ҳам бо роҳи муроҷиат ба суд ҳал карда мешаванд. Аммо амалия нишон медиҳанд, ки истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши чаканаи моли нуқсондор ва поймол шудани ҳуқуқҳояшон, кам ҳолатҳое ҷой доранд, ки ин нафарон бо даъво ба суд муроҷиат мекунанд. Мушкилотҳо оид ба масъалаи ҷуброни маблағи зиён, маблағи ноусторона ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳангоми муроҷиат ба суд бавуҷуд меояд. Ин ҳам бошад, бори гарони исботкунӣ ва пардохти боҷи давлатии муқаррарнамудаи қонун нисбати даъвоҳои оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунадагон ва мураккаб будани баррасии парвандаҳои маданӣ дар судҳои салоҳияти умумӣ мебошад.

Э.Г. Корнилов, масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар судро дар мисоли ФР мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст ва вобаста ба ин масъала қайд менамояд, ки «бояд, ки баррасии парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва истеҳсолоти судии он осону содда карда шавад. Масалан, кам кардани муҳлати баррасии чунин парвандаҳо дар суд, фавран иҷрои ҳалномаҳо, ба тариқи фармонӣ ҳал кардани парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истъмолкунандагонро пешниҳод менамояд» [155, с. 138-139].

Хулоса татбиқи дурусти ҷавогарии ҳуқуқи маданӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар шароити муосир яке аз воситаҳои муҳимми ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба ашёи босифат ва бехатар буда, роҳи пешгирии муомилоти манъшуда мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуи товони зиён ҳангоми аз тарафи фурӯшанда иҷро накардан уҳдадориҳояш, чунин пешниҳод дорем:

– ҷубони зиёни тибқи қонун бояд, ки дар ҳаҷми пурра (зиёни воқеӣ ва фоидаи аздастрафта) рӯёнида шавад;

– дар намуди рӯёнидани маблағи ноустуворона бояд, ки андозаи ниҳоии он дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррар карда шавад;

– паҳн кардани товони зарар нисбати хамаи иштирокчиёни хариду фурӯш;

– озод кардан аз рӯёнидани боҷи давлатӣ нисбати даъвоҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

– қабул кардани Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи суди оид ба баррасии парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»;

– ҷорӣ кардани ҳалли ғайрисудии ҳалли парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Бояд зикр намуд, ки на ҳамаи истеъмолкунандагон арзандаи дастгирии ҳуқуқӣ мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истеъмолкунандагони

бевиҷдон вуҷуд доранд. Онҳо ҳуқуқҳои худро суиистифода намуда, дар нуқтаҳои хурду калони савдои маишӣ ба дуздӣ ва ё «терроризми истеъмолӣ» машғул мешаванд. Масалан, телевизорро як моҳ истифода мекунад, баъд оварда аз фурӯшанда талаб мекунад, ки пули ӯро баргардонад, ба мақомотҳои давлатӣ арзу шикоят намуда, маълумоти бардурӯғ паҳн мекунад ва ба фаъолияти устувори соҳибкор зарар мерасонад.

### 3.2. Масъалаҳои асосии товони зарари маънавӣ ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аз ҷониби фурӯшанда

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқи маданӣ дар баробари муносибатҳои молумулкӣ, инчунин муносибатҳои ғайримолумулкиро низ танзим менамояд. Зеро ҳуқуқвайронкунӣ дар ин соҳа мумкин аст боиси оқибатҳои номусоиди молумулкӣ гардад. Қонунгузории маданӣ дар баробари ин ҳолатҳо рӯёнидани товони зарари маънавиро низ пешбинӣ менамояд, аз ҷумла ҳангоми ба шаҳрванд дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ расонидани озори ҷисмонӣ ва рӯҳӣ (м.м. 12, 16, 1225-1226 КМ ҶТ).

Дар ҳолати аз тарафи фурӯшанда ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадории субъективӣ мумкин аст ба харидор зарари маънавӣ расонида шавад. Мувофиқи қоидаи умумӣ товони зарари маънавӣ дар ҳамон ҳолат ҷуброн мешавад, ки агар зарар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдона ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонида шуда бошад (м. 16 КМ ҶТ). Аммо дар ҳолатҳои истисноӣ мувофиқи қ. 3 м. 1225 КМ ҶТ зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи амал (беамалӣ)-и вайронкунандаи ҳуқуқи молумулкии шаҳрвандон расонида шудааст, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, ҷуброн карда намешавад. Яке аз ҳамин гуна қонуни истисноӣ м.572 КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мебошад. Моддаи 15 қонуни номбурда, ба харидор ҳуқуқ додааст, ки дар сурати ба ӯ расонидани зарари маънавӣ, товонашро аз фурӯшада бо тариқи

судӣ талаб намояд.

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳангоми аз тарафи фурӯшанда поймол кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда бо расонидани зарар метавонад на танҳо бо оқибати молумулкӣ, балки оқибате, ки азобу шиканҷаи руҳиро нисбати истеъмолкунанда ифода мекунад, оварда расонад. Дар м. 572 КМ ҶТ омадааст, ки «зарари маънавие, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи аз ҷониби фурӯшанда вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ расонида шудааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, товон карда мешавад» (қ. 1 м. 572 КМ ҶТ).

Муқаррар шудани ҳуқуқи истеъмолкунанда оид ба товони зарари маъанавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба назари мо ҳамчун воситаи муҳим ва самаранок дар самти ҳимояи ҳуқуқи онҳо мебошад. Чи тавре, ки дар боло қайд намудем меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, пеш аз ҳама ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона шудаааст, то ин ки ба истеъмолкунанда ашёи хушсифати фурӯхта шавад. Аз тарафи дигар ин як масъулияти иловагӣ барои фурӯшанда (истеҳсолкунанда) дар назди харидор мебошад, ки онҳоро қонун вазифадор менамояд, то уҳдадориҳои худро дар самти фурӯши ашё ба таври дахлдор иҷро намояд.

Аввалин маротиба дар таърихи соҳибистиқлолии кишварамон ҳуқуқи истеъмолкунанда ба товони зарари маънавӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аз 15 майи соли 1997, №438 пешбинӣ гардида, баъдан дар КГ ҶТ пешбинӣ мешавад. Аз ин пеш дар солҳои 90-ум ҳуқуқи товони зарари маънавӣ ба шаҳрвандон ҳангоми нашри маълумоти бардурӯғ дар ВАО дар м. 38 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ин меъёр оварда шуд буд. Тибқи м. 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» : «зарари маънавие, ки ба истеъмолкунанда аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда), бинобар вайрон кардани ҳуқуқи ӯ расидааст ва дар қонунгузорӣ оид ба

ҳимояи ҳуқуқи ӯ пешбинӣ гардидааст, аз ҷониби шахси зараррасонида ҷуброн карда мешавад» [11].

Баъдан ҳуқуқи товони зарари маънавӣ дар м.15 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки аз 9 декабри соли 2004, №72 муқаррар гардида ба танзим даровaрда мешавад. Ҳоло бошад товони зарари маънавӣ ҳамчун тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар м. 11, 16 КМ ҶТ эътироф ва тартибу рӯёнидани он дар моддаҳои алоҳидаи он муқаррар шудааст.

Ҳангоми таҳлили ин масъала як чизро ёдовар бояд шуд, ки ҳуқуқи товони зарари маънавӣ ба истеъмолкунанда новобаста аз ҷуброни зиён дода шуда, он дар шакли пулӣ аз тарафи суд рӯёнида мешавад.

Ҳамин тариқ, товони зарари маънавӣ, яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад. Истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқи товони зарари маънавиро на танҳо аз фурӯшанда, ҳамчунан аз истеҳсолкунандаи ашё низ талаб карда метавонад.

Аз таҳлили ин меъёри қонун ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истеъмолкунанда ҳуқуқи товони зарари маънавиро ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳояш, ки қонун ва шартнома муқаррар намудааст, пайдо мекунад. Ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истемолкунандагон» оварда шудааст.

Барои кушодани моҳияти масъалаи товони зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана мо бояд, аввал мафҳуми товони зарари маънавиро кушоем.

Ҳуқуқи рӯёнидани зарар чораи умумӣ ва муҳимтарини ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки он барои ҳимояи тамоми ҳуқуқҳои субъективии маданӣ истифода карда мешавад. Дар қонунгузории маданӣ мафҳуми зарар оварда нашудааст. Дар адабиёти илмӣ оварда шудааст, ки дар зери мафҳуми зарар, дар ҳуқуқи маданӣ ҳама гуна камшавии неъматҳои шахсӣ ва молумулкиро дар назар доранд. Аз ин ҷо зарари моддӣ ва маънавӣ фарқ

карда мешаванд. Зарари моддӣ ҳама вақт камшавии молумулкиро дар назар дорад.

Дар м. 16 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки «Агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдона ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби рӯҳӣ ё ҷисмонӣ) расонида шуда бошад, суд метавонад шахси гунаҳкорро ба товони зарар уҳдадор кунад» [2]. Аз ин муқарароти қонун метавон хулоса баровstatic, ки ҳуқуқи ҷуброни зарари маъавӣ танҳо ба шахси воқеӣ дар натиҷаи вайронкунии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш, инчунин дигар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун, аз тариқи судӣ, дар шакли пулӣ ҷуброн карда шавад. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқи товони зарари маъавиро танҳо истеъмолкунанда, ин ҳам шахси воқеӣ ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳояш дар асоси талаботи м. 572 ва м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» пешбинӣ менамояд.

Мувофиқи талаботи КМ ҶТ неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро бегона намудан ва бо тарзҳои дигар гузашт намудан мумкин нест, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар намудааст. Неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо қонун ҳифзшаванда дар Конститутсия ва КМ ҶТ номбар шудаанд. Ин ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, қадр, номус, номи нек, озодӣ, дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, сиррӣ шахсӣ ва оилавӣ мебошад. Яъне зарари маънавӣ, пеш аз ҳама ба ҳуқуқҳо ва неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ зарар мерасонад.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода «дар қонунгузории граждани, зарари маънавӣ ҳамчун азоби ҷисмонӣ ё рӯҳие фаҳмида мешавад, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқи шахсии ғайримоддӣ ё ба неъматҳои дигари ғайримоддии ба шаҳрванд таҳдидкунанда расонида шудааст. Хусусияти хоси зарари маънавӣ аз он иборат аст, ки тағйиротҳои манфӣ дар шуури ҷабрдида ба вуҷуд омада, шакли ифодаёбии зоҳирии он аз хусусияти рӯҳии инсон сахт вобастагӣ дорад» [142, с. 29-33].

Бояд гуфт, ки институти товони зарари маънавӣ дар қонунгузории кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ мустаҳкам шуда, ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Дар тафовут ба ҷуброни зиён (зарари молумулкӣ), ки аниқ муайян ва рӯёнида шуда метавонад, товони зарари маъанвиро муайян намудан мушкил аст. Зеро аниқ ва дуруст муайян намудани азоби ҷисмонӣ ва руҳӣ, оқибатҳои он ва рӯёнидани зарари расонидаи онҳо хело мушкил мебошад. Бинобар ин, тибқи қонун танҳо шакли пулии расонидани зарари маънавӣ имкон дорад, ки эҳтимолан ин барои ба вуҷуд овардани эҳсосоти мусбат, то андозае бартараф намудани азобҳои ҷисмонӣ ва руҳии дидаи ҷабрдида равона шудааст.

Муайян намудани мазмуни зарари маънавӣ ҳамчун азобу шиканҷа маънои онро дорад, ки амалҳои зараррасон бояд ҳатман дар шуури ҷабрдида инъикос ёбанд, аксуламали муайяни равониро ба вуҷуд оранд [114, с. 10-11].

Дар баробари ин тағйиротҳои номусоиди неъматҳои бо қонун ҳимояшаванда ба вуқуъ омада, дар шакли эҳсосоти манфӣ (азобу шиканҷаҳои ҷисмонӣ) ё таассуроти манфӣ (азобҳои рӯҳӣ) дар шуури инсон инъикос меёбанд. Мазмуни ғаму андӯҳ, таассуроти тарс, шарм кардан, хиҷолатзада шудан, пастшавии обрӯ ё дигар ҳолати номусоиди дар рӯҳи инсонӣ ба вуҷуд меомада, ба вуҷуд меояд. Маълум аст, ки ҳама гуна амал ё беамалии зиддиҳуқуқӣ барои ҷабрдида метавонад азобҳои рӯҳии андозаи гуногундоштаро ба вуҷуд оварад ва ӯро пурра ё қисман аз солимӣ, беҳбудии равонӣ маҳрум созад, ҷабрдидаро гирифтори маҳдудиятҳо гардонад.

Дар кишвари мо то ҳол Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ оид ба таҷрибаи судии татбиқи зарари маънавӣ қабул нашудааст. Паҳлуҳои алоҳидаи товони зарари маънавӣ, дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТаз 14 июни соли 2013, №3 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунҳое, ки муносибатҳоро оид ба уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд» оварда шудааст. Азбаски расонидани зарар ба ҳаёт ё

саломатии шаҳрванд манфиати шахсии ғайримоддии ӯро халалдор сохта, азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мерасонад, ҷабрдида дар баробари товони зарари молумулкии расонидашуда, ҳуқуқ ба товони маънавӣ низ дорад [169]. Аммо ин масъалаҳои ҳуқуқиии товони зарари маънавиро, ки дар таҷриба судӣ вобаста ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон ҳангоми хариду фурӯши чакана ба миён меояд, санади мазкур тавозеҳот намедиҳад.

Зарари маънавӣ дар шаклҳои зарари рӯҳи ва ҷисмонӣ ифода меёбад. Зарари маънавӣ, хусусан дар инҳо ифода ёфта метавонад: дар азияти руҳӣ дар он ифода меёбад, ки эътибори шахсро паст мезанад, шахсро дар ҳолати ногувор қарор медиҳад, бинобар аз даст додани наздикон, имконнопазирии идома додани ҳаёти фаъолонаи ҷамъиятӣ, аз даст додани ҷойи кор, ифшо шудани сирри оилавӣ, тиббӣ, паҳн гардидани маълумотҳои ба ҳақиқат номувофиқ, ки шаъну шараф ё эътибори кории шаҳрвандро паст мезананд, бинобар маҳдудидаятҳои муваққатӣ ё маҳрум кардан аз ин ё он ҳуқуқ, дарди ҷисмонӣ аз маъюбшавӣ ё дигар зарарбинии саломатӣ, ё ин ки бинобар беморшавӣ дар натиҷаи азобу шиканҷаҳои рӯҳӣ ва дигар азиятҳо.

Зарари маънавӣ бо сабаби кашидани дард ва ё бинобар беморшавӣ дар натиҷаи кашидани азобҳои рӯҳӣ дар эҳсос кардани ғаму андӯҳ ифода ёфта, имкони товони зарари маънавии дуюмин (иловагӣ) ҷой дошта метавонад. Масалан, агар дар натиҷаи пешниҳод намудани маълумоти ба ҳақиқат мувофиқатнакунандаи фурӯшанда ҳангоми хариди ашё, фиреб додани он шахс ғаму андӯҳ (азоби рӯҳӣ) кашад ва дар натиҷаи ин фишорбаландии ҷараёнии пуршиддатро бо ҳис кардани дард аз сар мегузаронад (азоби ҷисмонӣ), пасон бинобар беморшавӣ ғаму андуҳ эҳсос менамояд (азоби рӯҳии дуюм), пас яқин эътироф кардан мумкин аст, ки зарари маънавии маҷмуӣ бо кирдори зиддиҳуқуқӣ дар намуди паҳн намудани маълумоти ба ҳақиқат номувофиқ, дар робитаи сабабӣ қарор дорад. Ҳамин гуна ҳолат, инчунин, дар ҳолате низ рӯх медиҳад, агар зарари маънавии ибтидоӣ дар намуди азобҳои ҷисмоние ифода ёбад, ки боиси азобҳои рӯҳӣ гардида бошанд [114, с. 11-12].

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «азоби ҷисмонӣ» мазмунан бо мафҳумҳои «зарари ҷисмонӣ» ё «зарар ба саломатӣ» мувофиқ намеоянд. Азобҳои ҷисмонӣ – ин яке аз шаклҳои зарари маънавии дарназардоштаи қонунгузорӣ мебошад. Дар ҳоле ки зарари ҷисмонӣ ин ҳама гуна тағйиротҳои манфии дар организми инсон бамиёномада мебошад, ки барои фаъолияти хуби биологии организм монеагӣ менамоянд. Вале худи фаъолияти хуби биологии организм чист? Ин ҷараёни аз нуқтаи назари тиб муътадили тамоми равандҳои психофизиологӣ дар организми инсон мебошад.

Зарари ҷисмонӣ – ин аз нуқтаи назари илмӣ-табиӣ зарари моддӣ ва ҳамзамон ғайримолумулкӣ мебошад. Тағйиротҳои манфӣ дар организм сурат мегиранд, яъне дар соҳаи моддии ҷабрдида, зери таъсири омилҳои беруна. Ин тағйиротҳо дар навбати худ ба тағйиротҳои манфӣ дар беҳбудии равонӣ (психикӣ) ва (ё) дар соҳаи молумулкии инсон оварда мерасонанд ва ё метавонанд сабаби он шаванд.

Тағйиротҳои манфӣ дар беҳбудии равонӣ дар азиятҳо (зарари маънавӣ) ифода ёфта метавонанд, вале тағйиротҳои манфӣ дар соҳаи молумулкии инсон бошад, дар хароҷотҳои вобаста баислоҳкунӣ ё товони функсионалии норасоиҳо дар организми ҷабрдида ва аз даст додани даромад (зарари молумулкӣ) ифода ёфта метавонанд. Бинобар ин, ҳама гуна зарари ҷисмонӣ аз нуқтаи назари товони он ба зарари маънавӣ ва зарари молумулкӣ ҷудо мешавад [124, с. 20-21].

Товони зарари ҷисмонӣ тариқи товони зарари молумулкӣ вобаста шуда, барои бартараф ё паст кардани вайроншавии кори организм ва ё зуҳуроти берунаи онҳо равона шудааст. Дар ҳоле ки товони зарари маънавӣ барои бартараф кардан ё аз байн бурдани ғаму андӯҳ ва азобҳои вобаста ба расонидани зарар ба ҷисми инсон нигаронида шудааст.

А.М. Эрделевский қайд менамояд, ки «азбаски зарари маънавӣ дар аксуламалҳои равонӣ (психикӣ)-и ҷабрдида ифода меёбад, дурусттар мебуд, ки агар ба ҷойи мафҳуми «зарари маънавӣ» мафҳуми «зарари равонӣ» истифода шавад. Дар чунин ҳолат зарар ба чунин намудҳо тақсим мешуд: молумулкӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ. Магар бо номгӯйи мазкур тамоми зарарҳои

имконпазир хотима ёфта метавонад? Яқинан, ин савол бояд инкор карда шавад» [114, с. 14-15].

Зарари маънавӣ ба андешаи мо, ин кашидани ранҷу азоби руҳиву ҷисмонӣ мебошад. Маҳз чунин таърифи зарари маънавиро қонунгузор дар м. 16 КМ ҶТ ҷорӣ намудаст. Вале саволе ба миён меояд, ки оё чунин номгузорӣ кардани азобҳо комилан мувофиқ аст? Чӣ тавр чунин муайянкунӣ бо фаҳмиши зарар ҳамчун камшавии неъматҳои бо қонун ҳифзшаванда мувофиқат карда метавонад?

Чи тавре ки қайд кардем, зарари маънавӣ, ҳангоми вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ низ ба миён меояд, инро мо дар мисоли шартномаи хариду фурӯши чакана метавонем баррасӣ намоем.

Бояд зикр намуд, ки КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба таври умумӣ муқаррар кардааст, ки зарари маънавие, ки ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқҳои пешбининамудаи истеъмолкунанда ба ӯ расонидааст, аз ҷониби гунаҳкор ҷуброн карда мешавад.

Аммо таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии танзими товони зарари маънавӣ ва омӯзиши амалияи судии кишвар нишон медиҳад, ки оид ба масъалаи товони зарари маънавӣ ва механизми амалисозии ин тарзи ҳифзи ҳуқуқ ва ҷузъиётҳои алоҳидаи он, то андозае такмилталаб мебошанд. Ба андешаи мо маҳакҳои аниқи товони зарари маънавӣ бояд дақиқ ҷой дошта бошанд, ки дар асоси он истеъмолкунанда ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояш товони онро бо тариқи судӣ талаб карда тавонад.

Албатта қонунгузории ҶТ дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст, вале то ҳанӯз ҳам дар самти талаб кардани товони зарари маънавӣ аз тарафи истеъмолкунандагон масъалаҳое мавҷуданд, ки бояд дар оянда ҳалли худро ёбанд. Онҳоро дар иртибот бо шартномаи хариду фурӯши чакана баррасӣ мекунем.

Масъалаи дигаре, ки бояд мавриди баррасӣ қарор диҳем, ин муайян кардани субъект, шарт ва андозаи товони зарари маънавӣ дар шартномаи

хариду фурӯши чакана мебошад. Ин масъалаҳоро дар КМ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.

Аз муқаррароти м. 16 ва 572 КМ ҶТ муайян мегардад, ки танҳо ба истеъмолкунанда – шахси воқеӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқи товони зарари маънавӣ дода шудааст. Аз ин ҳолат хулоса карда мешавад, ки дар КМ ҶТ мафҳуми истеъмолкунанда ба маънои шахси воқеӣ фаҳмида мешавад, ки дар тавофут аз шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ осебпазир аст. Аз мазмуни м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» омадааст, ки «истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие баромад мекунад, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд» [10]. Дар мафҳуми додашудаи истеъмолкунанда, мавқеи қонунгузор дар мавриди ба истеъмолкунанда характери универсалӣ дошта, хилофи м. 16 ва м. 572 КМ ҶТ мебошад, зеро дар КМ ҶТ истеъмолкунанда маънои шахси воқеӣ дорад. Мувофиқи қ. 3 м. 560 КМ ҶТ «муносибатҳои хариду фурӯши чакана бо иштироки харидор – шахси воқеӣ, ки бо ҳамин Кодекс пурра танзим нашудаанд, бо қонунгузорӣ танзим мешаванд» [2]. Яъне дар КМ ҶТ ба истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳояш ҳуқуқҳои иловагӣ дар намуди товони зарари маънавӣ дода аст.

Ба андешаи Ш.К. Ғаюрзода «заифии истеъмолкунандаро давлат ба инобат гирифта ва ба усулҳои гуногуни танзимӣ, манфиатҳои қонунии инсонро муайян ва ҳимоя мекунад. Дар ҳолати истеъмолкунанда эътироф шудани шахсони ҳуқуқӣ ин маъни аҳаммияти худро гум мекунад» [122, с. 36-39].

Б.А. Ҳабибов қайд менамояд, ки «ҳуқуқҳои ширкатҳоро (шахсони ҳуқуқӣ) ҳама вақт ҳуқуқшинос ва иқтисодчиёни пуртаҷриба муҳофизат

менамоянд. Истеъмолкунанда бошад, ин гуна муҳофизатчии касбиро надорад ва ҳуқуқҳои худро бояд мустақилона ҳифз намояд» [85, с. 5].

Ҳамин тавр, аз таҳилили м. 16 КМ ҶТ дида мешавад, ки соҳаи татбиқи товони зарари маънавӣ ҳамчун тарзи ҳимояи ҳуқуқи маданӣ нисбати шаҳрвандон бо ду ҳолат маҳдуд шудааст: Аввал ин, ки ҳуқуқи талаби товони зарари маънавиро танҳо шахсони воқеӣ доранд, ба суд даъво пешниҳод карда метавонанд, чунки шахсони ҳуқуқӣ азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ кашида наметавонанд. Яъне, азобу шаканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ҳамчун нишонаи зарари маънавӣ хоси шаҳрванд мебошад. Дуюм ин, ки вайрон кардани ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи истеъмолкунандагон, чун қоида хислати шахсии ғайримолумулкиро бояд дошта бошад. Аз дигар тараф шахси ҳуқуқӣ ҳамчун истеъмолкунанда азоби рӯҳию равонӣ дида наметавонад, зеро ҳолати равонӣ ва ҷисмонӣ хоси инсони комил мебошад. Ҳуқуқу неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ хоси инсон мебошад.

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми баррасии мавзуи товони зарари маънавӣ бояд муайян гардад, шартҳое мебошад, ки дар натиҷаи онҳо истеъмолкунанда ҳуқуқи товони зарари маънавиро пайдо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки товони зарари маънавӣ ба намуди уҳдадориҳое, ки бинобар расонидани зарар ба миён меоянд, дохил шуда нисбати ба он муқаррароти боби 66 КМ ҶТ паҳн мегарад. Ба мисли дигар уҳдадориҳои боби мазкур, зарари маънавӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 2 м. 1125 КМ ҶТ, дар ҳолати мавҷуд будани гуноҳи расонандаи зарар, аз ҷониби он товон карда мешавад.

Ба таври умумӣ асосҳое, ки шахс ҳуқуқи товони зарари маънавиро дорад, дар м. 1225 КМ ҶТ пешбинӣ карда шудаааст. Аз мазмуни м. 572 ва м. 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бармеояд, ки истеъмолкунандагон ҳуқуқи товони зарари маънавиро ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояшон ва мавҷудияти гуноҳи фурӯшанда, пайдо мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба истеъмолкунанда имконият медиҳад, ки дар сурати

вайрон кардани ҳуқуқҳои худ, сарфи назар аз ҷуброни зиёни моддӣ, ҳуқуқи талаб кардани товони зарари маънавиро амалӣ намояд. Дар тафовут аз ҷуброни зиён, ки дар он ҷо принсипи ҷуброни пурраи зиёни молумулкӣ муқаррар шудааст, нисбати товони зарари маънавӣ ин принисип татбиқ нашуда, дар ин ҷо андозаи товони зарари маънавӣ, вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расондани азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ, муайян карда мешавад.

Мувофиқи м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», омадааст, ки «истеъмолкунандагон ҳуқуқ доранд: ба бехатарии мол; ба моли босифат; ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; ба маълумот доир ба мол ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он; ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ); ба интихоби озоди мол; ба сифати муносиби мол [10, с. 5]. Қонун дар фарқият аз қонунгузории дигар давлатҳо поймол кардани кадом ҳуқуқи мушаххаси истеъмолкунандаро, ки дар натиҷаи он харидор ҳуқуқи товони зарари маънавӣ талаб менамояд, ба таври аниқ номбар накардааст.

Барои талаб намудани товони зарари маънавӣ истеъмолкунанда бояд, ки гуноҳи фурӯшандаро дар поймол шудани ҳуқуқҳояш ва зарари маънавии дидаашро дар суд исбот намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар тавофут аз қонуни кишвар дар қонунгузории Ҷумҳурии Украина дар кадом ҳолатҳо истеъмолкунанда ҳуқуқи товони зарари маънавиро соҳиби мегардад, ба таври мушаххас пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, мувофиқи зербанди 5 б. 1 м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 12 майи соли 1991, №1023-XII (бо иловаҳои минбаъда) муқаррар шудааст, ки «истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад товони ҷуброни зарари молумулкӣ ва товони зарари маънавиро, ки дар натиҷаи камбудиҳои мол (нуқсони мол) ба истеъмолкунанда расидааст, аз рӯйи қонун метавонад талаб намояд» [52].

Ин маънои онро дорад, ки мувофиқи қонуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони Ҷумҳурии Украина, истеъмолкунанда ҳуқуқи

рӯёнидани зиён ва товони зарари маънавиро танҳо дар ҳолати мушаххасе, ки қонун муқаррар кардааст, яъне агар зарар дар натиҷаи камбудиҳои мол (нуқсони мол) расидааст, ҳуқуқ дорад. Ҳангоми вайрон кардани дигар ҳуқуқҳои истеъмолкунанда (масалан, вайрон кардани муҳлати иҷрои кор, вайронкунии ҳуқуқ ба иттилоот), товони зарари маънавӣ пешбинӣ нашудааст.

Дар ҶТ ба истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана барои вайрон кардани дилхоҳ ҳуқуқҳояш, метавонад, ба ғайр аз ҷуброни зиён, товони зарари маънавиро талаб намояд. Ин бартарии қонунгузории кишвар моро дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нишон медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мешавад, ки амали зиддиҳуқуқии аз тарафи шахси расонандаи зарари маънавӣ дорои оқибати ҳуқуқӣ мебошад, агар: 1) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандро вайрон кунад, ки объекти он ҳам неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳам натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ мебошад; 2) ба неъматҳои ғайримоддии шаҳрванд (ҳаёт, саломатӣ, номус ва ғайра) таъсири манфӣ расонад; 3) дар дигар ҳолатҳои пешбининамуда қонун [81, с. 418].

Шарти дигар барои талаби товони зарари маъанавӣ, мавҷудияти зарари маънавӣ мебошад. Мувофиқи қ. 1 м. 1189 КМ ҶТ, зараре, ки бо амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ ба шахс ё молу мулки шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, давлат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад. Мафҳуми зарари маънавиро мо дар қисмати аввал мавриди баррасӣ қарор додем.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар парвандаҳо оид ба товони зарари маънавӣ – ин исбот намудани зарари маънавии ба истеъмолкунанда расонида мебошад, ки хусусияти ғайримоддӣ дорад. Истеъмолкунанда ҳуқуқи товони зарари маънавиро ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳояш ба воситаи пешниҳоди аризаи даъвогӣ ба судҳои салоҳияти умумӣ аз шахси фурӯшанда

(истеҳсолкунанда), ки ҳуқуқҳояшро вайрон кардааст, талаб карда метавонад. Мувофиқи қ. 7 м. 31 КММ ҶТ «даъво оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мумкин аст ҳамчунин ба суди маҳалли истиқомати даъвогар ё маҳалли бастани шартнома ё иҷро намудани он пешниҳод шавад» [7].

Пас аз мурочиат кардан ба суд уҳдадории исбот намудани далели расонидани зарар ва андозаи товони маънавӣ дар мурофиаи маданӣ ба зиммаи даъвогар ҳамчун тараф гузошта мешавад.

Масъалаи дигаре, ки аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад, ин муайян намудани андозаи товони зарари маънавӣ дар парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад. Товони зарари маънавӣ аз тарафи суд дар шакли пулӣ руёнида мешавад. Тибқи муқаррароти қонун андозаи товони зарари маънавӣ, пеш ҳама аз хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон аз ҷониби суд, муайян карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки КМ ҶТ андозаи ҷуброни зарари маънавиро вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое ки, агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарар бояд хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида, талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шавад. Агар ҳангоми поймол кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда, ба саломатии ӯ зарар расонида бошад, зарари маънавӣ, новобаста аз гуноҳи фурӯшанда ситонида мешавад.

Аз таҳлили қонунгузории кишвар метавонем хулоса барорем, ки номгуи маҳаки ягонаи расмии баҳои андозаи товони зарари маънавӣ муайян нашудааст. Бо ин сабаб судҳо ҳангоми муайян намудани андозаи товони зарари маънавӣ, онро вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расондани азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси товон бошад, муайян менамоянд.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода «набудани маҳаки ягонаи муайян кардани андозаи зарар мақомоти судро ҳангоми барраси парвандаи товони зарари маънавӣ дар ҳолати мураккаб мегузорад. Аз ин ҷо вобаста ба ҳамон як маҳак дар назария ақидаҳои гуногуни ба ҳам мухолиф, дар таҷрибаи судӣ нобоварибахшонаи татбиқи муқарраароти қонун ҳангоми ҳисоб кардани андозаи товони зарари маънавӣ, ба салоҳдиди худ дорад» [142, с. 29-33].

Дар қонунгузории ҶТ дар муқоиса бо кишварҳои хориҷӣ андозаи товони зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое ки, агар гуноҳи асосӣ ҷуброн бошад. Баҳогузории ин талабот ба зиммаи судҳо гузошта шудааст. Дар амалияи судҳои Тоҷикистон оид ба баррасии парвандаҳои оиди товони зарари маънавӣ ҳангоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки чунин парвандаҳо дар судҳои шаҳру ноҳияҳо хеле кам мавриди баррасӣ мегарданд. Албатта, ин аз омилҳои гуногун ба монанди надонистани донишҳо оид ба ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва мушкилии исбот кардани ин даъво дар судҳо низ вобастагӣ дорад. Аммо новобата аз ин, дар дар таҷрибаи судҳои баъзе шаҳру ноҳияҳо даъвоҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо даъвои товони зарари маънавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст, ки мо ҳалномаи яке аз ин судро дар ин қисмати кор дар робита бо мавзуъ таҳлил намудем.

Аз ҷумла, омӯзиши ҳалномаҳои судҳои кишвар ва таҷрибаи муроҷиатҳо ба Иттифоқи истеъмолкунандагон оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон доир ба парвандаҳои товони зарари маънавӣ нишон медиҳад, ки судҳо ҳангоми баррасии чунин даъвоҳо ва муйян кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ, пеш аз ҳама зарари ҷисмонии ба шаҳрвандон расонидашударо ба инобат мегиранд. Чунончи, суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе баррасии парвандаи мадании дар маҷлиси ошкорои судӣ, аз 18 декабри соли 2017, бо даъвои Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон ба манфиати истеъмолкунанда Д.Ш.

нисбати ҷавобгар ҶДММ «Покиза-М» дар бораи рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ, мавриди баррасӣ қарор дода муайян кард, ки шаҳрванд Д.Ш. рӯзи 27-уми апрели соли 2017, аз мағозаи хӯрокворӣ воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳофизи Шерозӣ 16, барои хӯроки бегоҳирӯзӣ ҳасибча бо панир истеҳсоли ҶДММ «Покиза-М»-ро ба маблағи 15 сомонӣ харидорӣ намудааст.

Ҳангоми дар хонааш буридани ҳасибча дар дохили он ҷисми бегонаи сиёҳ ба монанди ҳашарот ба назар расидааст. 28-уми апрели соли 2017 истеъмолкунанда Д.Ш., ҳасибчаро ба Маркази ташхиси Агентии «Тоҷикстандарт» бурда, хоҳиш кардааст, ки он аз ташхис гузаронида шавад. Маркази ташхиси «Тоҷикстандарт» сифат ва бехатарии ҳасибча бо панирро, аз санҷиш гузаронида, хулоса пешниҳод намудааст, ки «аз рӯйи нишондодҳои сифат ва бехатарии талабот ҳуҷҷатҳои меъёрии ТУ 9213 РТ 0929641, 031-2007, регаменти техникии ҶТ 010-2016 «Бораи бехатарии маҳсулоти хурокворӣ», бинобар мавҷуд будани магас, мутобиқ нест».

Дар асоси ин хулоса шаҳрванд Д.Ш.Ш. санаи 5-уми майи соли 2017 ба суроғаи ҷавобгар ҶДММ «Покиза - М» бо иддаои хаттӣ оид ба товони зиён муроҷиат карда, дар он ҳолати кор ва талаботи иддаоро дарҷ намудааст. Вале ҷавобгар ҶДММ «Покиза»-ба иддаои ҷавобгар ҷавоб намедиҳад. Баъдан шаҳрванд Д.Ш., ба ташкилоти Иттифоқи истеъмолкунандагон муроҷиат карда, хоҳиш кардааст, ки ба манфиати ӯ ба суд нисбати ҶДММ «Покиза-М» бо даъво дар бораи рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ пешниҳод намоянд.

Иттифоқи истеъмолкунандагон барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунанда Д.Ш. ба суди ноҳияи Шоҳмансур ба манфиати шаҳрванд Д.Ш.Ш. бо ҷавобгарии ҶДММ «Покиза-М» бо даъвои дар бораи рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ муроҷиат менамояд. Дар суд даъвогар бо назардошти ҳолати бавуҷудомада даъвояшро дасгирӣ намуда, ваҷҳ меорад, ки аз ҷониби ҷавобгар ҶДММ «Покиза-М» талаботи м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истъмолкунандагон» вайрон шудааст ва ба истеъмолкунанда Д.Ш., зарарӣ моддӣ ва маънавӣ расонида шудааст, вазъи

саломатии номбурда вайрон шуда, наметавонистааст, ки ягон намуди ҳасибчаро истеъмол намояд. Аз суд даъвогар хоҳиш менамояд, ки аз ҳисоби ҷавобгар ҶДММ «Покиза-М» ба манфиати ӯ зарари моддӣ ба анозаи 15 сомонӣ ва зарари маънавӣ бо маблағи 20000 сомонӣ рӯёнида шавад.

Тибқи м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» зараре, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи бозпас гирифтани мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст, бояд аз тарафи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) пурра ҷуброн карда шавад. Суди ноҳияи Шоҳмансури ш.Душанбе санаи 18 декабри соли 2018 дар маҷлиси ошкорои судӣ даъворо баррасӣ намуда, маводҳои парвандаро омӯхта, баёноти тарафҳо ва шоҳидонро шунида, маводи парвандаи маданиро санҷида, ба делелҳои мавҷуда баҳои ҳуқуқӣ дода, ба чунин хулосае меояд, ки даъвои Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон ба манфиати истеъмолкунанда Д.Ш. нисбати ҷавобгар ҶДММ «Покиза-М» қисман қонеъ карда шавад. Аз ҳисоби ҷавобгар ба манфиати истеъмолкунанда Д.Ш.Ш. зарарӣ моддӣ ба андозаи 15 (понздаҳ) сомонӣ ва зарари маънавӣ ба андозаи 1500 (як ҳазору панҷсад) сомонӣ руёнида шавад. Асос, ҳалномаи Суди ноҳияи Шоҳмансури ш.Душанбе аз 18 декабри соли 2017, дониста шавад [172] .

Аз омӯзиши ҳалномаи мазкур дида мешавад, ки суд ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарари маънавӣ, он ҳолатро ба инобат мегирад, ки дар натиҷаи ин ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба истеҳсолкунанда зарари воқеӣ расонида нашудааст. Яъне суд ба он ҳолат баҳои ҳуқуқӣ медиҳад, ки истеъмолкунанда пас аз харидан ҳасибчаро нахӯрда, бемор нашудааст. Яъне суд ҳангоми муайян кардани андозаи зарари маънавӣ, дар бисёр ҳолатҳо дараҷаи азоби ҷисмонии шахсро ба назар мегирад. Аммо ҳолати аз тарафи фурӯшанда ва истеҳсолкунанда, ба истеъмолкунанда расонидаи зарари равонӣ ва исбот шудани гуноҳи ӯро ба инобат намегирад.

Аз таҳлили ҳалномаҳои судҳои ҶТ оид ба ҷуброни зарари маънавӣ, ки руёнида мешавад, дида мешавад, чун қоида, аз тарафи суд андозаи товони зарари маънавӣ баъзан кам карда мешаванд ва бо вуҷуди он, ки маблағи дар даъвои истеъмолкунандагон пешбинишуда оқилона аст ва аз доираи адолат

берун намеояд. Таҳлил ва асоснокунии андозаи ҷуброни зарари маънавӣ беҳад мушкил аст.

Беҳуда нест, ки савол дар бораи самаранокии товони зарари маънавӣ ҳамчун роҳи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар шартномаи фурӯши чакана ба миён меояд. Фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана нисбати харидорон ҳангоми баррасии даъво оид ба ҷуброни зарари маънавӣ аз тарафи суд, аз ҳуқуқи суд барои кам кардани андозаи ҷуброни маънавӣ, ки ҳамеша дар мурофиаи судӣ истифода мешавад медонад, аммо истеъмолкунандагон, ки ҳуқуқи худро барои ҷуброни зарари маънавӣ медонанд, метавонанд маблағи калонро талаб кунанд.

Ҳамзамон ҳангоми вайрон кардани хуқуқи истеъмолкунанда аз тарафи судҳо азоби рӯҳии ба шахси истеъмолкунанда расидаро, кам ба инобат мегиранд ва андозаи маблағи товони зарари маънавиро кам мекунанд. Мувофиқи сархати 6 б. 33 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 14 июни соли 2013, №3 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунҳое, ки муносибатҳоро оид ба уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд, ба танзим медароранд» оварда шудааст, ки «Муайян кардани андозаи ҷуброни зарар бо дарназардошти талаботи оқилона ва одилона, инчунин судҳо бояд дараҷаи вазнинии ҷароҳат, дигар осеби саломатӣ, ҳолатҳои дигаре, ки оид ба азобҳои ҷисмонӣ ва маънавии ҷабрдида шаҳодат медиҳанд ва бо дарназардошти вазъи молумулкии зараррасон, дараҷаи гуноҳи ҷабрдида ва дигар ҳолатҳои мушаххасро ба назар гиранд» [169].

Мувофиқи қ. 2 м. 1226 КМ ҶТ «андозаи товони зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расондани азоби рӯҳӣ ё ҷисмонӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси товон бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад» [2].

Ҳамзамон бояд зикр намуд,ки хусусиятҳои азоби рӯҳӣ ё ҷисмонии зарари дида аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи

он зарари маънавӣ расонида шудааст ва ҳолатҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешавад.

Ба андешаи А.Э. Эрдалевский «зери мафҳуми хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида дар маънои м. 151 ва м. 1101 КМ РФ ҳолати исботшавандае фаҳмида мешавад, ки суд бояд бо тарзҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавӣ муқаррар намояд ва ҳангоми баҳо додани дараҷаи воқеии азоби ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, инчунин муайян кардани андозаи товони дахлдор ба назар гирад» [114, с. 186].

М.З. Раҳимзода вобаста ба ин масъала қайд менамояд, ки «хусусиятҳои инфиродии шахс, чандон хусусияти баҳои моддии шахс набуда, балки хусусияти рӯҳии шахс мебошад» [142, с. 29-33].

Мувофиқи КМ ҶТ ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарари маънавӣ, суд гуноҳи шахси қонуншикан, дараҷаи азоби ҷисмонӣ ва рӯҳиро, ки бо хусусиятҳои инфиродии шахси зарардида ва инчунин табиати ин уқубат фаро гирифта мешавад, ба назар мегирад. Ҳамзамон, КМ ҶТ ҳеҷ гуна қоидаҳоро барои истифодаи меъёрҳои номбаршуда барои муқаррар кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ надорад.

Ба андешаи Л.А. Шашкова «ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ ба назар гирифтани ҳолати амволии зараррасон ва ҷабрдида ҳатмӣ аст» [176, с. 18].

Ҳамзамон, қонунгузории маданӣ ҳангоми муайян кардани андозаи зарари маънавӣ масъалаи ба назар гирифтани ҳолати моддии шахси зараррасон ва ҷабрдидаро ҳал накардааст. Масалан, ҳангоми ҷуброни зарари маънавӣ дар ИМА, пеш аз ҳама, вазъи молиявии шахси ҷавобгар ба назар гирифта мешавад. Мувофиқи мақсад мебуд, ки ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ, ба ғайр аз меъёрҳои зикршуда, судҳо бояд ҳар вақт ҳолати амволи даъвогар ва ҷавобгарро, тавре ки дар кишварҳои дигар ба назар гирифта шудаанд, ба назар гиранд.

Хулоса, омӯзиши масъалаи товони зарарӣ маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана нишон медиҳад, ки товони зарари маънавӣ ҳамчун чораи ҷавобгарӣ, тарзи самараноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

мебошад. Ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқи онҳо, ки дар натиҷаи он ҳуқуқҳои шахсӣ-ғайримолумулкии шахс зарар, яъне азоби ҷисмонӣ ва ё равонӣ мебинад, аз тарафи фурӯшанда дар шартномаи мазкур аз тариқи судӣ, дар шакли пулӣ ҷуброн карда мешавад.

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ҳуқуқи товони зарари маънавиро танҳо яке аз истеъмолкунандагон – шахсони воқеӣ доранд. Зарари маънавӣ дар шакли пулӣ ҷуброн карда мешавад. Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шавад. Мушаххасоти ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонида шудааст ва хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешавад.

Омӯзиши таҷрибаи судҳо оид ба баррасии парвандаҳо дар хусуси даъвоҳои оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо талаби товони зарари маънавӣ нишон медиҳад, ки яке аз мушкилот ҳангоми пешниҳод кардани даъво дар судҳо, ин аз тарафи истеъмолкунандагон исбот кардани товони зарар маънавӣ ва андозаи он мебошад.

Новобаста аз ин, товони зарар, воситаи самарноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад, ки дар шартномаи мазкур муқаррар шуда, қонун ба истеъмолкунанда ҳамчун тарафи заиф дар ин шартнома додааст. Зеро харидор – истеъмолкунанда ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқҳояшон аз тарафи фурӯшанда дар баробари зарари молумулкӣ (зиён), инчунин товони зарари маънавиро талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз мавҷудияти маҳакҳои муайян кардани андозаи зарари маънавӣ, таҷрибаи судӣ оид ба масъалаҳои рӯёнидани зарари маънавӣ бо маблағи пулии мушаххас ҳатто дар парвандаҳои бо ҳам монанд хело гуногун мебошад.

Ҳамчунин новобаста аз он ки қонун ба истеъмолкунандагон дар мавриди вайрон шудани ҳуқуқҳояшон аз тарафи фурӯшандагон, истеҳсолкунандагон, ҳуқуқи товони зарари маънавиро додааст кам нафарон аз ин ҳуқуқ истифода мебаранд.

Ҳамин тариқ метавон хулоса бароварад, ки агар дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба харидор – истеъмолкунанда ҷониби фурӯшанда дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳояш манфиати шахсии ғайримоддиашро халалдор сохта, азоби ҷисмонӣ ва руҳӣ расонад, харидор – шахси воқеӣ, дар баробари ҷуброни зарари моддӣ, ҳуқуқ ба товони зарари маънавӣ низ дорад.

# ХУЛОСА

**Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия хулосаҳои илмию амалии зерин мураттаб гаштанд**.

1. Муносибатҳои байни фурўшандаи касбӣ (соҳибкорон) ва истеъмолкунандагоне, ки ашёро барои эҳтиёҷоти шахсӣ мехаранд, тавассути шартномаи хариду фурўши чакана, ки яке аз шартномаҳои асосии ҳуқуқи маданӣ мебошанд, танзим карда мешавад. Аломатҳои хоси шартномаи мазкур, ин мақоми махсуси ҳуқуқии фурўшанда ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ ва мақсади қатъии пешниҳод кардани ашё ба истиснои истифодаи он дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Хусусияти танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурўши чакана дар он ифода меёбад, ки он барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони ниҳоии ашё дар тафовут аз дигар намудҳои шартномаҳои хариду фурўш нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ шартномаи мазкур ҳамчун воситаи муассири дастгирии ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон хизмат мекунад [1,6-М].

2. Шартномаи хариду фурўши чакана бо воситаи низоми бисёрсатҳаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим карда мешавад, ки қонунгузорӣ ва ҳам санадҳои зериқонуниро дар бар мегирад. Низоми танзими ҳуқуқии шартномаи мазкур хусусияти мураккабу омехтаро дорад, меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро муттаҳид менамояд. Муқаррароти ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ ҳамдигарро пурра намуда, танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқии муносибатҳои дар доираи ин шартнома бавуҷудомадаро таъмин мекунад. Дар танзими шартномаи хариду фурўши чакана санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар сатҳи гуногун қабулкардашуда амал менамоянд. Санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқии характери императивӣ дошта, ин шартномаро ба танзим медароранд. Новобаста аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда дар самти танзими навъҳои алоҳидаи ин шартнома холигӣ ҷой дорад. Зарур аст, ки ин

холигӣ бартараф карда шуда, ба санадҳои меъёрии алоҳида тағйирот дароварда шавад ва ё аз нав қабул карда шаванд [8, 9, 15-М].

3. Муаллиф қайд менамояд, ки шартномаи хариду фурӯши чакана маъмултарин шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки намудҳои гуногун он дар амалия истифода мешавад. Баъзе намудҳои онҳо дар Кодекси мадании ҶТ номбар шудааст. Ба ин намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, фурӯши ашё бо истифодаи воситаҳои худкор, шартнома бо шарти ба харидор расондани ашё, шартнома бо шарти аз ҷониби харидор дар муҳлати муайян гирифтани ашё, фурӯши ашё тибқи намунаҳо дохил мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ин номгӯи пурраи навъҳои шартнома фурӯши чакана ё шартҳои ин шартнома мавҷуд нест.Таснифи намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана метавонад аз рӯйи маҳакҳо, аломатҳои гуногуни шартнома, анҷом дода шавад [2-М].

Бояд гуфт, ки ба сифати маҳаки таснифоти шартномаи хариду фурӯши чакана хусусиятҳои муҳимми шартнома (лаҳзаи бастани шартнома, шакл, тартиби бастан ва ғайра) шуда метавонад. Кодекси мадании ҶТ шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҷудо намудааст.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки намудҳои алоҳида ин шартнома дар сатҳи зарурӣ танзим нашудаанд.

4. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ба монанди дигар намудҳои шартномаи хариду фурӯш, фурӯшанда ва харидор мебошанд. Ба сифати фурӯшанда дар шартномаи мазкур – ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки ашёро тибқи ин шартнома ба истеъмолкунанда мефурӯшанд, баромад мекунанд. Аммо ба назари мо м. 560 Кодекси мадании ҶТ ба тариқи аниқ тарафҳои шартномаро муайян накардааст, ки ин амалияро душвор мегардонад. Ҳамзамон муайян кардани тарафи фурӯшанда дар ин шартнома аҳаммияти муҳим дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дорад.

Дуруст муайян кардани мақоми фурӯшанда ба харидор имконият медиҳад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳояшро, ки қонун пешбинӣ намудааст, ба пуррагӣ амалӣ намоянд. Аз таҳлили шартномаи хариду фурӯши чакана ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки доираи фурӯшандагони ин шартнома нисбат ба шартномаи маҳсулотсупорӣ маҳдудтар мебошад. Зеро ки меъёрҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана танҳо дар ҳолати муайян кардани тарафҳо, мавзуъ ва мақсади ин шартнома вобастагӣ дорад. Харидор ба сифати истеъмолкунанда, шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ баромад менамоянд, ки ашёро барои мақсади истифодаи шахсӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, харидорӣ менамояд [3, 5-М].

5. Муаллиф мавзуи шартномаро таҳқиқ намуда қайд менамояд, ки мавзуи ин шартномаро ашёи истеъмолӣ ташкил медиҳад [5-М].

6. Мазмуни ин шартнома аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳои он иборат буда ва ҳамчун ҳуҷҷати танзими инфиродии тарафҳои он фаҳмида мешавад. Аз таҳлили мафҳум ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро дар ин шартнома муайян мекунанд, метавон ба чунин хулоса омад, ки аксар уҳдадориҳоро дар шартномаи мазкур қонун ба зиммаи фурӯшанда гузоштааст. Мақсади ин меъёрҳо ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда мебошад. Муаллиф уҳдадориҳои фурӯшандаро дар ин шартнома таҳлил намуда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд:

а) пеш аз бастани шартнома

б) ҳангоми бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯши чакана ба миён меоянд [10,13 -М].

7. Муаллиф қайд менамояд, ки нисбати тартиби бастани шартнома хариду фурӯши чакана қодаҳои умумӣ оид ба тартиби бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ паҳн мегардад. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана, фурӯшанда ҳамеша ташаббус гирифта, ба харидор ашёро пешниҳод мекунад ва харидор бошад, ин бо шартҳо пешниҳоди фурӯшандаро қабул карда, бо ин шартнома ҳамроҳ мешавад.

Ба ақидаи муаллиф бастани шартномаи хариду фурӯши чакана – ин натиҷаи созиши тарафҳо аз рӯйи ҳамаи шартҳои муҳимми шартнома мебошад, ки тибқи шакли дахлдор ба расмият дароварда шуда ба қонунгузорӣ асос меёбад. Шартномаи хариду фурӯши чакана ҳамчун анъана дар шакл шифоҳӣ баста мешавад. Аз сабабе ки лаҳзаи бастан ва ҳам лаҳзаи иҷро дар ин шартнома бо ҳам мувофиқат мекунанд, пас тибқи қ. 2 м. 173 Кодекси мадании ҶТ ҳангоми иҷрои онҳо, ин шартнома шифоҳӣ баста мешавад.

